*Мирзо Абдулқодири БЕДИЛ*

# РУҚАЪОТ

Маҷмӯъаи номаҳои Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720), ки бо номи «Руқаъоти Бедил» маъруф аст, яке аз бахшҳои муҳимми мероси адабии ӯ маҳсуб мешавад. Номаҳои шоир, ки наздик ба 300 адад мебошанд, ба одамони касбу кори гуногун – шоирону олимон, амирону вазирон, косибону ҳунармандон, дӯстону шогирдон, хешу ақрабо ва дигарон навишта шудаанд. Қисме аз номаҳо, тахминан 65-70 адади онҳо, номаҳои ҷавобианд, яъне дар ҷавоби номаҳои ба Бедил ирсолшуда иншо гардидаанд. Мазмунҳои беш аз бист нома иборатанд аз шукри эҳсон ва атоҳое, ки аз ҷониби ҳомиён ва шогирдони шоир ба ӯ эҳдо шудаанд. Ва ниҳоят, ба миқдори хеле кам, ҳамагӣ ҳафт нома, аз номи дигарон ё худ бо хоҳиши дигарон ба таҳрир расидаанд.

Номаҳои Бедил дар кори тадқиқи ҳаёту осори худи шоир, робитаи ӯ бо шоирони муъосири хеш, муносабаташ бо табақаҳои гуногуни ҷамъият, аз ҷумла, бо ҳокимони замонаш, аҳамияти зиёде доранд. Онҳо дар кори пажуҳиши андешаҳои иҷтимоъию ахлоқӣ, адабию эстетикӣ ва афкори гуманистии шоир низ басо муфид мебошанд. Номаҳо барои равшан намудани лаҳзаҳои алоҳидаи муҳити адабии асри шоир, такмил ва шарҳу тавзеҳи ҷараёни зиндагии баъзе адибони номашҳур низ аз манфаъат холӣ нестанд.

Дар номаҳои Бедил ҳодисаву воқеъаҳои зиёди таърихӣ, аз ҷумла, ҷангҳои дохилӣ дар кишвари Дакан, шуруҷҳои халқӣ дар шаҳри Матҳро ва ноҳияҳои атрофи он, муборизаи қавмҳои меву роҷпут ва нарука ба муқобили ҳукумати марказӣ низ инъикос ёфтаанд, ки бозтоби онҳоро дар асарҳои таърихии асри шоир камтар мушоҳада мекунем.

Номаҳои Бедил намунаи барҷастаи насри маснуъи мусаҷҷаъи замони шоиранд. Забон ва услуби онҳо басо мураккаб ва печдарпеч мебошад. Душвории забон ва услуби номаҳо ба ҳаддест, ки дар сурати набудани унвонҳои онҳо, фаҳмидани маънои диқақашон хеле душвор ва ҳатто ғайри мумкин аст. Беҳуда нест, ки устод Айнӣ дар рисолаи маълум ва машҳури хеш «Мирзо Абдулқодири Бедил» (Сталинобод, 1954, саҳ. 99, 101) услуби насри шоир, хоса, услуби номаҳояшро, дар назар дошта, забони осори ӯро «душвортарин забони адабии тоҷик» донистааст. Устод Айнӣ навиштааст, ки «забони насри Бедил аз ҳад зиёда душвор аст. Ҷумлаҳои дарози силсиладор бо ташбеҳҳои мураккаб ва истиъораҳои печдарпеч насри ин адиби душворписандро ба дараҷаи нофаҳмоӣ расонидаанд».

Як ҷиҳати хуби номаҳои Бедил ин аст, ки унвонҳои қисме аз онҳо ифодагари мазмунҳои мухтасари онҳо низ мебошанд. Дар ин гурӯҳи номаҳо фаҳмидани матлаби шоир нисбатан осон аст. Номаҳои «Ба шоҳ Аъзамшоҳ, ки ҳақиқати орзуи фақир дархостанд», «Ба Шукруллоҳхон, дар арзи сиҳҳати худ ва изҳори назми «Гули зард», «Ба Шукруллоҳхон, дар арзи таърихи фатҳи подшоҳ ва инфиъоли таърихи фатҳи Хонихонон, ки ба ҳасби иттифоқ бар забон гузашта буд», «Ба Шукруллоҳхон, ҳангоме ки фақир аз Матҳро ба Деҳлӣ расид ва наввоб Оқилхонро дид», «Ба Шокирхон, ҳангоме ки аз Дакан аз подшоҳ барои фақир милк гирифтанд. Агарчи фақир қабул накард, аммо шукри эҳсон ба ҷо овард», «Ҷавоби Чинқиличхонбаҳодур Хонидаврон, дар мутолаъаи ашъори эшон ваислоҳи он ва дохили девон намудан, ки пеши фақир гузошта буданд» аз ҳамин қабил номаҳо мебошанд.

Гуфтан лозим аст, ки ҳангоми тадқиқ ва омӯзиши номаҳои Бедил як монеъае пеш меояд, ки равшан кардани баъзе масъалаҳоро як дараҷа душвор мегардонад. Гап дар сари он аст, ки баъзе адресатҳои шоир ном ё худ хитобҳои якхела доранд. Масалан, яке аз дӯстон ва ҳомиёни асосии Бедил наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ (ваф.1696) ва писари бузурги ӯ Лутфуллоҳхон дар қисме аз номаҳои шоир бо як хитоб – бо хитоби Шукруллоҳхон ёд шудаанд. Танҳо дар чанд номае, ки дар онҳо дар хусуси ҳардуи Шукруллоҳхонҳо сухан рафтааст, Шукруллоҳхони писар бо номи Шукруллоҳхони Сонӣ омадааст. Сабаби бо як хитоб ёд шудани ду адресат ин аст, ки Лутфуллоҳхон баъд аз вафоти падараш, аниқтараш, дар соли 1114 (1702-1703) бо фармони подшоҳи вақт Аврангзеби Оламгир (1658-1707) бо хитоби падар мухотаб гардида буд. Ҳар номае, ки баъд аз санаи мазкур ба Лутфуллоҳхон содир шудааст, дар «Руқаъот» ба унвони «Ба Шукруллоҳхон» омадааст. Ҳатто баъзе номаҳое, ки пеш аз хитоби нави Лутфуллоҳхон ба ӯ ирсол шудаанд, дар вақти ба тартиб овардани «Руқаъот» ба хитоби нави ӯ тағйири унвон кардаанд.

Ҳамин гуна ҳодисаро дар номаҳои ба писари хурдии Шукруллоҳхони Хофӣ – Карамуллоҳи Ошиқ ирсолшуда низ дидан мумкин аст. Карамуллоҳи Ошиқ низ пас аз вафоти ҷадди модариаш Оқилхони Розӣ (ваф. 1696) ба хитоби ӯ, яъне Оқилхон, мухотаб гардида буд. Ва дар «Руқаъот»-и Бедил номаҳои ба ӯ содиршуда ба ду унвон – ба унвони «Ба Караммуллоҳхон» ва ба унвони «Ба Оқилхон» дарҷ гардидаанд. Дар ҳоле ки номаҳои ба Оқилхони Розӣ ирсолшуда низ ба унвони «Ба Оқилхон» омадаанд.

Адресатҳои ҳамноми Бедил баъзе аз тазкиранависонро ба иштибоҳ низ мувоҷеҳ намудаанд. Чунончи, тазкиранигори маъруфи асри XVIII Ғуломъалихон Озоди Балгиромӣ ҳардуи Шукруллоҳхонҳоро як шахс пиндошта, дар савонеҳи наввоб Шукруллоҳхони Хофӣ навиштааст, ки муддатҳо ҳокими Сарҳинду Майвот ва Саҳоранпур буд.

Шукруллоҳхони Хофӣ, воқеъан, ҳукуматҳои Сарҳинду Майвотро дар ихтиёр дошт. Вале ӯ ҳеҷ гоҳ ҳокими Саҳоранпур набуд. Ҳокими Саҳоранпур писари ӯ Шукруллоҳхони Сонӣ буд.

Ҳодисаи махлут кардани ду Шукруллоҳхон дар рисолаҳои устод Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил» (Сталинобод, 1954), Холида Айнӣ «Бедил ва маснавии ӯ «Ирфон» (Сталинобод, 1956), Абдулғанӣ «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобул, 1351) ва Асадуллоҳ Ҳабиб «Бедил шоири замонаҳо» (Кобил, 1363) низ ба назар мерасад. Ин муаллифон, дар асоси як номаи Бедил (номаи «Дар танбеҳи Шоҳиди мулҳид»), ки дар он дар хусуси писарони наввоб Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонию Шокирхон сухан рафтааст, Шукруллоҳхони Сониро наввоб Шукруллоҳхон пиндошта, иштибоҳан навиштаанд, ки наввоб Шукруллоҳхон яке аз шогирдони Бедил аст. Дар ҳоле ки наввоб Шукруллоҳхон то замони ошноӣ бо Бедил, яъне то соли 1096 (1685), аз ҷумлаи шоирони маъруфи аср маҳсуб мешуд ва аз ҷиҳати синну сол низ аз Бедил чандин сол бузургтар буд. Дар осори Бедил ба далеле дучор намеоем, ки ба масъалаи шогирди Бедил будани Шукруллоҳхон далолат намояд. Баръакс, лаҳзаҳоеро мушоҳада мекунем, ки Бедил дар пайравии ин ё он асари Шукруллоҳхон шеър мегӯяд, ин ё он шеъри худро барои ислоҳ ба ӯ мефиристад. Масалан, дар номае ду байти як ғазалро ба Шукруллоҳхон равон карда, дар баробари хоҳиши ислоҳи онҳо, таъйид кардааст, ки ин байтҳо дар пайравии як шеъри Шукруллоҳхон эҷод шудаанд. Бедил дар ин нома навиштааст: «Ба Шукруллоҳхон. Шерозабанди нусхаи зуҳур беш аз ин ба тафриқаи аҷзои бедилон розӣ

мабод. Мутатаббаъи (дар пайравии – Б.Р.) афкори гавҳарнисор (яъне ашъори Шукруллоҳхон – Б.Р.) ду байт ба таҳрири ниёз меорад ва аз мутолаъаи ислоҳоро таваққуъи пирояи қабул дорад».

Комилтарин маҷмӯъаи номаҳои Бедил нашри кобулии онҳост, ки 285 мактубро дарбар дорад (ниг. Куллиёти Бедил дар чор ҷилд. Ҷилди 4, Кобул, 1344 ш).

Нашри теҳронии «Руқаъот», ки такрори нашри зикршудаи Кобул аст, табиъист, ки аз 285 нома беш надорад (ниг. Осори мансури Бедили Деҳлавӣ, Теҳрон, 1380 ш).

Дар таҳияи матни «Руқаъот» ба расмулхати имрӯза, ки инак манзури хонандагони гиромӣ мегардад, нашри кобулии куллиёт, бо назардошти мукаммал ва нисбатан саҳеҳ буданаш, асоси кор қарор гирифтааст. Дар мавридҳои зарурӣ аз нашрҳои Сафдарию лакҳнавии куллиёт ва чанд нусхаи хаттии «Руқаъот», аз ҷумла, нусхаҳои №№2559, 2501 Институти шарқшиносии АИ ҷумҳурӣ ва нусхаҳои №№ 822, 1653 Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсии Тоҷикистон низ истифода кардаем.

*Бобобек Раҳимӣ*

**РУҚАЪОТИ БЕДИЛ**

Аҷзи маротиби ҳамду сано таслими боргоҳи самаде, ки хомаро дар маъракаи оғози санояш аз нуқта сипар андохтан асту суханро дар ҷавлонгоҳи андози ҳамдаш аз хат бо нафаси сӯхта пардохтан.

Ниёзи таҳоифи салавот назри ҷаноби шоҳиде, ки анҷумани сози вуҷуд, ҳар ҷо ба шамъафрӯзии ҳусни камол мепардозад, аз оинадорони партавӣ шуҳуди ӯст ва чамани тирози зуҳур, ҳар куҷо ғунчаи диле ба бӯи нафас мерасонад, аз хамёзапироёни ҳасрати дуруди ӯ.

Аммо баъд Бедили маҳҷур, ки дар муҳити дилҳои гавҳарманзил мушти хошокаш ғуборнишини соҳили фаромӯшист ва ба маҳрумии кафи[1] бедаступо, оворагарди ҳукми берунҷӯшӣ, бо вуҷуди шикастадилӣ, чун мавҷ, ҳама тан забони саност ва бо камоли ҳайратнигоҳӣ, чун ҳубоб, саропо дасти дуъо. Агар ба арзи иштиъоли[2] шуълаи орзу пардозад, саводи номаро, чун дуди оҳ, ҳавой месозад ва агар аз таярони[3] ҳасрати дидор таҳрир намояд, хутути мистар, чун риштаи нигоҳ, боли ваҳшат мекушояд. Роҳи ташнагиҳои зулоли висол ба сароби мавҷи сутур бастан муҳол ва шуълаи таманнои дидор ба нами равонии ирсоли макотиб аз по нишондан ваҳму хаёл. То мутриби сози қосиду пайғом тори забонро ба мизроби ҳамкаломӣ нанавозад, тасаллии қонуни бетобӣ оҳангест мавҳум ва кушоиши печутоби мактуб, то ба пардаҳои дида табдил наёбад, шерозаи парешонии нусхаи интизор хаёлест маъдум. Яъси матлаб ба ин навҳа шуълабез аст ва доғи ҳасрат ба ин надомат оташангез:

Қитъа:

*Шабнами аз чашмаи хуршед дур афтодаро,*
*То нафас дорад, назар бар ашк бояд дӯхтан.*
*Шохи аз гулбун ҷудо, ҳар ҷо мижа во мекунад,*
*Дар назар чизе надорад, ҷуз ғубори сӯхтан.*

Арзи матолиб, ки ибтизоли[4] девони русум дошт, ба мутолаъаи замони мувосалат вогузошт. Кудурати шабҳои интизор ба тулӯъи субҳи ҳузур муртафаъ[5] бод.

1. ИРСОЛИ «ТИЛИСМИ ҲАЙРАТ» БА НАВВОБ ШУКРУЛЛОҲХОН[6]

Бар оинаи маънинамои ҳақиқатогоҳон пӯшида нест, ки дар чорсӯи олами зуҳур ҳеҷ гавҳаре ба қиммати имтиёз фоиз нагашт,[6а] то манзури соҳибназаре нагадид ва ҳеҷ эътибор кайфияти обрӯ ҳосил накард, то ба нашъаи қабули муътабаре нарасид. Дар ин рӯзгор ҷамъе, ки аз таровати ранги алфоз назаре об медиҳанд, лавҳи тамиз яккалам аз дарки маъонӣ шустаанд ва гурӯҳе, ки ба бӯи фаҳми маънӣ кӯси тардимоғӣ мезананд, рангинии ниҳоли иборат аслан дар назари инсофашон наруста. Бар ин тақдир, маънӣ замзамаест, муҳтаҷиби сози мавҳум ва иборат созе, муштамил бар нағамоти номафҳум.

Қитъа:

*Баски нуқсон бо мизоҷи халқ дорад иртибот,*
*Аз камоли ҷомеъият оламе бегона монд.*
*Масти ботин маънӣ андешид бе осори лафз,*
*Маҳви зоҳир лафз диду ҳарфе аз маънӣ нахонд.*

Лоҷарам, «Тилисми ҳайрат»-и Бедил, ки умрест ибораташ ба кунҷи диққати маъонӣ вохазида ва мазомин, ҳамчунон, дар ғубори алфоз нафаси шӯхӣ дуздида, дар маънӣ гавҳарест, аз ғафлати асҳоби тамиз, дар шиканҷи уқдаи беэътиборӣ ва оинае, аз бебасиратии арбоби назар, кулфатандуди нафасшуморӣ. Ба фарёди ин безабони ҳайратбаён магар тараҳҳуми он ҳақшиноси лафзу маънӣ таваҷҷуҳе фармояд ва ба рӯи ин шикастаболи аҷзошён илтифоти он қиблаи шикастагон дари шуҳрате во намояд. Ҳарчанд дидаи ҳасратнигоҳро матлаъи дидори саъодатанвор ба партави зоҳирӣ нанавохтааст, аммо гӯши маҳомидниюш ба тавотури сифоти қудсиоёт дар муҳиммоти чашм пардохта.[6в] Аз он ҷо, ки сояи ахлоқи он меҳрубон паноҳи маънипаноҳони бебизоъат аст ва домани отифати он қадрдон дастгоҳи ҳақоиқдастгоҳони беиститоъат,[6г] ҳайфи маъние, ки аз табъи иқболасар маншури қабул нагирад ва афсӯси иборате, ки аз забони ҳақтарҷумон майманати[6г] иштиҳор напазирад. Ниёзномаи мултаҷӣ ба ин таманно[7] орзуманди давлати ҳузур аст ва ба завқи таҳсили ин саъодат муштоқи мутолаъаи саропо сурур.

Байт:

*Шод бош, эй дил, ки охир уқдаат во мешавад,*
*Қатраи мо мерасад ҷойе, ки дарё мешавад.*

Шикастагиҳои ғубори хат забони маъзарати хоксорист ва печидагиҳои тӯмори баён оинадори аҷзи бемиқдорӣ. Умед, ки дар ҳама авқот мунтазими[8] зумраи аҳли дуъо пиндоранд ва дар ҷамеъи аҳвол мунсалики фирқаи хайрхоҳон шуморанд.

2. ҶАВОБИ МАКТУБИ МИРЗО ЭЗИДБАХШИ РАСО[9]

Нашъаи ёдовариҳои бедилон расо ва даври паймонаҳои алтоф беинтиҳо. Хушо тариқи олами ишфоқ, ки агар дӯстон ҳама мижае бар рӯи ҳам кушоянд, ба ҳазор забон шоҳиди восутуданананд ва ҳарчанд лабе ба пурсиши якдигар таҳрик диҳанд, мутасаддии дафтаре аз баҳори ахлоқ кушудан. Хоса, шафқате ки ба воситаи забони хома дастгоҳи зуҳур гирад ва ба робитаи саводи нома вусъати илтифот пазирад.

Мисраъ:

*Ёди мо кардӣ, ҳузури Ҳақ фаромӯшат мабод,*

Маъниэҷоди ман, бо он ки шӯхиҳои ҳар мисраъи ин ғазал, чун мавҷи гавҳар, дар оғӯши ҳам якдаст тӯфон намудааст, аммо ҳусни матлаъ, филҳақиқат, гавҳаре ба арз оварда, ки бо сафои обаш муҳитро дар ғубори соҳил нишастан аст ва ҷавҳари маъние нишон дода, ки партави шӯхиаш офтобро эҳроми доғи таҳайюр бастан. Орзуи муштоқро пайваста мунтазири ин қисм авотиф[10] шуморанд ва шавқи орзукешро ҳасратинтзори ҳамин ҷинс мароҳим ангоранд.

3. ҶАВОБИ МАКТУБИ ОҚИЛХОН[11]

Қитъа:

*Зиҳӣ, иноятн килки маъониорой,*
*Ки кард дидаи моро ба нури ҷон равшан.*
*Ба нома қобили файзи кароматам имрӯз,*
*Саводи маънии иқболи бедилон равшан.*

Пас аз адои суҷудоти лавозими убудийят, саҷдаи шукре дигар, ки «Тилисми ҳайрат» ба таваҷҷуҳи хонсоҳиби маъниманосиб муъанвани[12] кайфиёти иқбол гардид ва ба ин унвон нисбате ба пояи манзурии он қиблаи арбоби ҳақоиқ расонид. Файзандӯз маъние, ки табъи таҷаллишуҳудаш писандад ва саъодатъунвон каломе, ки ба таҳсини забони ҳақтарҷумон пайвандад.

Рубоъӣ:

*Аз ҷуръат агарчи мунфаъил гардидам,*
*В-аз шӯхии изҳор хиҷил гардидам,*
*Сад шукр, ки бурд номаам ранги қабул,*
*Бедил будам, ҳазордил гардидам.*

Байт:

*Байту ғазал ҳама гули боғи санои туст,*
*Мавзунии каломи ду олам дуъои туст.*

Ҳузурии Ҳақ, ки мутолаъаи доимист, аз шубуҳот муназзаҳ бод.

4. МАКТУБ БА НАВВОБ ШУКРУЛЛОҲХОН[13]

Ғазал:

*Эй дида, ба ҳайрат задаӣ, масти чӣ ҷомӣ?*
*Эй нола, хамӯшӣ, сарубарги чӣ каломӣ?*
*Умрест, ки аз шӯри ҷаҳонат хабаре нест,*
*Эй гӯш, зи худ рафтаи шавқи чӣ паёмӣ?*
*Дар синаам аз сина бурунӣ, чӣ ҷунун аст?*
*Эй дил, ба тапиш рафтаӣ, охир ба кӣ ромӣ?*
*Эй ҳайрати вомонда, куҷо меравӣ имрӯз?*
*Нақши қадаме доштӣ, акнун ҳама гомӣ.*
*Мактуби ман оинаи эҳроми нигоҳест,*
*Эй хома, ба пойи мижа бояд бихиромӣ.*

Таслими ғоибонаи бедилон манзури ҷаноби ҳақиқатшуҳуд бод ва ниёзи дургардон ҷудоии остони қурб мабинод. Ҳарфе ба таҳрир намеояд, ки кисвати хароши диле намепӯшад ва сарире аз хома гул намекунад, ки хурӯши ҳасрати дидор намеҷӯшад.

Байт:

*Ба ғафлат ончунон дурем аз дӯст,*
*Ки то ин ҷо расад васлаш, паём аст.*

Дидаи муштоқро, то ҳусули саъодати дидор, бар ҳар чӣ мижгон кушояд, хор дар пираҳан шикастан аст ва ҷабини ниёзро, то саҷдаи остони ҳузур, ба ҳар чӣ рӯ оварад, дар хоки беобрӯӣ нишастан. Ба ҳайрат накш бастани сутуру алфоз далелест бар нотавониҳои қудрати баён ва ба печидагӣ пардохтани тӯмори макотиб шоҳиди норасоиҳои ҷуръати забон. Воҳиби атийёт ҳузури ҷамъияте, ки аҳамми матолиб аст[13а] кароматт фармояд ва чашми мунтазиронро ба ламаъоти дидор равшан намояд.

5. БА НАВВОБ ШУКРУЛЛОҲХОН

Аз таммули ҳазрати ҳузур[13б] он қадар ба ғайбат напардозанд, ки хиҷлати ноёдварӣ тавон кашид ва аз таваҷҷуҳ ба маънии шуҳуд ба он мартаба тағофул ҷоиз надоранд, ки дар рафъи инфиъоли дурӣ бояд кӯшид. Ашғоли олами касрат яккалам масруфи мушоҳадаи ваҳдат шуморанд ва гирудори анҷумани маҷоз аз оинаҳои зуҳури ҳақиқат ангоранд. Анфоси шукриқтибоси бедилон марҳуни[13в] мазомини дуъост ва авқоти ҷамъияти муштоқон мақсуми[13г] иборати ҳамду сано.

6. БА ҚАЙЮМХОН ИБНИ ОҚИЛХОН[14]

Муддате Бедили мутаҳаййир ғубори домани тааммул буд, то ба василаи кадом тоъат сар аз ҷайби таслим бадар орад? ва ё ба воситаи чӣ хидмат қадам ба арсаи ниёз гузорад? Инфиъоли норасоиҳо ба сомони араќе напардохта, ки тарӣ аз ҷабҳаи таҳрир тавонад шуст ва шарми нотавонӣ сомони сарнигуние тарҳ нанамуда, ки аз хомаи ҷуръат гарданафрозӣ тавон ҷуст. Охируламр, вонамуданд, ки туҳфаи бебизоъатиҳо ҳамон сатре чанд аст, ки тухми орзу дар замини аҷз мекошт ва сурати оинаи ниёз ҳамин, ки беихтиёриҳои шавқ қабл аз ин низ арз медошт. Лиллаҳилҳамд, аз таҳзиби ахлоқе, ки шоистаи он хонадони карамостон аст, он чӣ мешунавад, гӯши маҳомиднииюш[14а] захираи саъодат меанборад ва аз ҳусни атворе, ки хосаи ин силсилаи ҷаҳонтасхир аст, ҳар чӣ ба самъ мерасад, умеди ҷамъиятнавид насибаи майманат бармедорад. Ёди шафқатҳои қадим таҷдиди ишрати нафасшуморист ва тасаввури ахлоқи амим[14б] доми ҳасрати роҳатшикорӣ. Дар ҳар маҳалле, ки соя афкананд, чароғаш ба иқтибоси партави он зот зиёхирман ва ба ҳар гулшане, ки қадам гузоранд, ниҳолаш аз рангинии файзи мақдам баҳорбадоман. Дасти дуъое, ки аз дур меафрозад, маҳруми қурби иҷобат мабод ва забони саное, ки аз ғайбат меорад, номасмуъии анҷумани ҳузур мабинод.

7. ДАР ТАЪЗИЯТИ МИР САЙФУЛЛОҲ БА ШУКРУЛЛОҲХОН[14в]

*Оҳ, имрӯз аз варақгардонии ранги зуҳур*
*Нусхаи асрори улфат маънии ноёб шуд.*
*Дар канори дида шӯхӣ дошт ғалтон гавҳаре,*
*Ногаҳон, чун ашк, аз мижгон чакиду об шуд.*
*Дидаи моро, чу шамъи кушта, бояд гашт доғ,*
*К-он фурӯғи биниш акнун дар назарҳо хоб шуд.*

Аз миръоти таҳқиқ пӯшида нест, ки одамӣ дар ҷамеъи авқот ва аҳвол ҳайратзадаи коргоҳи эътибор[14г] аст. Агар мижгон мекушояд, ибратандӯзи шикасти рангҳост ва агар чашм мепӯшад, доғи фурсати тамаошо. Дар мазраъи надомат, ҷуз донаи ашк, чӣ бояд кошт? ва бар дӯши шикасти дил, ғайр аз нола, чӣ метавон бардошт? Ба ҳар сифат, маҷбурем ва дар ҳар сурат, маъзур.

Рубоъӣ:

*Бедил, то маҳви гулшани найрангем,*
*Гоҳе гулу гоҳ ғунчаи дилтангем.*
*Гӯянд: Зи рангҳо бурун бояд буд,*
*Душвор ҳақиқате, ки мо ҳам рангем.*

Дар ҷаноби ҳидоятинтисобе,[14г] ки дилҳои мушавваш мунтазири иршоди тасаллианд, ба арзи шукру сабр пардохтан оташи ёқутро забти нафас фармудан аст ва оби гавҳарро тариқи ҷамъияту итминон вонамудан. Гавҳари гиромии авқоти он муҳити таназзуҳ, ё Раб, дар сад қарн кудуратнасиби андешаи беобӣ мабод ва ҳадиқаи файёзи он баҳори тақаддус ба ҳазор фасл тағйири ранг мабинод.

8. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[14д] ДАР ИНТИХОБИ НУСХАИ АШЪОРИ ЭШОН

Нигоҳи тааммулхиром ҳанӯз гулчини баҳористони маънист[15] ва фикри гиребонсайр ҳамон саргарми нашъаи таҳқиқрасонӣ. Ба интиҳои хиёбони рангиниҳо саре накашидааст,[15а] то тӯмори шавқ ба унвони нафасороӣ[15б] расонад ва инони риштаи тараддуд ба печиши тасаллӣ[15в] бозгардонад. Андешаи маънипардоз аз ошёнбандони ҳавои ин гулшан аст ва тасаввури хаёлпарвоз аз шамъафрӯзони тамошои ин анҷуман.[15г] Баҳори умед ғунчаи ин таманност,[15г] ки ба дастабандии рабти маъонӣ гули тартиби ин хидматро[15д] матоъи рӯи дасти ихлос намояд ва мактуби ҳақоиқуслуби маъорифмазмун[16] бе воситаи қосиду пайғом ба назари раъфатасар вокушояд.

9. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[16а]

Қитъа:

*Кушудаст ҳар сатре аз номаам*
*Пару боли аз хеш роҳӣ шудан.*
*Ба тавфи ҷанобе[16б] ки аз хоки он*
*Тавон маҳрами қиблагоҳӣ[16в] шудан.*
*Кунун хоҳад аз шавқи он остон*
*Хамупечи хат каҷкулоҳӣ шудан.*
*Ту ҳам соъате, эй насими баҳор,*
*Чу он ҷо расӣ, саҷда хоҳӣ шудан.*

Андеша решаи дуъое, ки дар замини тасаввур мекошт, тубии хулдистони иҷобат гардид ва тааммул ҳавои саное, ки дар пардаи нафас дошт, кайфияти субҳи иқбол ба ҷилва расонид.

Қитъа:

*Ҳасудат гар ҳама оинаи афлок хоҳад шуд,*
*Бузургиҳош тимсоли бинои хок хоҳад шуд.*
*Бар ҳар ҷо нури иқболат кунад сомони хуршедӣ,*
*Мухолиф соявор аз лавҳи имкон пок хоҳад шуд.*
*Ғурури хирачашмон дар хаёли ламъаи теғат,*
*Мижа гар во кунад, то сина вақфи чок хоҳад шуд.*
*Дар он маҳфил, ки болад нашъаи кайфияти ҷоҳат,*
*Димоғи саркашон аз сарнигунӣ ток хоҳад шуд.*

Зуҳури қудрати Ҳақ муҳаррики силсилаи хавотир бод.

10. ДАР ТАНБЕҲИ ТАСҲЕҲИ КИТОБИ КУҲНА

Ибратнигоҳо, ин матни ҳошияи қадим, ки табаррукан дар китобхона нигаҳ доштаанд, на қобили он аст, ки аз рӯяш нусха тавон бардошт ва на шоистаи ин, ки ба завқи он бар тазйеъи[17] авқот таваҷҷуҳ бояд гумошт. Фарсудагиҳои мурури айём он сӯи изоми рамимаш[18] парварда ва тафриқаи имтидоди замон он тарафи авроқи хазонаш муҳашшо карда.[19] Варақҳо ба он беилтиёмист,[19а] ки агар вассоли аҷзои тахайюл дар ҳар руқъа[19б] лахти диле сарф кунад, аз уҳдаи рабт барнаёяд ва хутут ба он бесаводӣ,[20] ки агар котиби дабистони тааммул дар ҳар нуқта мардумаке ба кор барад, сиёҳӣ дар назарҳо нанамояд. Аз фарти кирмзадагиҳо ҳар сафҳа ҳазор чашм ба мутолаъаи маънии адам кушода ва ҳар ҳарф ба сад мағоки ғаври мавҳумӣ афтода. Суқме[21] надорад, ки сиҳҳат ба ҳавошии тасаввураш бор тавонад ёфт ва тафриқа на чандон, ки ҷамъият муъаммои шерозааш тавонад шикофт. Фароҳам овардани ин ҷинс аҷзо пайкари пӯсидаро умри дубора бахшидан аст ва аз гиёҳҳои муталошӣ[22] тозагии баҳор дамонидан. Нафассӯзи[22а] ҷаҳдро дар ҳашри[22б] алфозаш мубоҳоти исрофилӣ ва хаёлбанди ғаврро дар эҷоди маънияш нози ҷабраилӣ. Нахустин ҷарида, ки манқулъанҳу[23] Лавҳи маҳфуз тасаввур метавон намуд, имрӯз ба мутолаъа расид ва аввалин мусаввада, ки зойчаи Ақли кул[24] мустахраҷ аз ӯ гумон бояд кард, билфеъл мавзуҳ гардид. Агар насабномаи мавлавияти бузургон мавқуфи шарҳи ӯ бошад, дар оташ андохтан беҳ аз он аст, ки бар рӯи об бояд овард ва агар хиради истеъдоди обо ба арзи он мунҳасир[24а] аст, бар бод додан авлотар, ки табиъатро ғуборолуди нангаш бояд кард. Савобе беҳ аз ин нест, ки ба тавaққуъи[24б] ислоҳаш азобе бар табъи бедимоғон нагуморанд ва ба таклифи сиҳҳаташ бемории мизоҷи бедилон раво надоранд.

11. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[25]

Муборакбоди изофаи мансабе, ки чун фитрати урафо, нардбони манзари бениҳоятист ва таҳнияти иқболи хитобе,

ки чун ҳусули Исми аъзам, асрорнамои қудратоятӣ, муайяди[25а] зоти маъонидарачоти соҳиби дилнавози мо бод. Ба арзи аъдоди ин хитоби қудраталқоб бисоти майманате мепардозад ва ба сози татбиқи ин номи олимақом замзамаи шугуне[25б] метирозад, ки асарбахши маротиби асмо[26] фоизи олами иқтидор гардонод.

12. БА ИНОЯТХОН

Байт:

*Умдаи боргоҳи иззату шон*
*Хони гулшанилқо Иноятхон.*

Рифъатасоси ман, ҳарчанд дидаву дили иштиёқманзил мутаҳаййир ва музтари тасаввури ҷудоист, ба ҳукми маслаҳате, ки дар коргоҳи санъати тақдир муқаррар аст, беихтиёри саброзмой.

Қитъа:

*Пайкари маъзур агар медошт ранги тоқате,*
*Хок мешуд аз ҷудоиҳои он ҷони ҷаҳон.*
*Сахтҷонӣ санг бар дил басту ман беихтиёр*
*Аз нами хиҷлат ҳамон чун об дар сангам ниҳон.*
*Лек бо ин аҷз дорам дастгоҳи нолае,*
*К-аз тапидан ришта мебандад ба сози осмон.[27]*
*Обёриҳои ашкам аз асар навмед нест,*
*Сабр дорам, то ниҳоли ман шавад тубинишон.*
*Эй саҳоби фазл, з-он рашҳе,[27а] ки оламparвар аст,*
*Он ниҳоли орзуҳоро ба коми дил расон.*

Дар он чӣ гавҳари дарёи мақсудро ҳусули ҷамъияти обрӯст, шукргузорем ва ба ҳар чӣ он самараи ҳадиқаи муродро вусули маротиби камол бошад, камингари интизор. Ба дуъо наздиктаре аз мо нест, гарчи дурем ва ба маънӣ муттаҳиде чун мо намебошад, ҳарчанд ба сурат маҳҷурем.

Рубоъӣ:

*Ёрон агар аз туам ҷудо мебинанд,*
*Бас бехабаранду пур хато мебинанд.*
*Ҳарчанд зи шахс соя меафтад дур,*
*Чун вонигаранд, зери по мебинанд.*

Меҳрубониҳои хонсоҳиби алтофмуносиб ва илтифотҳои мирсоҳиби карамманоқиб[28] аз олами тақрир беруну аз муболаға таъдод афзун. Гоҳе ба муқтазои беихтиёрӣ саре ба Саҳоранпур[29] мекашад ва ба ёди гиромисуҳбат худро дар хидмати файзманқабати эшон диле медиҳад.[29а] Ба итфои шуълаҳои бекасӣ, агар обест, дар он ҷо ҷилвагар аст ва ба таскини ҷароҳатҳои бедилӣ, агар марҳамест, ҳамон ҷо дар назар. В-агарна бе ҷамоли хуршедтимсол олам дар назар сиёҳ аст ва бе ҳузури он чамани сурур шаш ҷиҳат ваболи нигоҳ.

Байт:

*Суроғи як нигоҳи ошно аз кас намеёбам,*
*Ҷаҳон, чун наргисистон, бе ту шаҳри кӯр мебошад.*

Мусаббиби осори иттифоқ насибаи орзуи мо аз олами бехост расонад ва дидаи интизорро ба саъодати дидор, ки аҳамми матолиби дил аст, мунаввар гардонад.

13. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[30] ДАР МАЪЗАРАТИ ШИКВАИ КОҲИЛӢ

*Бедилам, Бедил, маро ҷуз ҳеҷ будан соз ку?*
*Аз адам меҷӯшам, анҷомам чию оғоз ку?*
*Қатра гар болам, тароват аз куҷо сомон кунам?*
*В-ар бигӯям, зарраам, чун зарраам парвоз ку?*

Ба ин бизоъат, агар нафаси мавҳум масруфи дуъои он ҷаноб набошад, зиҳӣ, ҳирмон ва ба ин иститоъат,[30а] агар тасаввури маъдум аз ёди он ҷамол имдод наяндешад, хаҳӣ,[31] хусрон. Ба ҷо наёвардани баъзе шароит русуми беихтиёрист, ки бедилонро аз олами нестӣ ба худ расидан андаке даранг дорад ва аз ҷаҳони маъдумӣ ба хаёли эътиборот[31а] чашм кушудан фурсате мешуморад. Ҷавҳари оинаи ин аҳвол забони узрхоҳист ва араќи шарми ин авзоъ шабнами бисоти аҷзнигоҳӣ.

Қитъа:

*Моро зи хаёли ту ҷудоӣ чӣ хаёл аст?*
*Оинаи мо зарраи хуршедмисол аст.*
*Дар обу гуҳар фосила ҷуз ном набошад,*
*Аз олами наздикию дурӣ чӣ суол аст?*

14. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[32]

Ҳарчанд қурби ароизи бедилон тақаррубандеши васотати асбоб нест, аммо ба муқтазои баъзе аҳвол, агар зарурате рӯ диҳад, ҷуз ба дуъои хайру таъдоди маротиби ихлос нахоҳад буд. Билфеъл муҳаррики ин силсила тазаллуми мазлуме аз муқимони завоёи Сунипат[33] аст ва ба иллати ташвиши беинсофе чанд шиканҷафарсои ақсоми таъабу кулфат. Умед, ки ба таваҷҷуҳи маъдалатнишинони боргоҳи ҳузур аз насибаи натоиҷи адл маҳрум намонад ва ҷуз ароизи шукру эҳсон аз дафтари ахлоқи амим нахонад. Замони давлати дидор баҳонаҷӯи фурсати интизор мабод.

15. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР ТАЪЗИЯТИ МИРҲОДӢ[34]

*Набудам шамъ, то аз сӯхтан ҳосил кунам ранге,*
*Дар ин маҳфил ба уммеди чӣ, ё Раб, чашм во кардам?*

Дар нусхаи дабистони зуҳур аҷзои тафриқа бисёр аст ва дар сафаҳоти авроқи эътибор[34а] нуқуши инқилоб бешумор. Риштаи нафас тобе[34б] надорад, ки ба шерозаи ин ҳама аҷзо тавон пардохт ва ҷавҳари нигоҳ кифоят намекунад, ки ба мутолаъаи ин қадар нуқуш бояд гудохт. Садамоти навоҳои ҳаводис ҷуз гӯши кар барнамедорад ва шикасти рангҳои имкон ғайр аз чашми баста тоб намеорад. Қадрдонони фурсати ҷамъият дар коргоҳи амри эзидӣ бисоти дахле начидаанд ва растагони шиканҷаи авҳом ҳиммати худро мутаъаллиқи ҳеҷ кор нафаҳмида. Ризои Ҳақ осоиши худ муғтанам шумурдан аст ва ба қадри тоқат, тағофул аз олами асбоб пеш бурдан. Пайваста мутаваҷҷеҳи

ҷаноби Илоҳӣ бояд буд, яъне чашми тааммул ба маънии таҳқиқи худ бояд кушуд.

16. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[35] ДАР ТАҲНИЯТ (ФИҚАРОТИ ТАЪРИХ)

Оёти қавоъиди фатҳи паёпай /таслими боргоҳи Сулаймони ҷаҳоннавол/, офтоби гардунқибоби маҳфили ҷоҳу ҷалол/, маъдалаткомёби давлати азалӣ/, ҷаҳонматоъ соҳиби анҷумани бехалалӣ/, оинапардози айши душмангудозӣ/, Каъбаи маънинамои ҳақиқати бедилнавозӣ/, нусратливои ҷаҳони карам/, иқболҳашами офтобъалам/, хонсоҳиби маъонимуносиб/ ва соҳибзодаҳои[36] шоҳимаротиб бод/, ба ҳурмати набии араб ва олаҳуламҷод.

17. ҶАВОБИ МАЪЗАРАТНОМАИ БЕ РУХСАТИ ҶУДОИИ ХУД,
БА ШУКРУЛЛОҲХОН[37]

Шукри навозишҳои сарфарознома магар ба ҳамон забони раъфатбаён адо тавон намуд. Ба унвони тараҳҳуме, ки дар пурсиши ҳоли дуъогӯ пардохтаанд ва мушти хокеро ба навоҳои таъзим сарбаланд сохта, фазли Илоҳӣ ёвари зоти раҳматоёти эшон бод ва сояи илтифоташонро аз сари бедаступоён бармагирод. Байти шуҳудмазмун шоҳиди аҳволи ихлосмаол буд, ки ба муқтазои иттиҳоди маънавӣ аз қалами ҳақоиқрақами он донои ҳақиқат ҷилва намуд. Ба таваҷҷуҳи оламгир доми ахлоқе нагустурдаанд, ки дилҳоро сурати раҳоӣ мутасаввар тавонад буд ва каманди шафқате наяфкандаанд, ки ҳалқаворе аз гардани ихлос тавон кушуд.

Қитъа:

*Саҳар, к-аз инфиъоли нокасӣ бе дасту по рафтам,*
*Арақ гул карду ман селоб донистам, зи ҷо рафтам.*
*Мақомат дида, ҷоят дил, ҳамон хилват, ҳамин маҳфил,*
*Ба дил печидаам, чун ашк, агар аз дидаҳо рафтам.*
*Ба ҳар ҷо меравам, шавқи суҷудат пеш меояд,*
*Ду олам остони туст, агар рафтам, куҷо рафтам?*

18. ДАР МУҚАДДАМОТИ ҒАФЛАТИ ВИДОЪ, БА ШУКРУЛЛОҲХОН[38]

*Вомондани мо заҳмати пои дигарон аст,*
*Эй обила, мо низ ба ҷое нарасидем.*

Кушоди ҷабҳаи дарёи раҳмат аз тангҳавсалагиҳои қатраи бесарупо чини кудурат мабинод.

Ба муқтазои камфурсатӣ, ки чун арақи аз пешонӣ чакида, сарафрози рухсат нагардид ва чун ашки аз мижа берун давида, ба побӯси видоъе натавонист расид, ғаввоси муҳити инфиъол аст. Чандон ки абрро дар он ҷо қатароти тарашшуҳшуморист,[38а] хиҷолатошнои норасоиро ин ҷо дар баршаголи арақ ғӯтакорӣ.

Фард:

*Мушти хокам, ишқ нодониста сайдам кардааст,*
*Эй ҳаё, обам макун, аз нанги сайёдам мапурс.*

Рубоъӣ:

*Хокам ҳама гар вақфи ҳаво хоҳад буд,*
*Гирди сари кӯчаи вафо хоҳад буд.*
*Азбаски бизоъатам ниёзу аҷз аст,*
*Гар об шавам, мавҷи дуъо хоҳад буд.*

19. БА ШУКРУЛЛОҲХОН

Андешаи мутаҳаййир баҳонакамини тақрибе буд, ки ба кадом васила маротиби аҷзу инкисор маъруз дорад? ва ба чӣ тадбир худро аз ҷаргаҳи[38б] фаромӯшони хотири шуҳудманозир[38в] барорад? Нафасе чанд аз олами мавҳумӣ ба арсаи мавзунӣ расид ва ба иҷтимоъи кайфиёти авҳом қобили авсофи таҳрир гардид. Беихтиёрӣ узрхоҳи ин норасои аҷзтироз аст ва бехостӣ шафеъи ин таслимнигори сафҳаи ниёз.

Қитъа:

*Ҷинси мо бо ин касодӣ қиммате фаҳмидааст,*
*Ҳеҷ ҳам дар олами уммед меарзидааст.*
*Дарди дуриро илоҷе, ҷуз умеди васл, нест,*
*Марҳаме дорад ба хотир, захм агар хандидааст.*

Ҳузури ишрати суварию маънавӣ тавъами иқболи абадӣ бод.

20. ДАР МАЪЗАРАТИ ДАРАНГИ ВАЪДАИ МУЛОЗАМАТ, БА ОҚИЛХОН[39]

Саҷдарезиҳои хомаи таслимсиришт ба ҳавои ҷаноби маъниороест, ки мазомини бениёзӣ аз муъаммои кайфияти хаёлаш нокушуда равшан аст ва асрори дилнавозӣ аз сози маҳфили ёдаш ногуфта мубарҳан. Ғубори нотавони мо ҳарчанд дур аз он остон умрест бар рӯи шикастарангӣ нишаста ва қатраи заъифи мо ҷудо аз муҳити ҳузураш саропои худ дар чашми тар шикаста, тапишҳои дили ҳасратоғӯш бисмили парвози ҳавои ӯст ва болафшонии нафасҳои аҷзфурӯш ғубори водии таманнои ӯ.

Қитъа:

*Бо ҳама кулфати дурӣ, ба ҳамин хурсандем,*
*Ки дар оинаи мо ҳасрати дидоре ҳаст.*
*Ҷои парвози зи худ рафта фиғоне дорем,*
*Бол агар нест, надоматзада минқоре ҳаст.*

Фарёдрасо, далели афсурдагиҳо ғайр аз ин чӣ хоҳад буд? ки ваъдаи қурби саъодат ба буъди ин ҳама муддат кашид ва шоҳиди норасоиҳо беш аз ин чӣ хоҳад намуд? ки сарриштаи парвоз ин қадар ба уқдаи қафасоройӣ орамид.

Байт:

*Надонам, шуълаи афсурдаам? Ё гарди намнокам?*
*Ки то аз по нишастам, нақши пойи хештан гаштам.*

Ба мулоҳазаи он, ки дарси имтидоди ғафлат нақши пешонии ихлосе, ки марқуми сафҳаи ниёзи дида аст, ба машқи нисёни мутлақ нарасонад ва ба шомати[40] тақсироти дурӣ, бинои убудийяте, ки ба осмони ифтихор расонида, мунқалиб нагардонад, «Муҳити аъзам»-ро,[41] ки соқиномаест мухтараъи афкори дуъогӯ, бо мунтахабе аз ғазалиёти хаёлрангубӯ василаи омурзиш тасаввур намуда, ба боргоҳи қабули маъзарат фиристод. Умед, ки бо вуҷуди қиллати

ҳақгузории ниёз, ба касрати таваҷҷуҳот мумтоз бод. Ба ҳар ҳол, хомкории хаёл пухтани мо ҳам оламе дорад, в-агарна пайдост, ки хомаи андешаҳои норасо аз ин олам чӣ менигорад?

Байт:

*Ҳисоби ҳеҷкасӣ то куҷо тавон додан?*
*Бақо кадому чӣ ҳастӣ? Фано ҳам аз мо нест.*

Ҳусули саъодати ин ашъор мавқуфи вуруди давлатест, ки манзури мутолаъа тавонад гардид ва уруҷи рутбаи ин афкор вобастаи замони саъодате, ки ба қабули исғо[42] тавонад расид. Инҳоро беш аз бухори нафасе чанд тасаввур наметавон кард, ки аз муҳити тахайюл ба иҷтимоъи кайфийёти зеҳнӣ сурати қатра ба ҳам расонидаанд ва пас аз гирдовариҳои ғубори авҳом барои худ шакли гавҳаре бартарошида. Ё Раб, ки ин нафасҳои ба мавзунӣ муттаҳам ва ин ғуборҳои ба норасоӣ ъалам аз партави маҳфили офтобманзил шамъи эътиборе равшан намоянд ё ба ҷавҳари имтиёзе ба арз оянд, ки ҳамон[42а] сарбаландиҳои шуълаи орзуст ва ҳамин[42б] болидагиҳои гавҳари обрӯ. Бо ин ҳама хиҷлати замингириҳо, каманди аҷз бачинхуфтаи умеди расоист, ки ҷазбаи ламаъоти ҳидоят вараҷи афсурдагӣ баргардонад ва шабнами хокнишини моро ба анҷумани хуршеди ҳузур расонад. Нафасдарозӣ[42в] ғубори оинаи таваҷҷуҳ мабод ва густохбаёнӣ чини абрӯи таваҷҷуҳ мабинод.

21. ДАР МУБОРАКБОД ВА ТАҲНИЯТИ ИД, БА ШУКРУЛЛОҲХОН[43]

Агар тасаввури бедаступоӣ ба гирди аҳволи худ барнаёяд, аҷзпаймоёни бодияи ихтиёрро дар тавофи Каъбаи мақсуд помоли фузулӣ гардидан аст ва агар мушоҳадаи замингирӣ қадаме ба хаёли хеш накушояд, норасоёни водии тоқатро ба зиёрати остони мурод маҳмили инфиъол кашидан. Хуррамии кулли авқот муфти вусули офиятшуморист ва хурсандии ҷамеъи ҳолот ғанимати эҳроми шукргузорӣ.

Байт:

*Орзу аз файзи оми бехудӣ навмед нест,*
*Ман агар гирдаш нагаштам, ранги ман гардидааст.*

Иди дилҳои муштоқон муборакии дидори ҳақиқатанвор бод.

22. ТАҶДИДИ НОМАИ ГУМГАШТА, ДАР ТАҲНИЯТИ ИДИ АЗҲО[44]

Гумгаштагии сарриштаи ҳоли бедилон печутобфурӯши асари пайдоист ва афсурдагии саъйи ниёзмандон тозагипаймои умеди болкушоӣ. Ҳарчанд саросемагии табъи бемор бар қосид низ асар кард, аммо норасидани аҷзнома таслими нотавонӣ ба ҷо овард.

Байт:

*Чунун сози нуқат кардам, фиғонҳо сарфи хат кардам,*
*Вале аз сустии толеъ касе нашнид пайғомам.*

Ду-се фикра арзи ниёз, ба адои нисбатандешии[44а] тавофи Каъба, зиёратоҳанги остони кароматнишон буд. Номусоъидии балад тавфиқи саъодати вусулаш нахост, ба мулоҳазаи он, ки биёбонмаргии маҳрумӣ ба куфри тариқаташ муттаҳам нагардонад, мукаррар маҳмили умед орост. Ҳаҷҷи норасоёни олами гумгаштагӣ дар ғайри мавсим низ мақбул бод.

23. ДАР ШУКРИ ИРСОЛИ ҚАНДУ НАБОТ, БА ШУКРУЛЛОҲХОН[45]

*Ба ранги расмпардозон[45а] такаллуф мекунам, Бедил,*
*В-агарна маънии улфат иборат барнамедорад.*

Қадрдонони неъмати хамӯшӣ дар адои шукр низ лаб кушудан ҷоиз надоштаанд, то ба қивоми[46] шарбати ҳаловат тухмати сустӣ нахандад ва мақомшиносони қонуни сукут ба оҳанги сипос ҳам таҳрики забонро раво намедоранд, то сарриштаи ҷамъият ба робитаи гусастагӣ напайвандад. Ба рафъи мазаннаи[47] авом, агар мижгони хома тариқи лағзише месипарад, хосонро дар пардааш маъзарати изҳори такаллуф музмар[47а] аст ва ба нафйи шубҳаи бегонагон, агар набзи сатре ба арзи ҳаракат меояд, ошноёнро дар зимни он ҳамвории силсилаи адаб дар назар. Ҳарчанд талхкоми зовияи муҳоҷаратро ба инояти қанду набот илоҷ фармудаанд, ҳаловати табъи дидорпараст ба ҳасрате об нагардида, ки бе мушоҳадаи гармиҳои нигоҳи илтифот, ба сурати тавъамӣ тавонад пайваст ва сафедиҳои дидаи интизор бодомии муқашшар[47б] нанамуда, ки бе шакарафшонии ғубори он мақдам, хумори лавзинагӣ[47в] тавонад шикаст. Шукуфтагиҳои ҷабҳаи ишрат чини турушии ҳаводис мачинод ва шириниҳои мазоқи таҳқиқ талхии шубуҳоти авҳом мабинод.

24. ДАР МАЪЗАРАТИ ҒАФЛАТИ ВИДОЪ, БА ШУКРУЛЛОҲХОН[48]

Норасоии саъйи рухсат ба расоиҳои фарёди ҳасрат тоқатимост ва нотавонии истеъдоди видоъ ба тавоноиҳои маъзарати аҷз имдодфармо.

Маснавӣ:

*Нигаҳ гар нашуд қобили рӯи дӯст,*
*Фиғон мерасонам, ба ҷое ки ӯст.*
*Мапурс аз тапишҳои набзи дилам,*
*Ки парвоз маҳв асту ман бисмилам.*

Дар ҳар мақомею ҳар манзиле дуъои бедилон ба афзоли[48а] эзидӣ истиқбол кунод.

25. ДАР ИРСОЛИ ДЕВОНУ МАСНАВӢ ВА ҒАЙРА
БА ЧИНҚИЛИЧХОНСОҲИБ,[49] ҲАСБУЛИСТИДЪОИ ЭШОН[49а]

Камбизоъатиҳои моддаи тоқат нафасро муқими пардаи араҷ медорад, арсаи лоф то кай бисоти ноз орояд? ки ба хаёли ҳамчашмии ҳубобе беруни ҷодаи адаб бояд тохт ва тангиҳои иститоъат[49б] нигоҳро хориҷи мижгон намеписандад, саъйи ҳавас чӣ миқдор оғӯши таваҳҳум пардозад? то ба гумони чашмаки шароре тарҳи кушоди бол тавон андохт. Изҳори дастгоҳ мавқуфи баландиҳои дасти дуъост ва арзи истеъдод мунҳасири ашғоли ҳамду сано.

Байт:

*Моро на ғурурест, на фарре, на кулоҳе,*
*Хокем, ба зери қадами хеш нигоҳе.*

Вуруди саъодатиншонома забони шукрбаёнро сармашқи одоби сано гардонид ва дили сипосмашоғилро мударриси китоби дуъо. Хоҳиши табъи маъниофарин нусхаҳои бедилиро, ба қадри кушоиши аврок, боли ҳасрати қабул мебахшад. Умед, ки ба норасоиҳои тарзи мазомин, хиҷлати парвоз набинад ва ба хушкиҳои вазъи иборот,

нами пешонии инфиъол начинад. Ва мутолаъаи афкори гавҳарнисор[49в] чашми тааммулро равшаноии нури яқин бахшад. Воҳиби ҳақиқӣ сарришатаи ин каломро ба шуҳуди олами таҳқиқ бирасонод ва ба ин васила, оламеро мустафизи[49г] маънии ҳидоят гардонод.

## 26. БА КАРАМУЛЛОҲХОН, ДАР СИФАТИ АХЛОҚИ ЭШОН ВА ТАЪЗИЯТИ МИР ФАЙЗӢ[50]

*Дар дилӣ, аммо ба қадри ашкам афсун мекунӣ,*
*Сар зи ҷайби сад ҳазор оина[50а] берун мекунӣ.*

Лилаҳилҳамд, аз сози маҳосини авзоъи шафқатинтифоъ,[50б] он чӣ ба тараннум меояд, нозиши гӯши хайриятниюш аст ва аз олами маҳомиди атвори макраматисор, ҳар чӣ ба тааммул мерасад, муфарриҳи ҳуши ҷамъиятоғӯш. Рашаҳоти файзи азал тинати он сарчашмаи карамро ба таровати камоле напардохта, ки дар таровиши осори ахлоқ аз табойеъи мавъизатандеш[50в] араќи иншои хиҷлат барнаёяд ва ба илтимоси шодобии оини сулук забонҳои таълимимо дари инфиъоли фузулӣ бар худ накушояд.

Рубоъӣ:

*Ориф, ки зуҳури раъфати Аллоҳист,*
*Ҷаҳдаш исори нақди ғафлаткоҳист.*
*Дар табъи набӣ даъвати ислоҳи умам*
*Гул кардани шарми ҷавҳари огоҳист.*

Дар ин айём шуълаи ибрат, маҳдорои[50г] канори берангӣ Мир Файзӣ, ба қадри қатароти ашк, кабоби ҷигар бар мижгон бастааст ва ба андозаи ҷунбиши нафас, минои нола бар дил шикаста.

Қитъа:

*Басту кушоди ҳукми қазоро чӣ чора аст?*
*Натвон хаёл баст, ки «бикшоӣ» ё «бибанд»!*
*Бегонагӣ зи вазъи ҷаҳон мавҷ мезанад,*
*Оина ҷуз муқобили он ошно мабанд.*

Сураторои ҷамоли сунъ нигоҳи маъниогоҳи эшонро дар ҷамеъи аҳвол ба мушоҳадаи ҳусни ризо машғул дорад ва маънинамои асрори тасаллӣ аҷри ин сабр неъмалбадал[51] аз сародиқи фазл ба ҷилва орад.

## 27. ДАР ТАҲНИЯТИ ИРСОЛИ ГУДРӢ, БА ШУКРУЛЛОҲХОН[52]

Забонҳо оҷизи сипоси санъатороест, ки хайёти қудраташ аз ҳазор хилъати султонӣ боҷи интихоб гирад, то далқи гадое биёрояд ва андешаҳо маҳви санои биҳиштофарине,[52а] ки гулчини баҳори раъфаташ бар сад ҳазор чамани нашвунумо шикасти ранг чинад, то барги ишрати бенавое даста намояд. Субҳоналлоҳ, агар гудрӣ ин аст, бар ҳаваскадаи хаёлбофони махмалу дебои хоби ғафлат кӣ механдад? ва агар порадӯзӣ[53] ин сурат дорад, ба ҳасратободи илтифотпарастони атласу зарбафти ошуфтагии ҳирс кӣ мепайвандад?

Ғазал:

*Сазад, ки чашми ҳавас аз гулу суман пӯшем,*
*Саре кашем дар ин гудрию чаман пӯшем.*
*Ҳавас даме ки таманнои ин либос кунад,*
*Ҳазор ҷон ба ҳам орем, то бадан пӯшем.*
*Агар ба ин ҳунар аст обу ранги урёнӣ,*
*Чӣ лозим аст, ки мо айби пираҳан пӯшем?*
*Дар он бисот, ки ворастагист хилъати ноз,*
*Мураққаъи саҳар аз бӯи ёсуман пӯшем.*
*Қумоши марҳамати хон агар ба ин ранг аст,*
*Чу бӯи гул, ҳама насрину настаран пӯшем.*

Баҳор ин ҳама чашм бар ин мураққаъ[53а] надӯхта, ки ба хаёли пироҳани гул тавон пардохт ва рангинӣ дар ин ҷо он қадар оина начида, ки аз сайри болу пари товус худро муттаҳами ҳавас бояд сохт. Нафасҳои орамида дар ҳавои ҷамъияти риштаҳояш аз худ гусастаи як гираҳ пайванди яктой ва дилҳои бемуддаъо дар ҳасрати сояи буттаҳояш[54] тапишфарсуди як мижа ҷоми хобпаймоӣ. Таровати бахяҳояш бо шамнами бисоти субҳ гармандози чашмаки бениёзӣ ва латофати руқъаҳояш[54а] бо ранги баҳори шафақ шӯхиоҳанги истиғнои гулбозӣ. Тамошои кайфияти ҳавзаш[55] ташнагиҳои наззораро ба ҳазор қадаҳи мастӣ об мерасонад ва сайри инбисоти ҳошияаш[56] ҳавасҳои афсурдаро ба сад ранги бетобӣ гирди сар мегардонад. Дар анҷумани шавқ риштаи нигоҳе, ки нисбати таҳайюр ба сайри тору пудаш нарасонад, аз фатилаҳои чароғи сӯхта аст ва дар маҷмаъи таманно лахти диле, ки ба маҳвияти лолазори руқаъоташ напайвандад, аз доғҳои чашми ба марҳам нодӯхта. Нанги каҷбинӣ маркази паргоре, ки дар рабти ин руқъаҳо сари мӯе таҷовуз тавонад ёфт ва доғи кӯрдилӣ мардумаки дидае, ки бар ҳамвории ин бахяҳо риштатобе тафовут тавонад бофт. Ин ҷо буқаламуниҳои Беҳзоди хаёлро дар пардаи ҳар руқъа сад пушти даст бар замин гузоштан аст[57] ва рангомезиҳои Монии тасаввурро дар сояи ҳар барге ҳазор тухми ҳайрат коштан.

Рубоъӣ:

*Чидаст дар ин мураққаъи таҳсинӣ*
*Ҳар руқъа димоғи сад чаман гулчинӣ.*
*Дар мактаби шавқ кам касе дорад ёд*
*Девони рубоъие[58] ба ин рангинӣ.*

Ба андози рангу бӯи ҳар гуле туҳфаи ниёзи дуруде ва ба қадри дастгоҳи ҳар руқъае ҷабҳаи таслими суҷуде.

## 28. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[59]

Файзи иқболи сарафрознома ҷабини саҷдакаминро ба баландиҳои дасти дуъо ҳамдӯш гардонид ва аз буни ҳар мӯи таҳайюрқарин ҳазор забони сипос рӯёнид. Мутолаъаи саводи ғазалиёт кайфияти саҳрое дар назар ҷилва дод, ки андеша умрҳо мебояд, то аз силсилаи шӯри ҷунун барояд ва тааммули унсури рубоъиёт тарҳи чорсӯе ба тахайюл орост, ки таҳайюр муддатҳо мехоҳад, то дӯкони мижгон фароҳам намояд. Ҳаққо, ки ёди дуъогӯён беҳ аз ин боъисе надорад ва балки ҳамон таваҷҷуҳ ба баҳонаи[60] ин сифатҳо сар бармеорад.

## 29. БА МИРЗО МУҲАММАДИБРОҲИМ[61]

Абвоби файзи ақдас, ки мушъири[61а] ҳақиқати рӯҳ аст, бар ҳар зиҳаёт бе калиди саъй мафтӯҳ аст. То соғари базми вуҷуд даврони фурсате дорад, масти ин нашъаи бехумор[61б] бояд будан ва чашм бар кайфиёти ин софи бе дурду ғубор кушудан, Муфти ҷамъияти сархуше, ки ташвиши хаёли ботилаш ҷоми такаллуф напаймояд ва ғанимати шавқи соҳибдимоғе, ки судоъи[61в] илтифоти ваҳму заннаш нафарсояд. Шуъури[61г] ин нашъаро натоиҷ бисёр аст ва ҳузури ин мақомро хавос[61ґ] бешумор. Насақи[61д] шариъат ва сулуки тариқат, ки моддаи интизом ва маншаъи камоли зуҳуру бутун аст, ба васотати анбиё ва василаи авлиё аз шуҳуди ин ҳақиқат ва ҳусули ҳамин маърифат аст. В-агарна маъошу маъоди[62] инсон ҳамвазъи соири ҳайвонот мебуд ва афъолу аҳволи одамӣ ҷуз мутобиқи туюру анъом наменамуд. Ҳодии таҳқиқ зумраи имониёнро аз сироти мустақими «ман арафа нафсаҳу» мунҳариф нагардонод ва ба нанги залолати «ман кона фӣ ҳозиҳи аъмо фаҳву фӣ-л-охирати аъмо»[63] марасонод.

## 30. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР ШУКРИ ИНТИХОБИ ДЕВОН[64]

Саҷдаи шукрро бар ҷабини ниёз бори миннатҳост, ки аҷзои парешони мақоли дургардони бисоти ҳузурро ба сарриштаи назари тааммул шерозаперои иқболи таҳсин мефармоянд ва авроқи хазонфарсои маҳҷурони гулшани қурбро аз таваҷҷуҳи ҳифзулғайб[65] ба гулдастагиҳо меситоянд. Чӣ қадар димоғи маънисуроғ бар ин ҳазафрезаҳо[65а] кулфати судоъ кашад, то шарми тааммул арақе ба арзи гавҳар орад ва ба чӣ диққат шавқи ҳақиқатзавқ бар ин каломи ошуфтагинизом печад, то саъйи андешааш ночор қобили рабт шуморад. Фазли эзидӣ музди ин икром қуввати табъе ва имдоди ботине ато фармояд.

Рубоъӣ:

*Бедил, ҳарчанд шӯри назмам беш аст,*
*Гар ворасам, андеша хиҷолаткеш аст.*
*Дар силки суханварон гуҳарҳои маро*
*Чун жола, ҳамон об шудан дар пеш аст.*

Сояи шафқати қадрдонӣ, яъне қабули маъзарати аҷзбаёнӣ, афсари орзуи ниёзмандон бод!

## 31. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[66] ДАР ТАҲНИЯТИ ФАТҲ БО СИҲҲАТИ ХУД

Меҳрубонсоҳиби иқболҷавҳари ман, муждаи фатҳе, ки пайваста ҳамрикоби мавкиби таваҷҷуҳ бод, Бедили мубталоро ба ҳазор имдоди шукуфтагӣ – навиди ишратҳо расонид ва бар ҳуҷуми издиҳоми обилае, ки муддате муҳосараи қалъаи ҷисмонӣ дошт, зафари куллӣ бахшид. Ба нисбати сархайлии лашкари ихлос, ҳама вақт шарики фатҳем, дасти дуъои мо баланд ва ба васотати пешоҳангии замзамаи сано, ҳамеша ҳамнавои қонуни нусратем, нафаси орамидаи мо гардунпайванд. Вуруди афкори маъонинисор, ки боъиси ёди фаромӯшон аст, кӯтоҳии сарриштаи иштиғол мабинод.

## 32. БА ШОҲ АЪЗАМШОҲ,[67] КИ ҲАҚИҚАТИ ОРЗУИ ФАҚИР ДАРХОСТАНД

Худовандо, беқадр заррае ба ҳавои офтоб бол меафшонад, оинаи нокасиаш дар пеш нагузорӣ, то биёбонмарги ғубори инфиъол нашавад ва нотавон қатрае ба хаёли муҳит бетоқат аст, сурати мавҳумиаш нишон надиҳӣ, то ба тӯфони арақи шарм наравад. Агар ғубори бесарупоро бар пастии бунёди худ назар меафтод, бар авҷи азамати сипеҳр чашм намекушод ва агар мӯри заъиф ба ҳоли худ тааммуле мегумошт, бо Сулаймон ҷуръати такаллумаш чӣ имкон дошт?

Маснавӣ:

*Фазли Яздон зи илтифоти қадим*
*Бандагонро дуъо кунад таълим.*
*Боз аз эшон ҳамон дуъо талабад,*
*Сӯи худ з-он баҳона воталабад.*
*Оҷизӣ бандаро хамуш дорад.*
*Лек Ҳақ бо хурӯш хуш дорад.[68]*

Дар арзи маротиби таслим ба кисвати ҳар нуқтае ҳазор аҷзи убудият маҳви ҷабҳасоист ва ба андози мадориҷи курнуш[69] дар сурати ҳар ҳарфе ҳазор одоб заминбӯси фарши саҷдапаймоӣ. Умрест дур аз қадами саҷдатирозони ҳузур ба дарди норасоӣ меноладу фарёдрасе надорад ва муддатҳост ҷудо аз рикоби саъодатпаймоёни мавкиби иқбол дар ғубори гумномӣ фурӯ рафтаву аз ҳеҷ ҷо сар барнамеорад. Нигунбахт саре, ки маҳруми хокбӯси он даргоҳ аст, ҳаргиз ҳаловати гиребон нашинохта ва ҳирмоннасиб[69а] чашме, ки бебаҳраи ғубори он остон аст, дар хоб ҳам бо улфати мижгон напардохта. Тоқатҳои ҷавонӣ, ки василаи обрӯи бандагист, ба заъфи пирӣ анҷомид ва истиқомати қиво, ки далели саъодати хидматгузорист, сар ба ҷайби азподарафтодагӣ кашид.[59б] Дар ин муддат:

(Маснавӣ):

*Ҳар чӣ аз саъйи норасо меруст,*
*Ба арақ рӯи хиҷлате мешуст.*
*Орзуҳо ба боди рустан рафт,*
*Арақе монду рӯ ба шустан рафт.[70]*

Лиллаҳилҳамд, ба юмни дуъои давлати абадӣ, ҳанӯз мамнуни бақои нафас аст ва ба ҳавои парафшонии гулзори ҳамду сано, марҳуни шикастагии қафас.

Рубоъӣ:

*Аз шоҳи худ он чӣ ин гадо мехоҳад,*
*Ҷамъияти мансаби ризо мехоҳад.*
*То ҳиммати фақр нанги хоҳиш накашад,*
*Сархайлии лашкари дуъо мехоҳад.*

Партави иқболи бениёзӣ бар фарқи ҷумҳури аноми лоязол мабсут ва ҷабҳаи умеди хосу ом ба сояи таслими шоҳаншоҳӣ манут[71] ва марбут бод!

## 33. ҶАВОБИ ШИКОЯТНОМАИ ШУКРУЛЛОҲХОН[72] ДАР АДАМИ ТАҲСИНИ АШЪОРИ ЭШОН

Хомушнавоёни анҷумани таҳсин, агар муътамиди ҷавҳаршиносии рутбаи каломанд, вазъи сукуташон оламеро ба забти нафас дошта бошад, ки ҷавлони тақрир, албатта, аз замингирони аҷзи хаёлаш хоҳад буд ва ҳайратадоёни маҳфили офарин, агар шоистаи ҳақфаҳмии маънии латоифанд, ҳангоми таҳайюр чашм бар авҷи ҳақиқате кушуда

бошанд, ки баён дар парвози тасаввураш, бе такаллуф, ғайр аз паре шикаста натавонад кушуд. Хоса, дар саноӣ маъние, ки бениёзон бедилеро мухотаби илтифот намоянд ва ё маъбуднисбатон[72а] қобили убудиятеро ишъори[72б] таваҷҷуҳ фармоянд. Эҳтимоли иғмоз[73] чӣ эҳтимол дорад? Забон, дар саросемагии ғалаботи шавқ, худро гӯш дониста, ба саводи сурмаи хат қасами безабонӣ мехӯрад ва тақрир, дар мақоми ҳуҷуми таҳайюр, худро таҳрир фаҳмида, ба лағзиши мижгони хома ҷодаи маъзарат месипарад.

Қитъа:

*На мазмун нақш мебандам, на лафз аз парда меҷӯшам,*
*Забонам гарми ҳарфи кист, к-ин миқдор хомӯшам?*
*Ҳадиси ҳайратам бояд зи лаъли ёр пурсидан,*
*Чӣ мегӯяд, ки оташ мезанад дар кулбаи ҳушам?*
*Ба қосид гар нагӯям рози дил, ночор маъзурам,*
*Замони ёди туст, он дам фаромӯшам, фаромӯшам.*

Кайфияти дараҷоти сухан муқтазии он аст, ки гоҳе аз шукӯҳи дилнишиниҳо забони истеъдодбаёнро ба ташнакомии вазъи адаб мефарсояд ва гоҳ ба исори латоиф аз лаби аҷзнаво роҳи ҳазор маҳмадат мекушояд. Дар ҳар сурат, агар хамӯшем, аз виқорсанҷони рутбаи маъонием ва агар гӯем, аз уруҷоҳангони қонуни нуктадонӣ.

Қитъа:

*Ҳар куҷо маҳвияти вазъи адаб гул мекунад,*
*Гар ҳама фарёд бошад, арзи матлаб хомушист.*
*Аз хатат бо шарҳи ҳайронӣ қаноъат кардаем,*
*Сурмаро дар чашм гӯёию бар лаб хомушист.*

Дар вартаи эътироз бехудӣ паноҳ асту дар олами иштибоҳ норасоӣ узрхоҳ.

34. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[74]

Тавотури[75] навозишнома ҷонҳои тоза исори қолиби интизорфарсуда мефармояд ва тасалсули[75а] марҳаматнома бар бенафасони[75б] зовияи маҳҷурӣ соғари нафас мепаймояд.[75в] Файзи ҷонбахшӣ лоязол[75г] ва даври илтифот беинфиъол бод.

35. ҶАВОБИ НОМАЕ, КИ ШУКРУЛЛОҲХОН НАВИШТА БУДАНД, ЯЪНЕ НАЗМИ ШУМОРО НАСР КАРДААМ, БАРОИ ЮСУФ ОИНАИ АРМУҒОН АСТ[76]

Иқболи вуруди бедилнавознома, ки пас аз муддатҳо ранги иборати ом гардонда[76а] буд ва ба таҷдиди лафзу маънии шафқатҳои қадим муждаи навозиши хос расонда, оинаи аҷзро ба юсуфнамоӣ муфтахар гардонид ва пояи таслимро ба улуви ҳиммати масеҳоӣ расонид. Саъодатмазмун назме, ки дар он ҷаноб бо рутбаи наср ҳамъинонӣ намояд ва кароматравиш насре, ки дар он боргоҳ ба ҳамсоягии назм барояд. Агар назм аст, якқалам аз камарбастаҳои хидмати дуъост ва агар наср, якдаст аз бисотороёни вусъати ҳамду сано. Насри ошуфтаҳолон ба тартиби гирдовариҳои ишфоқ ҷамъияти назм гирод ва назми вомондагон ба тавзеҳи маротиби ахлоқ дастгоҳи наср пазирод.

Қитъа:

*Бедиллақабам, ҳасрати ганҷина надорам,*
*Дил низ ғуборест, ки дар сина надорам.*
*Сар то қадамам кисвати номуси ҳубоб аст,*
*Дар хирқа, ба ҷуз забти нафас, пина[76б] надорам.*
*То фазли ту чашмам ба сӯи худ накушояд,*
*Гар худ ҳама Юсуф шавам, оина надорам.*

Миръоти ҷаҳоннамои он зот, ё Раб, занги алам мабинод.

36. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[77] ДАР ДУЪОИ СИҲҲАТИ ЭШОН

Унсури зоти тақаддусоёт аз мухолафати обу ҳавои фусули имкон тағайюри эътидол мабинод! Нафаси бепаруболони ошёни ниёз тапишфарсои ин ҳавост ва забони аҷзнавоёни қонуни инкисор[77а] дарюзаоҳанги ин дуъо:

Қитъа:

*Худовандо, ғубори кулфати он зот напсандӣ,*
*Ба ғайр аз офият, тимсоли ин миръот напсандӣ.*
*Ҳубобу мавҷ бисёр аст дар дарёи имконат,*
*Аз он гавҳар, ба ҷуз ҷамъияти авқот, напсандӣ.*

Дар олами одоби ихлос, агар ҳавое мухолиф бар мизоҷи файзимтизоҷ[77б] ранги вазидан гирад, нафас дар синаи бедилон хиҷил аст ва дар маҳфили оини ақидат, агар обе ба мазоқи ҳаловатиттифоқ хаёли ногуворӣ намояд, тарӣ дар димоғи ҳавохоҳон мунфаъил.

Рубоъӣ:

*Эй он, ки туро чу фазли Ҳақ додрасест,*
*Ошӯби аворизат, мапиндор, басест.*
*Бо софии тинатат набояд кулфат,*
*Бар оина гар нафас бипечад, нафасест.*

Дар ин фасл, ки оламе мустариби таъаддии[77в] обу ҳавост, ҳаво ҳам аз дасти беэътидолиҳои табъи худ тазаллуме[77г] ба ҷаноби баҳори маъдалат бурда буд, ба инсофи[77д] эътидол мақрун бод ва об низ аз туғёни бебокиҳо шиква ба остони Суҳайли анвор[78] арза медорад, ба орамидагӣ ислоҳ пазирод.

37. МАЪЗАРАТИ КОҲИЛҚАЛАМӢ, ДАР ҶАВОБИ ШИКОЯТНОМАИ ЭЗИДБАХШИ РАСО[79]

Тақсири ғафлати бедилон ҳарчанд аз он олам нест, ки ба саъйи узр аз шиканҷаи инфиъол тавон раст, аммо умеди афв боқист, товони[79а] бепарвоии нома бар гардан афтодааст, аз қабул чора нест.

Байт:

*Ба ранге саргарон афтодаем аз норасоиҳо,*
*Ки душвор аст, қосид ҳам зи мо пайғом бардорад.*

Аз ёди гиромилиқо дар ҳеҷ ҳолате ғофил тасаввур нафармоянд ва ба ҷурми адами номапардозӣ, тӯмори шикваву

эътироз накушоянд. Мутолаъаи нусхаи ишфоқ[80] таътили ғафлате надорад, яъне нафасе нест, ки сар аз ниқоби маънии тоза барнаёрад. Ирсоли натоиҷи афкори расо[80а] табиъати афсурдаро аз кулфати пастӣ наҷот бахшид. Рутбабахшиҳои уруҷи маъонӣ осмонпоя бод.

38. ДАР ШУКРИ ИРСОЛИ НАБОТ, БА ШУКРУЛЛОҲХОН[81]

Ширинињои алтофи бекарон талхикашони гӯшаи ҳасратро, чун кӯзаи набот, комёби ҳаловати сарбаста гардонид ва аз ҳар буни мӯйи мунтазирони шарбати дидор, чун барги найшакар, забонҳо рӯёнид. Ба юмни файзи азал, дар ҳар гулшане, ки қадам гузоранд, нӯки хораш таранҷабинхез ва ба ҳар анҷумане, ки таваҷҷуҳ гуморанд, риштаи шамъаш ангубинрез. Мазоқи табарзади[82] марҳамат ба ҳеҷ обе кулфати бемаззагӣ мабинод ва чошнии шираи илтифот дар ҳеҷ ҳолате тухмати бетавъамӣ[83] мачинод.

39. ИШТИЁҚИ НОМА, БА ШУКРУЛЛОҲХОН[84]

Нуқуши ин сафҳа дуди дилест, ба ҳукми норасоии парвоз, ногузири вазъи замингирӣ ва хутути ин мактуб ғубори орзуе, дар олами нотавонии арзи ниёз, беихтиёри аҷзтаъмирӣ. Аз ниҳояти дарди бенавоӣ, то хома минқор бар замин намемолад, ҷуз хамӯшӣ сафире намеболад ва аз камоли аҷзи нотавонӣ, то нома ба андӯҳи шикастаболӣ намефарсояд, чашм ба умеди парвозе намекушояд. Пас хомаро дар таҳрири маротиби шавқ яккалам бори сарнигунӣ бояд кашидан ва номаро дар арзи мадориҷи[84а] таманно якдаст бисоти вусъат чидан. Дар ҳар сурат, иборот норасост ва ишорот ҳайратинтимо.[85] Қудратнигори маънии лавҳу қалам ҳарфи мулоқот ба зуҳур расонад ва такрори сабақҳои номаву пайғом ба мутолаъаи нусхаи дидор мубаддал гардонад.

40. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[86] ДАР ДУЪОИ СИҲҲАТИ ЭШОН

Таслимномаи бедилон маҳмилтирози[86а] як саҳар қофилаи дуъост, умед, ки ҷуз дар он маҳфил, бори ниёз накушояд ва иборати ракимаи[86б] ниёзмандон болкушои як фалак ҳавои саност, ё Раб, ки ҷуз ба он остон, ҷабҳаи тазарруъ[86в] насояд.

Маънипаноҳо, дар ин айём, ки насими гулшанободи Деҳлӣ ҳам бе ташвиши димоғе нест, дар мазарратзудоии обу ҳавои берунҳо эҳтиёти авқоти ғизо ва ихтилофи алвони он заруристи. Агарчи табиъати камолтинат аз он муназзаҳ аст, ки ноқисфитратон тариқи ислоҳе адо намоянд ва алилмизоҷон[86г] ба арзи тақвият забони муболаға кушоянд.

Рубоъӣ:

*Эй зоти муқаддаси ту ҷони олам,*
*Ҷамъияти ту ҳисни[86г] амони олам,*
*Хуш бош, ки фазли эзидӣ напсандад*
*Аз кулфати ботинат зиёни олам.*

Ҳавое, ки бо унсури муқарабони он зот нафаси мухолафат барорад, агар ҳама дами субҳ аст, ба чокҳои ҷигар мубтало бод ва обе, ки ба мазоқи ҳавхоҳони он ҷаноб носозӣ намояд, ҳарчанд мавҷи гавҳар аст, ғайр аз ташнагӣ мабинод.

41. БА МИРЗО МУЪИН, ДАР ПАРДОЗИ[87] КОРД

Аз нозукиҳои пардози корд чӣ нависад? ки агар бисмил тасаввури латофаташ ба хотир орад, муҳтоҷи захми дубора метавонад гардид ва аз кайфияти ихтироъи ғилоф чӣ нигорад? ки агар маънӣ шӯхии урёнӣ ба хаёл андешад, худро бо ин либос тавонад пӯшид. Теғааш дар арзи сафо бар дами субҳ менозад ва даста ба тартиби мавзунӣ қитъаи биҳишт[87а] мепардозад. Имрӯз забони санои дӯстон аз ниёми ком берунхиром аст ва гардани руъунати[87б] ҳосидон ба пойи таслим сарнигуниэҳром.

42. БА ИХВОНПАНОҲ МИРЗОИИ ИБОДУЛЛОҲ,[88] ДАР ТАЪЗИЯТ

Бори сарнигуниҳои хома ба дӯши ҷуръат бардоштан аз аҷзи нотавонӣ дур аст ва дарди гиребончокии нома ба чашми таамmул мушоҳада намудан дар арзи номуси таҳайюр қусур. Ранги ҷамъият бар адаму ҳастии мо боле наяфшонда, ки ба таклифи авҳом фароҳам тавон намудан ва сози роҳат бар бақову фанои мо навҳае сар накарда, ки ҷуз сури қиёмат навои дигар тавон шунудан. То хаёли зиндагӣ бори дӯш аст, ғубори рафтагон бар фарқи шуъур бояд пошид ва то рахт аз ин варта барнабандем, гӯши вомондагон ба афсонаи ибрат бояд харошид.

Қитъа:

*Вопасӣ[88а] з-ин корвон чандин надомат бор дошт,*
*Ҳар кӣ рафт аз пеш, хокаш бар сари мо рехтанд.*
*Ин гулистон қобили наззораи улфат набуд,*
*Обрӯи шабнами мо сахт беҷо рехтанд.*

Муқимони ин хокдон яккалам нишонаи хаданги кулфатанд ва мусофирони ин бодия яксар даройи[88б] маҳмили ибрат. Аз савонеҳи[88в] ин ҳасратобод ба ёди кадом воқеъа пардозем, ки фаромӯшӣ ба фарёди надомат тавонад расид? ва аз ғулғули ин мотамкада ба чӣ сабақ таамmул намоем, ки хомӯшӣ тӯмори нола тавонад печид?

Байт:

*Сабре магар талофии[88г] озори мо кунад,*
*Миношиката он чӣ ба дил баст, санг буд.*

Қитъа:

*Аз аҷз ба аҷз мегурезем,*
*То оби рухи адаб нарезем.*
*Хокем нишаста бар сари хеш,*
*З-ин беш дигар чӣ хок безем?*

Бо камоли яъсе, ки аз мушоҳадаи аҳволи олам табъи маъюсро шаш ҷиҳат фароҳам гирифта,[88г] қатъи умед аз ҳасрати дидор муҳол аст. Ё Раб, ки фурсати вусул бар орзуи бедилон доман наяфшонад[88д] ва ба давлати таманное, ки зиндагӣ мутаъаллиқи ҳавои ӯст, фоиз гардонад.

43. ҶАВОБИ НОМАИ ШАЙХ МУҲАММАДИ МОҲ,[89]
ДАР БЕИХТИЁРИИ ХИДМАТИ ҚАЗО

*Зи чоки сина оҳе менависам,*

*Катонам,*[89а] *ҳарфи моҳе менависам.*
*Муҳаббат номапардоз аст имрӯз,*
*Шарар бар барги коҳе менависам.*

Вуруди шафқатнома мунтазири атияи[89б] таваҷҷуҳро ба илтифоти маънавӣ навозишҳо фармуд ва хоксори зовияи ниёзро ба мароҳими ботинӣ сарбаланди нашъаи ҷамъият намуд. Мутамаккинони[89в] садри таҳқиқ, ба вуфури либоси иборат, ранги маънӣ барнамегардонанд ва муқимони сарманзили яқин, ба шумори маротиби авҳом, уруҷу нузуле ба ҳам намерасонанд. Аз олами асбоб, ҳар чӣ беихтиёр пеш ояд, иқболи давлати азалист ва аз тамошогоҳи зуҳур, он чӣ бетакаллуф[89г] рӯ намеояд, латифаи ҷаҳони бехалалӣ. Яққалам маҳкуми қазоем ва яксар муқайяди таслиму ризо.

Қитъа:

*Мо баҳорему дар ин ҳайратсаро*
*Ҷилваи мо сайри ранге беш нест.*
*Гар равем аз худ, куҷо хоҳем рафт?*
*Ваҳшат ин ҷо узри ланге беш нест.*
*В-ар ба худ созем, ҷойи ибрат аст,*
*Қайди ҳастӣ низ нанге беш нест.*
*Ҳар чӣ бар оинаи мо рехтанд,*
*Гар ҳама ҳусн аст, занге беш нест.*
*Сархуши таслим бояд буду бас,*
*Гарчи ин ҳам ваҳми банге беш нест.*

Оинаи маънишуҳуд аз сурати ҳоли бедилон ғофил нахоҳад буд, ки ин ҳайратсиришти азалӣ, ба ҳукми аҷзи қадим, он қадар ранги эътибор дар худ мушоҳада намекунад, ки ба тасвири арзи шикастагӣ бояд пардохт ва бо ин ҳама, аз фаромӯшони хотирҳо нест, ки ба хаёли худ ҳам тарҳи ёде тавонад андохт.

Фард:

*Бо кадомин зарра санҷам обрӯи эътибор?*
*Он қадар ҳеҷам, ки аз худ шармсорам кардаанд.*

Ва ҳол он, ки бепоёниҳои маротиби шавқ муназзаҳ[89г] аст аз иҳотаи изҳори такаллуфот ва бекарониҳои муҳити орзу мубарро[89д] аз қайдшиносии расмиёт. Чӣ нависад? ки иборат, аз шарми норасоӣ, сафҳа ба арақ нашӯяд ва маънӣ, ба андешаи қусур, роҳи гиребон напӯяд.

Моҷарои олами асбоб бениҳоят аст, дарознафасиро мусаддеъи[89ж] авқоти гиромӣ написандид. Муқаддири ҳақиқӣ[89з] тақдири иттифоқе ба зуҳур орад, то ба ҷаноби ҳузур масдари ҷуръатбаёнӣ тавон гардид.

## 44. ДАР МАЗАММАТИ СУРФА ВА ЗУКОМ, БА ШУКРУЛЛОҲХОН[90]

Хароши ҳанҷараи[90а] баён шикванавои хориҷоҳангест, ки то ба ҳарфи гулугираш забон кушуда, овозҳо ба танаҳнуҳ[91] кашидааст ва лағзиши рафтори сухан нафринадои самиҷтинате,[92] ки то ба ҷодаи тақрираш қадам гузошта, маънӣ ба лузуҷат[93] расида. Музҳики[93а] масхарае, ки тунбаки димоғ менавозад ва гандамутрибе, ки биниро ғиҷак месозад. Марӯҳе, ки бо вуҷуди сирешумихтилотӣ,[93б] бар ҳеҷ диле начаспид ва бо камоли шалоинӣ[94] қабули табъе ба ҳам нарасонид. Аз ниҳояти нописандӣ, ҳарчанд қадам ба арши димоғ сояд, ҳамон оби бинист ва ба иллати ноқабулӣ, агар ҳама бар садри синаҳо такя занад, масдари ғасаёнофаринӣ.[95] Бо ин бенамакӣ, сафед шудан нақши кароҳият бастан аст ва ба ин хунуксуратӣ, бар рӯи об омадан дар араќи инфиъол нишастан. Ба шомити[95а] густохӣ, ки бар табъи соҳибдилон гаронӣ дорад, агар саропояш ғӯта дар барас[95б] занад, сазост ва ба мукофоти кӯрӣ, ки бо валинеъматон нози афсурдагӣ мефурӯшад, агар намак чашмаш гирад, баҷо. Сафои ҷавҳари рутубат, аз хиҷлати вазъи макрӯҳаш, моддаи тариҳои инфиъол аст ва покии домони таровaт, аз нисбати тарзи маъибаш, дар чанги тухмати олудагиҳои инзол.[96] Дар нафасӯзии ташнеъи[96а] ин нобакор сурфа дар гулӯи қалам мепечад, ба чӣ фасоҳат забон тавонад кушуд? ва дар бадеҳарасонии ҳаҷви ин малъун балғам ба коми давот ҷамъ мегардад, ба кадом хушлаҳҷагӣ тақрир тавон намуд?

Рубоъӣ:

*Ин сурфа, ки ҷӯши балғам изҳораш кард,*
*Бар ҳар кӣ нафас дамид, озораш кард.*
*З-ин беш ба нафрин-ш чӣ кӯшам? Ки фалак*
*Ҳар ҷо, ки аху туф аст, дар кораш кард.*

## 45. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[97]

Дар арзи таманнои дидор, ҳарчанд оина вонамояд,[97а] ҳайрат боқист ва дар адои кайфийёти орзу, агар ҳама ҷоми висол паймояд, ҳасрат соқӣ. Вуруди[97б] иттифоқии як-ду байт, ки муносиби баъзе матолиби «Чоръунсур»[98] буд, андешаи лиқопарастро ниёзандеши туҳфаоройӣ намуд. Арзи маънияш узри бемуддаъоӣ хоҳад хост ва изҳори иборат бисоти бематлабӣ хоҳад орост.

Абёт:

*Гуҳари муҳити таваҳҳумӣ, на сафар гузин, на иқомате,*
*Қидаму ҳудуси тахайюлӣ, на шикастагӣ, на саломате.*
*Чу зи худ ба худ назаре кунӣ, равӣ аз худу дигаре кунӣ,*
*Ту магар чунин ҳунаре кунӣ, ки бигӯямат: Чӣ аломатӣ?*

Шуҳуди маънӣ манзури мутолаъаи давом бод.

## 46. ДАР ИЗҲОРИ ОЗОРИ ДАСТИ ХУД ВА СИҲҲАТИ МИЗОҶИ ШУКРУЛЛОҲХОН[99]

Лиллаҳилҳамд, ҳар қадар аламе, ки хайрандеш[100] аз истимоъи кудурати табъи файёз[101] мекашид, ба навиди ҳусули ҷамъият, бо сурури давом мубаддал гардид. Дасти дардманди Бедил, ба василаи истидъои[102] сиҳҳати он зот, дар ҳазрати тақаддус боли аҷзе мекушояд, то аз захираи файзи иҷобат барои худ дарюзаи асаре ҳосил намояд. Ҳар ҷо оинаи баҳор мепардозанд, хорҳои хушкро низ сарсабзи туфайлӣ месозанд ва ҳар куҷо ба нахли баруманд хилъати хуррамӣ мепӯшонанд, оҷизгиёҳонро ҳам аз сояаш насибаи таровате мерасонанд.

Рубоъӣ:

*Аз меҳр агар зиё ба олам бирасад,*
*В-аз ҷоми саҳар рашҳа ба шабнам бирасад,*

*Бар сиҳҳати зоти хон бияфзо, ё Раб,*
*Чандон, ки асар ба бедилон ҳам бирасад.*

47. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[103]

*Хомӯшаму бетобии фарёди ту дорам,*
*Чандон ки фаромӯши туам, ёди ту дорам.*

Агар ба қадри шукри эҳсон забон кушояд, бастани лаб сарфаи хамӯшӣ намебинад ва агар ба хомӯшӣ таҳияи арзи дуъо намояд, забон аз насиби саъодат маъюс менишинад. Дар он чӣ бе хости табъи фузул доштаанд,[103а] машғул дониста, шокири алтофи бериё тасаввур фармоянд ва дар саранҷоми амре, ки табиъат ногузири маъмурии ӯст, шоиқ буда, партави шавқи Илоҳӣ мушоҳада намоянд.

Рубоъӣ:

*Соҳибназарон агар ба бозор шаванд,*
*Аз ҳар ҷинсе туро харидор шаванд.*
*Дар ҳеҷ сифат ғафлаташон мумкин нест,*
*Коре нанамоянд, ки бекор шаванд.*

48. БА ШОКИРХОН

Баъд аз арзи одоби бандагӣ, бандагӣ ва пас аз изҳори қавоъиди таслим, таслим.

Мавҷ, агар то қиёмат ба саъйи ҷавлон пардозад, аз кӯчаи шикастагӣ баромадан надорад ва зарра, агар ҳазор сол боли талош ба ҳам занад, аз қафаси аҷз сар барнамеорад.

Хаёли маънии яктоӣ ба иборати дуӣ тааммул кард,[103б] аз тасаннуъи пайғом даре бар рӯи васл баровардем ва тасаввури ҷамъияти ҳузур дар тафриқаи ваҳми дурӣ афтод, ба такаллуфи таҳрир номае сиёҳ кардем. Ҷуръати тақрир маъзаратнаво нест, то ба илоҷи тақсири ғафлат тавон пардохт ва шӯхии таҳрир поси адаб надорад, то тарҳи саҷдаи ниёзе тавон андохт.

Қитъа:

*Моро, ки на ороиши барге, на навоест,*
*Сармоя, агар ҳаст, ҳамин дасти дуъоест.*
*Таслим ба раъноии афсар нафурӯшем,*
*Меъроҷи сари обила бӯсидани поест.*

49. ДАР ШУКРИ ИРСОЛИ ТАҲОНҲОИ ХОСА, БА ШУКРУЛЛОҲХОН[104]

Тору пуди хилъати илтифот бар қомати ихлосмандон аз он часпонтар аст, ки ба оғӯшкушоии забонҳо роҳи ҳарфе тавон кушуд ва зайли[104а] иноят бар фарқи эътиқодкешон аз он паҳновартар, ки ба санопаймоии тӯли калом риштаи арзе тавон паймуд. Ба таълифи аҷзбаёнӣ лабе ба ҳам овардан, аз ин коргоҳ ду ришта ба ҳам тофтан аст ва ба тартиби ҳайратнигоҳӣ мижгон боз кардан, аз ин парда[104б] бахяворе вошикофтан.

Рубоъӣ:

*Ҳарчанд катони ҷаҳд нашкофтаем,*
*Аз лутфи ту файзи хосагӣ ёфтаем.*
*Дар коргаҳи дуъо, ки чашмаш марасод,*
*Мо ҳам нафасе чанд ба ҳам бофтаем.*

50. ТАҲСИНИ ҒАЗАЛИ ШУКРУЛЛОҲХОН ДАР ҶАВОБИ ҲАКИМ ФАЙЗЪАЛӢ[105] ВА ИСЛОҲИ ЭШОН АЗ СУҚМИ ФИКРИ ҲАКИМ

*Он ғунчаи хомӯш, ки сад ранг сухан дошт,*
*Дар парда ба ҳар кас сухане дошт, ба ман дошт.*
*Нанмуд мисоле, ки ба рангаш натапидам,*
*Оинаи ӯ дар дили хунгашта ватан дошт.*

Туфайлинағма[105а] сомеъаро ба саъодати меҳмонӣ навозиш фармуд ва ба майманатнавоии оҳанги татаббуъ роҳи таҳрири ниёзе вонамуд.[105б] Хомаро дар замине, ки ҷаста-ҷаста қадам шумурдан аст, ин қадар мутлақъинонӣ камол аст ва беш аз ин расоии қудрат андешаи муҳол.

Маънинавозо, дар ғазали Ҳаким, ба он сустии мазмун, баёте набуд, ки алҳол ба таваҷҷуҳи ислоҳ яке беҳ аз он нест.[105в] Бе такаллуф, ин ҷинси баста-баста[105г] матоъе намебошад, ки ба назари мунтахабписандони туҳафи маъонӣ, бораш тавон кушуд ё даста-даста гуле, ки мухтасси дастанбӯии[106] соҳибдимоғони чамани фитрат тавонад буд.

Билфеъл шикастабастае чанд ба адое, ки қофия лаб ба шикояти тангӣ накушояду мазмун аз диққати лафз ба шиква барнаёяд, дарюзагари мӯмиёии ислоҳ аст ва мутаваққеъи истифодаи фалоҳ.

Абёт:

*Роҳат куҷост? Гар дилат аз хеш раста нест,*
*Дар оташ аст, наъли сипанде ки ҷаста нест.*
*Афсурдагӣ ба шуълаи ҳиммат чӣ мекунад?*
*Хуршед зери хок ҳам аз по нишаста нест.*
*Бедил, ба табъи бехудият бӯйи роҳатест,*
*Ранге шикастай, ки ба ранги шикаста нест.*[106а]

51. БА КАРАМУЛЛОҲХОН

Агар мояи сиҳҳатест, ёди мароҳими шафқату иқбол аст ва агар дастгоҳи ҷамъияте, тасаввури ахлоқи марҳаматиштимол.[107] Баҳорпирои хуррамиимкон он нахли ҳадиқаи соягустариро муъовини тофтаҳои[107а] водии бараҳнасарӣ ва самарарасони талхкомони зовияи бебарӣ дорад. Таровати обёриҳои саҳоби афкор[107б] хушкӣ дар мазраъи таманно нагузошт ва саҳарнавидиҳои қурби висол кудурат аз шабҳои интизор бардошт. Анбаҳои[108] пешрас кому забонро ба ҳаловати шукри наъмо анбоштанд ва бо вуҷуди берешагӣ, решаҳо дар замини табъи сипосандеш коштанд. Ва ин икром ғайри тасалсул мабинод.

52. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР МАШВАРАТИ ИЗДИВОҶИ САБИЙЙАИ[109] ЭШОН

*Сад айши абад дар қафас огоҳии туст,*
*Во кун мижаву хайма ба гулзори Ирам зан.*

Таҳияи русуми олами имконӣ камолест аз дараҷоти маротиби инсонӣ, ки ҳар гоҳ сурати шароиташ ба маърази вуқӯъ мепайвандад, мӯ ба мӯи орифро забон ба шукри ҳақиқати зуҳур кушудан аст ва ҳар куҷо паймонаи кайфийёташ ба даври шуҳуд меанҷомад, димоғи фурсати огоҳиро соғари сипоси ҳазрати бечун паймудан. Оини ин ишрат бар он чаманпирои баҳористони иззу иқбол муборак бод ва равоиҳи ин сурур табъи ҳавохоҳони бисоти тарабро муждаҳои шукуфтагии давом бирасонод.

53. ҶАВОБИ ИНОЯТНОМАИ ШУКРУЛЛОҲХОН[110]

*Дилнавозиҳои лутфат бедилеро шод кард,*
*Ганҷ ёбад он, ки ин вайронаро обод кард.*
*Чун саҳар, дуздида будам сар ба ҷайби нестӣ,*
*Бозам оҳанги дуъоят нафсро[110а] имдод кард.*

Таҳрири нотавониҳои ҳоли бедилон хомаро нол[110б] мегардонад ва тӯмори[110в] норасоиҳои тоқати мустамандон сарриштаи хатро ба нуқта мерасонад. Нусхаи ҳастӣ, ки зермашқи хаёлоти мавҳума аст, дар зимни ҳар нафас кашиданаш[110г] ҳакку ислоҳест тоза ва дар теғи ҳар мижа бар ҳам задан эҳтиёти бастану гусехтани шероза. Хоса, бар табойеъи заъиф, ки он ҷо парафшонии ранг ҳам тӯфон метавонад ангехт, яъне аз хокҳои нарм ба ҳаракати насим низ ғубори қиёмат метавон бехт.

Лиллаҳилҳамд, ки дар ин айём, ба таваҷҷуҳи маънавӣ, сиҳҳати ин нусхаи мағшуш суратнамост ва ҷамъияти ин авроқи парешон[111] болиҳамдкушо. Сиҳҳат ва ҷамъияти он маҷмӯъаи асрори карам сабақи муддаъои дилҳо бод ва анфоси шавқиқтибоси мухлисонро (ба) муборакбоди иди тоза расонод.

54. ҶАВОБИ МАКТУБИ МИРЗОӢ ИБОДУЛЛОҲ[112]

Кайфияти вуруди иноятнома махмури саҳбои дидорро, ба ҳазор ранг нашъа, сарбаланди ҷамъият гардонид ва мунтазири паймонаи вусулро, ба чандин хумистони сархушӣ, навиди ишрат расонид. Оинаи умед, аз мушоҳадаи ҷамол, ба тимсоли хаёл қаноъати беихтиёрӣ дорад ва сафҳаи орзу, аз мутолаъаи ҳусули дидор, ба таҳрири тасаввур нақши таскине мешуморад. Гирифтории силсилаи авҳомро илоҷе нест, маҷбури андешаҳои хомем ва вомондагии вазъи таҳрирро тадбире наметавон ёфт, аз паршикастаҳои ин домем.

Маснавӣ:

*Гар зи по баркашем, хоре нест,*
*В-ар зи дӯш афканем, боре нест.*
*Бори хешему хори пои худем,*
*Меравем аз худу ба ҷои худем.*

Фазли эзидӣ олами умеди маъюсон аст, дур нест, ки оинаи моро ба ҷилое бинавозад, яъне дидаи мутаҳаййирро ба файзи дидоре мушарраф созад.

55. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[113]

Уруҷи иқболи сухан мунҳасир[113а] аст дар он мартаба, ки табъи соҳибдиле масрури латоифаш тавонад гардид ё нигоҳи соҳибназаре бар тааммули маънияш тавонад печид. Лиллаҳилҳамд, соҳиби қарддони мо ба афкори ин бесарупо таваҷҷуҳе мефармоянд ва бо лутфи амим[113б] таҳсине менамоянд. Аммо орзуи мустаманд мунтазири умедест, ки ба суҳулат он чӣ манзури назари шавқасар гардад, хидмати таҳрири он ба дигаре муфавваз[113в] набошад. Дар сурате ки худ ба тасвид майл намоянд,[113г] ҳам таваҷҷуҳи том дар боби маонӣ ҳосил асту ҳам дар ин зимн қабули илтимоси Бедил. Эзиди мутаъол ба файзи рутбае, ки дили муҳаббатманзил мунтазири вусули ӯст, восил гардонод.

56. БА ШОКИРХОН

*Ба ҳар ҷо рафтаам аз хеш, дар роҳи ту мепӯям,*
*Агар дурам ва гар наздик, хоки он сари кӯям.*

Ҳарчанд медонанд, ки дар ёди ғурабо бесабаб пардохтан тазйеъи авқоти машоғилаломот[113г] аст, аммо заҳираи тағофул закоти нигоҳе мехоҳад, ҳамон бесабабиро сабаб тасаввур бояд намуд. Мегӯянд, дар кӯҳсори Байрот[113д] он қадар садо напечидааст, ки фарёди дил тапидани бедилон ба гӯши касе тавонад расид. Хулосаи шиква он, ки қосиди таваҷҷуҳ ба ҳазор дашту дар медавонанд, гоҳе ба ҷониби мо ҳам санге биғалтонанд, ки аз пошикастаҳои сояи ин кӯҳем[113ж] ва ба хок нишастаи ғубори ҳамин кулфату андӯҳ. Талофии[113з] тағофулҳо ёдоварист, агар наздикем, иршоде ва агар дурем, фарёде.

57. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[114]

Аз бандагиҳои худ чандон ки ба арзи бешӣ пардозад, кам аст ва аз худовандиҳои он ҷаноб ҳарчанд кам андешад, беш аз беш. Бо ирсоли ҳино, ҷуз даст ба хидмат бастани дуъо, ранге дар назар намебандад ва аз таваҷҷуҳи маънинавозиҳо, ғайр аз иртифоъи[114а] маносиби фитрат дархостан, муддаъое ба зуҳур намепайвандад. Уруҷи ҳиммати маонитавъам рангиниҳои табиъат бод.

58. ДАР ТАҲНИЯТ ВА МУБОРАКБОДИ ИД

*Имрӯз, ки вақти тавфи мақсуд расид,*
*Халқе маҳмил ба ҷониби Каъба кашид.*
*Моро, ки суроғи ту ба дил ёфтаем,*
*Ночор ба гирди хеш бояд гардид.[114б]*

Ҳавои он остони каъбаэҳтиром таҳрики нафасро ба қадамшумории эҳроме[114в] хос мумтоз сохта ва тапишҳои дилро ба оҳанги лаббайкяқинӣ[114г] навохта. Ҳарфе, ки дар баёзи интизор навиштаем, мазмуни нигоҳи қурбонӣ дорад ва сатре, ки дар ҷабҳаи ихлос сабт намудаем, сар аз саҷдаи доимӣ барнамедорад. Муждабахши иқболи саъодат ба навиди муборакбоди давлати ҷовид расонод ва ба таслими маротиби ниёз, дӯстонро низ мавсули ишрати абадӣ гардонод.

59. БА ШОКИРХОН, ДАР ИБТИЁЪИ ПОРЧАИ ГАЗӢ[115]

Таваҷҷуҳномаи бедилнавозӣ сурӯши иқболи марохим[115а] гардид. Ҳарчанд асбоби моюҳтоҷи[116] ин эҳтиёҷкисват аз коргоҳи лутфи амим[116а] бехост муҳайёст, ба ҳукми он, ки либоси ҳирси одамӣ дар ҳеҷ сурате кӯтоҳии доман намеписандад, агар он ҷузве муҳаққар[117] низ сарфи ибтиёъи газӣ мегардид, гардани ҳавас аз ин газҳои мутаъориф як-ду гирех[117а] баландтар меболид. Агарчи дар ихтиёри газиҳои саркор,[117б] ба қадри зарур ва ғайри зарур, маъмур аст, аммо бедилонро дар ҳар сифат мухтор будан ҳаво ба газ паймудан[118] аст ва даъвии хоҳишҳо пеш бурдан дӯкони қумоши фузулӣ[118а] кушудан. Сарриштаи ишфоқи марҳаматпаймоӣ расо бод ва тору пуди зайли иноят[118б] ним тасу[119] камӣ мабинод.

60. БА ШОКИРХОН

Агар ниҳоли мазраъаи бебизоъатӣ аз арақҳои хиҷолат таровате намеанбошт, ба кадом обрӯ сар аз хок бармедошт? ва агар минои маҳфили тиҳидастӣ аз сарнигунӣ соғар намекашид, ба чӣ восила қобили нашъаи таслим мегардид?

Байт:

*Мақоми васл ноёб асту роҳи саъй нопайдо,*
*Чӣ мекардем, ё Раб, гар набудӣ норасиданҳо?*

Орзуи давлати висол фузулии вазъи аҷзкешист ва хоҳиши ҳусули таманно густохии шеваи ризоандешӣ. Магар мутлақъинониҳои мавкиби[119а] фазл, ба ҳукми тараҳҳум гарди домане барафшонад ва ҳайратнигоҳони водии интизорро ба сурмае, ки обрӯи биниш аст, мушарраф гардонад.

Абёт:

*Ҳамчу санг, афсурдагӣ пур бедимоғам кардааст,*
*Хуни як олам тапиш вақфи аёғам кардааст.*[119б]
*Дил ба чандин орзу, як дам дар он маҳфил насӯхт,*
*Шуълаи маҳрумии ин шамъ доғам кардааст.*

**ТАВЗЕҲОТ ВА ШАРҲИ ЛУҒОТ**

1. Каф – кафк, кафки дарё.
2. Иштиъол – барафрӯхтан, даргирифтан, шуълавар шудан.
3. Таярон – парвоз кардан.
4. Ибтизол – куҳнагӣ, фарсудагӣ, беэътиборӣ.
5. Муртафаъ – рафъшуда, аз байн рафта.
6. Тилисми ҳайрат – нахустин маснавии Бедил, ки дар соли 1080 ҳиҷрӣ (1669-1770) таълиф шудааст ва 3484 байтро дар бар дорад.

Наввоб Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ, яке аз амирони бонуфузи аср. Асли ӯ аз Хоф ном мавзеъи Хуросон аст, ки дар наздикии шаҳри Нишопур воқеъ гардидааст.

Шукруллоҳхон то соли 1092 (1681) ҳокими Сарҳинд буд. Баъд аз он то соли 1096 (1685) ҳукумати Сикандарободи Деҳлиро бар уҳда дошт. Аз соли 1096 (1685) то соли 1099 (1687-88) ҳокими вилояти Майвот ва ниҳоят, аз соли 1099 то охири умр, яъне то соли 1108 (1696), ҳокими Деҳлии куҳна ва ноҳияҳои атрофи он буд.

Шукруллоҳхон чун шоир ва донишманди мумтоз низ шухрат дошт. Дар шеър «Хоксор» тахаллус мекард. Як нусхаи хатти девонаш, ки аз ғазалу рубоъӣ, қитъаҳои таърих ва чанд маснавии кӯчак иборат аст, дар Китобхонаи оммавии Худобахш (дар шаҳри Патна) маҳфуз мебошад. Яке аз шарҳҳои «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ низ ба қалами ӯ таъаллуқ дорад. Як нусхаи ин шарҳ дар Архиви миллии Афғонистон ва нусхаи дигар дар Китобхонаи Донишгоҳи Панҷоб, дар Лоҳур, маҳфуз мебошанд.

Шукруллоҳхон се писар дошт. Яке Лутфуллоҳхон, ки чанд сол баъд аз вафоти падараш, яъне дар соли 1114 (1702-1703), бо фармони подшоҳи вақт Аврангзеби Оламгир (1658-1707), бо номи падар, яъне Шукруллоҳхон, мухотаб гардид. Дар «Руқаъот»-и Бедил ҳар ҷо ки аз ҳарду Шукруллоҳхон сухан равад, Шукруллоҳхони писар бо номи Шукруллоҳхони Сонӣ ёд мешавад.

Шукруллоҳхони Сонӣ дар аҳди Шоҳиъолам Баҳодуршоҳ (1707-1712) ҳукумати Сароҳанпурро дар ихтиёр дошт. Дар замони Ҷаҳондоршоҳ (1712-1713), Фаррухсияр (1713-1719) ва Муҳаммадшоҳ (1719-1748) низ соҳиби мансабҳои умда буд. Вафоти Шукруллоҳхони Сонӣ, зоҳиран, баъд аз сари Бедил иттифоқ афтодааст. Зеро дар осори шоир дар ин хусус ишорае ба назар намерасад. Дар ҳоле ки дар вафоти дӯстон ва ҳомиёни дигараш – Шукруллоҳхони Хофӣ, Оқилхони Розӣ, Иноятуллоҳи Шокирхон, Карамуллоҳ Оқилхони Сонӣ ва ғайра қитъаҳои таърих иншо нашудааст.

Писари дуввуми Шукруллоҳхони Хофӣ Иноятуллоҳи Шокирхон аст. Шокирхон, пас аз вафоти ҷадди модарии хеш – Оқилхони Розӣ, ки соли 1108 (1696) иттифоқ афтод, дар соли 1110 (1698-1699) ҳокими Шоҳиҷаҳонобод, яъне Деҳлии нав, таъин шуда буд. Дар замони Ҷаҳондоршоҳ (1712-1713) яке аз муқаррабони дарбори ӯ ба шумор мерафт. Шокирхон муддате чанд ҳокими Байрот ва Собанҳар ном манотиқи вилояти Майвот низ буд. Ва ниҳоят, аз соли 1125 (1713) то охири умр, яъне то соли 1130 (1718) субадории Даканро дар ихтиёр дошт.

Писари саввуми Шукруллоҳхони Хофӣ Карамуллоҳхон ном дошт, ки баъд аз фавти ҷадди модариаш Оқилхони Розӣ (ниг. ба тавзеҳи №11) ба хитоби ӯ, яъне ба хитоби Оқилхон, мухотаб гардид. Ӯ аз соли 1114 (1702-1703) то охири умр, яъне то соли 1124 (1712) субадори Лоҳур буд. Карамуллоҳи Оқилхон дар баробари анҷоми корҳои давлатӣ ба шеъру шоирӣ низ шуғл дошт ва «Ошиқ» тахаллус мекард. Ӯ яке аз шогирдони беҳтарини Бедил буд.

6 «а». Фоиз гаштан – файзёб шудан.

6 «в». Ҳарчанд дидаи… пардохта – яъне агарчи шуморо ҳанӯз надидаам, шуморо ҳанӯз намешиносам, аммо сифотатонро шунидаам.

6 «г». Иститоъат – қудрат ва имконияти моддӣ.

6 «ғ». Майманат – саъодат ва хушбахтӣ.

7. Ниёзномаи мултаҷӣ ба ин таманно – яъне «Тилисми ҳайрат».
8. Мунтазим – дар ин ҷо ба маънии воридгардида, шомилшуда, дохилшуда.
9. Мирзо Эзидбахши Расо – яке аз шоирони муъосири Бедил, ки замоне дар лашкари Муҳаммад Аъзамшоҳ (ниг. ба тавзеҳи №67) ҳамроҳ бо Бедил хидмат менамуд. Расо дар замони оламгирӣ дар вазифаҳои гуногуни маъмурӣ кор карда, дар соли 1119 (1707-1708) фавтидааст. Аз ҷумлаи таълифоти ӯ маҷмӯъаи номаҳояш, ки «Риёзулвидод» ном гирифтааст, шуҳрати бештаре дорад.
10. Авотиф – ҷамъи отифа, яъне меҳрубонӣ ва илтифот.
11. Оқилхон – Мирьаскарӣ Оқилхони Розӣ, ки аз содоти Хофи Хуросон ва падаръарӯси Шукруллоҳхони Хофӣ буд. Оқилхон аз ҷумлаи амирони муътабари дарбори Аврангзеб аст, ки дар замони шоҳзодагии ӯ бахшии дуввуми саркори ӯ буд. Баъди ба салтанат расидани Аврангзеб дар вазифаҳои ҳокимии Дуоб (Патна ва Ҷоландар), доруғаи ғуслхона, бахшии аввали дарбор хидмат намуд. Аз соли 1092 (1681) то охири умр, яъне то соли 1108 (1696-1697) ҳокими Шоҳиҷаҳонобод буд.

Оқилхон шеър низ мегуфт ва «Розӣ» тахаллус мекард. Мероси адабиаш иборат аст аз як девони ашъор ва ду маснавӣ бо номҳои «Меҳру Моҳ» ва «Шамъу Парвона».

12. Хонсоҳиби маънимоносиб – ишора ба Шукруллоҳхони Хофӣ. Муъанван – унвонгирифта, эътиборёфта, дорои ҳайсият ва обрӯ гардида. Ин ҷо ишора ба натиҷаи номаи №1 аст, ки шоир маснавии «Тилисми ҳайрат»-ро ба Шукруллоҳхон фиристода буд ва маснавӣ ба ӯ писанд омада буд.
13. Наввоб Шукруллоҳхон – ҳар ҷо ки наввоб Шукруллоҳхон ояд, Шукруллоҳхони аввал дар назар аст.
13 «а». Воҳиби атийёт – бахшандаи атоҳо, киноя аз зоти бечун. Аҳамми матолиб – муҳимтарини матлабҳо.
13 «б». Ҳазрати хузур – наздикӣ ба ҳоли ҳозир.
13 «в». Марҳун – ба гарав мондашуда, гаравгон.
13 «г». Мақсум – тақсимшуда, ҷудошуда.
14. Қайюмхон ибни Оқилхон – писари Оқилхони Розӣ, ки шоир буд ва «фидоӣ» тахаллус мекард. Вафоташ дар соли 1124 (1712) иттифоқ афтодааст.
14 «а». Маҳомидниюш: маҳомид – ҷамъи маҳмидат, яъне хулқу атвори нек. Ниюш – сиғаи амр аз феъли шунидан, яъне шунав.
14 «б». Амим (бо айн) – комил ва фарогир.
14 «в». Мир Сайфуллоҳ – яке аз амирони аср. Дар замони Аврангзеб (1658-1707) дар вазифаҳои мирбаҳрӣ ва доруғагии фаввораҳо хидмат менамуд. Вафоташ дар соли 1097 (1685-1686) рух додааст. Дар ин асос, тахмин намудан мумкин аст, ки таърихи иншои номаи Бедил низ соли 1097 аст ва нома ба номи Шукруллоҳхони Хофист.
14 «г». Коргоҳи эътибор – олами моддӣ, олами имкон.
14 «ғ». Интисоб (бо син) – нисбат доштан, наздик будан.
14 «д». Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст, ки шоир низ буд.
15. Баҳористони маонӣ – киноя аз нусхаи ашъор.
15 «а». Сар кашидан – расидан ба поёни коре ё чизе. Ба интиҳои… саре накашидааст – яъне девонро то ба охир матолаъа накардааст.
15 «б». Нафасоройӣ – нафасросткунӣ, фориғшавӣ.
15 «в». Тасаллӣ – оромӣ, қаноъатмандӣ.
15 «г». Ин гулшан ва ин анҷуман – ишора ба нусхаи ашъори Шукруллоҳхон.
15 «ғ». Ғунҷаи ин таманно – пойбанди ин орзу.
15 «д». Ин хидматро – яъне интихоби ашъори Шукруллоҳхонро
16. Мактуби ҳақоиқуслуби маъорифмазмун – яъне мунтахаби девони Шукруллоҳхон.
16 «а». Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст.
16 «б». Ҷаноб – дар ин ҷо ба маънои мақом ва макон.
16 «в». Қиблагоҳӣ – ишора ба адресати нома аст.
17 Тазйеъ – зойеъ намудан, сарфи беҳуда.
18. Изоми рамим – изом (бо иғзӣ) – ҷамъи азм. Азм ба маънии устухон. Изоми рамим – устухонҳои куҳнаву пӯсида.
19. Муҳашшо кардан – ҳошиядор кардан.
19 «а». Илтиём – ба ҳам омадани лабҳои захм.
19 «б». Руқъа – пораи матоъ ва коғаз.
20. Савод – сиёҳӣ, сиёҳии ранг.
21. Суқм – беморӣ. Дар ин ҷо ба маънии нодурустӣ, пурғалатӣ.
22. Муталошӣ – аз ҳам рехта, пора-порашуда.
22 «а». Нафассӯз – ранҷбар, меҳнаткаш.
23. Манқулъанҳу – нақлшуда аз он.
24. Зоиҷаи Ақли Кулл – таваллудномаи Ақли Кулл.
24 «а». Мунҳасир – дар ин ҷо маънии вобаста, алоқаманд.
24 «б». Таваққуъ – талаб ва хоҳиш.
25. Шукруллоҳхон – ғолибан, Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст. Ин маъниро аз мазмуни нома метавон пай бурд. Дар нома дар хусуси мансаб ва хитоби нав гирифтани адресати нома сухан рафтааст. Аз ҷумлаи ду Шукруллоҳхон шахси ба хитоби нав мухотаб гардида Шукруллоҳхони Сонист, ки дар соли 1114 (1702-1703) ба хитоби падар сарфароз гардида буд. Зоҳиран, унвони собиқаи нома «Ба Лутфуллоҳхон» буда, ки шоир баъдҳо, аниқтараш, ҳангоми ба тартиб овардани номаҳо, унвони онро тағйир додааст.
25 «а». Муайяд – дар ин ҷо ба маънии сазовор ва арзанда.
25 «б». Шугун – фоли нек, муборак донистани чизе.
26. Асарбахши маротиби асмо – ишора ба зоти бечун.
27. Ришта бар соз бастан – бар сози касе тор кашидан, яъне сози касеро навохтан, ба касе тақлид намудан.
27 «а». Рашҳ – рашҳа, тароват.
28. Хонсоҳиби алтофманосиб – ишора ба Мирлутфуллоҳхон Шукруллоҳхони Сонӣ. Мирсоҳиби карамманоқиб – ишора ба Миркарамуллоҳ Оқилхони Сонӣ.
29. Саҳоранпур – яке аз минтақаҳои атрофи Деҳлӣ, ки Шукруллоҳхони Сонӣ ҳокими он буд.
29 «а». Ба ёди гиромисуҳбат – ба ёди суҳбати гиромии адресати нома. Дил додан – таскин бахшидан, тасаллӣ додан.
30. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
30 «а». Иститоъат – қудрат ва тавоноӣ.
31. Хоҳӣ – зиҳӣ, хушо, нидои таҳсин.
31 «а». Ба хаёли эътиборот – ба хаёли ҳастӣ, ба хаёли олами имкон.
32. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст. Дар нашри лакҳнавии Куллиёти Бедил унвони ин нома «Ба Шукруллоҳхон» аст. Дар нашри кобулии куллиёт баъд аз унвони мазкур таъбири «дар шафоъати мазлумони Сунипат» илова гардидааст. Вале дар нома дар хусуси як мазлум сухан рафтааст. Аз ин рӯ, иловаи мазкур зарурат надорад.
33. Сунипат – минтақаест дар наздикии Деҳлӣ, ки аз ҷиҳати идоравӣ тобеъи Деҳлӣ буд.
34. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ.
Мирҳодӣ – номи аслиаш Фозилхон аст, писари калонии Вазирхони Мирҳоҷӣ. Дар ҳузури шайх Абдулъазизи Иззат (ниг. ба тавзеҳи №258) касби камол кардааст.
Дар ибтидо девони шоҳзода Муҳаммад Азамшоҳ (тав. №67) буд. Дар соли 1085 (1674-1675), бино бар сабабе, мавриди итоби подшоҳ Аврангзеби Оламгир (1658-1707) қарор гирифта, ба фармони ӯ, ба Акбаробод оварда шуд ва муддате дар он ҷо ба тадрису таълими таломиза машғул гардид. Дар охир ба дарбори шоҳӣ даъват шуда, дар вазифаҳои мирмуншӣ ва сардори китобхона кор кард. Дар соли 1102 (1690-1691), илова бар вазифаҳои мазкур, хидмати буютоти ҳузур ва наёбати хонсомонӣ низ бар уҳдаи ӯ гузошта шуд.
Вафоташ дар зулқаъдаи 1114 (марти 1703) иттифоқ афтод.
34 «а». Эътибор – олами ҳастӣ.
34 «б». Тоб – тобу тоқат.
35. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони аввал дар назар аст. Ҳар як фиқраи ин мактуб моддаи таърих аст, ки ба санаи 1106 (1694-1695) баробар мебошад.
36. Соҳибзодаҳо – писарони Шукруллоҳхони аввал дар назаранд.
37. Шукруллоҳхон – нома ба Шукруллоҳхони Хофист. Дар нома ишора ба байте шудааст, ки онро Шукруллоҳхони шоир, яъне

Шукруллоҳхони Хофӣ гуфтааст.
38. Шукруллоҳхон – номаҳои №№18-19, зоҳиран, ба унвони Шукруллоҳхони Хофианд.
38 «а». Тарашшуҳ – таровидан, боридан.
38 «б». Ҷаргаҳ – гурӯҳ, ҷиргаҳ.
38 «в». Шуҳудманозир – шуҳуд – ҳозир шудан, дидани чизе, гувоҳ шудан бар чизе. Манозир – ҷамъи манзар, чизе ки дар мадди назар бошад, чизе ки дида мешавад. Хотири шуҳудманозир – хотири фарогир, хотири қавӣ.
39. Оқилхон – Миръаскарӣ Оқилхони Розӣ дар назар аст.
40. Шомит – наҳсӣ, бехосиятӣ.
41. Муҳити аъзам – яке аз маснавиҳои калонҳаҷми Бедил, ки дар байни солҳои 1078-1099 (1667-1688) таълиф шудааст ва шаш ҳазор байт дорад.
42. Исғо – шунидан.
42 «а». Ҳамон – яъне шамъи эътибор равшан намудан.
42 «б». Ҳамин – яъне ба ҷавҳари имтиёз ба арз омадан.
42 «в». Нафасдарозӣ – сухандарозӣ, сергаппӣ.
43. Шукруллоҳхон – ин нома, зоҳиран, ба Шукруллоҳхони Хофист.
44. Иди азҳо – иди қурбон. Ин нома (номаи №22) дар нашри Сафдарии куллиёти Бедил беъунвон ва дар нашрҳои лакҳнавӣ ва кобулии он бо унвони «Дар таҳнияти иди азҳо» омадааст. Вале дар чанде аз нусхаҳои хаттӣ, аз ҷумла нусхаи №822 Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсии Тоҷикистон ва нусхаи №2559 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон, унвони нома ин тавр аст: «Таҷдиди номаи гумгашта, дар таҳнияти иди азҳо». Ва мо сабти номаро бо ҳамин унвон салоҳ донистем. Зеро ин шакли унвон ба фаҳмидани мазмуни нома кӯмак мерасонад.
44 «а». Нисбатандешӣ – монанд пиндоштан чизе ба чизе дигар. Ба адои нисбатандешии тавофи Каъба – яъне ба шавқу завқе, ки монанд аст ба шавқу завқи тавофи Каъба.
45. Шукруллоҳхон – ғолибан, Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст.
45 «а». Расмпардоз – киноя аз заоҳирдор ва зоҳирнамо.
46. Қивом – асоснокӣ ва устуворӣ.
47. Мазанна – гумон, пиндор.
47 «а». Музмар – пинҳон.
47 «б». Бодоми муқашшар – бодоми пустканда, мағзи бодом.
47 «в». Лавзина – ҳалвлои мағзибодомӣ.
48. Шукруллоҳхон – зоҳиран, Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст.
48 «а». Афзол – ҷамъи фазл.
49. Чинқиличхон – номи аслии ин шахс Мирзо Камаруддин ибни Мирзо Шаҳобуддин аст. Ҷадди падарии Мирзо Қамаруддин – Мирзо Обидхон аз набераҳои шайх Шаҳобуддини Суҳравардист, ки дар замони Шоҳиҷаҳон (1628-1658) аз Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон расида, мулозими дарбор ва яке аз наздикони шоҳзода Аврангзеб гардида буд. Аврангзеб, ки бар тахти салтанат нишаст, Обидхонро ба мансаби вазири аъзам ва хитоби Чинқиличхонӣ сарфароз гардонид. Пас аз вафоти Обидхон хитоби Чинқиличхонӣ ба набераи ӯ Мирзо Қамаруддин дода шуд. Мирзо Қамаруддин дар замони Шоҳиъолам Баҳодуршоҳ (1707-1712) субадори Авадҳ буд. Дар ҳамин вақт ба ӯ хитоби дигар, яъне хитоби Хонидаврон дода шуд. Дар аҳди Муҳаммад Фаррухсияр (1713-1719) ба назми кишвари Дакан маъмур гардида, соҳиби хитоби Низомулмулк шуд. Ва ниҳоят, дар аҳди Муҳаммадшоҳ (1719-1748) ба мансаби вазири аъзам ва хитоби Осафҷоҳӣ сарфарозӣ ёфт. Дар охир, бино бар баъзе сабабҳо, аз дарбори шоҳӣ дилгир шуда, ба Дакан рафта, ба хонадони Осафҷоҳони Дакан асос гузошт ва дар соли 1161 (1748) дар Бурҳонпури Дакан вафот кард.

Мирзо Қамаруддин, бо вуҷуди масруфият дар корҳои давлатӣ, ба шеъру шоирӣ низ шуғл меварзид. Мероси адабии ӯ аз се девони ашъор иборат аст. Ду девон бо тахаллуси «Шокир» ва як девон бо тахаллуси «Осаф».

Бино бар қавли муаллифи тазкираи «Сафинаи Хушгӯ» Биндробандоси Хушгӯ (ваф. 1757), девони аввалини Мирзо Қамаруддин аз ду ҳазор байт иборат буда, муаллиф онро бо машварати Бедил мураттаб намудааст.

Мирзо Қамаруддин аз ихлосмандон ва муътақидони Бедил буд. Хушгӯ аз муносабати онҳо ёд намуда, навиштааст, ки Мирзо Қамаруддин «ҳар гоҳ ба хонаи Мирзо Бедил ташриф меовард, Бедил шароити истиқбол ба ҷо оварда, ҳамдаст шуда, андаруни давлатхона мебурд ва суҳбати рангин медошт».

49 «а». Ҳасбулистидъои эшон – тибқи хоҳиши он кас.
49 «б». Иститоъат – қудрат ва имконият.
49 «в». Афкори гавҳарнисор – ишора ба ашъори адресати нома.
49 «г». Мустафиз – файзёб.
50. Мирфайзӣ – шахсияти ин амир ба мо маълум нашуд.
50 «а». Сад ҳазор оина – ишора ба ашке ки дар мисраъи аввал омадааст.
50 «б». Шафқатинтифоъ: интифоъ – нафъ гирифтан.
50 «в». Табойеъи мавъизатандеш – мардуми насиҳатгар.
50 «г». Маҳдорой: маҳд – тахт, тахти равон, каҷова. Маҳдорой – зиннатбахши тахт.
51. Неъмалбадал – чизе ки ба чизи беҳтар аз худ иваз шудааст.
52. Гудрӣ – хирқаи дарвешӣ, Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
52 «а». Санъаторое ва биҳиштофарине – ишора ба ҳазрати бечун.
53. Порадӯзӣ – куҳнадузӣ, дарбеҳкунӣ.
53 «а». Мураққаъ – далқи дарвешон, яъне ҳамон гудрӣ.
54. Бутта – нақшу нигоре ки дар рӯи матоъ дӯзанд.
54 «а». Руқъа – дар ин ҷо ба маънои пораҳои матоъ, ки хирқа аз онҳо таркиб ёфтааст.
55. Ҳавз – сурати ҳавз, ки дар матоъҳо дӯхта шавад.
56. Инбисоти ҳошия – вусъати канора ва давродаври чизе.
57. Пушти даст бар замин гузоштан – изҳори аҷзу нотавонӣ намудан.
58. Девони рубоъӣ – киноя аз ҳамон гудрӣ.
59. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ, яъне Шукруллоҳхони шоир дар назар аст. Дар нусхаҳои хаттии №№822 (китобхонаи Фирдавсӣ) ва 2559 (Институти шарқшиносӣ) унвони ин нома «Ба Шокирхон» аст, ки яқинан ғалат аст. Аз мазмуни нома бармеояд, ки адресати он шоир аст. Аз ҷумлаи се адресати Бедил – Шукруллоҳхони Хофӣ ва Шукруллоҳхони Сонию Шокирхон, танҳо Шукруллоҳхони Хофӣ шоир буд.
60. Баҳона – дар ин ҷо ба маънии восита, васила.
61. Мирзо Муҳаммадиброҳим – яке аз дӯстон ва ҳамяроқони Бедил, ки дар ҷавонӣ ҳарду дар лашкари Муҳаммад Аъзамшоҳ (нигар ба тавзеҳи №67) хидмат менамуданд. Дӯст ва ҳамяроқи дигари Бедил Эзидбахши Расо (ниг. ба тавзеҳи №6) дар як мактуби худ лаҳзаеро аз ҳаёти худу Бедил ва Мирзо Муҳаммадиброҳиму шахси дигаре бо номи хоҷа Ҳабибуллоҳ зикр намудааст, ки дар ҳафтуми сафари соли 1086 (з майи 1675) дар Ҳасанабдол ном мавзеъи Панҷоб рух додааст. Лаҳзаи мазкурро муҳаққиқи маъруф Малик Абдулғанӣ дар китоби хеш «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (Кобил, 1351, саҳ.33) нақл намудааст, ки ин аст: «Замоне ки Бедил, Расо ва Мирзо Муҳаммадиброҳиму хоҷа Ҳабибуллоҳ дар як сарой бо ҳам зиндагӣ мекарданд, рӯзе як идда сарбозони мусаллаҳ бо ҳамдигар шурӯъ ба ситеза карданд. Бедилу Расо ва ду рафиқи дигар ба саҳнаи

воқеъа шитофтанд ва Расо дар паҳлуи худ аз тире ҷароҳат бардошт».
61 «а». Абвоби файзи ақдас – дарҳои файзи қудс, файзи илоҳӣ.
Мушъир – огоҳкунанда, хабардиҳанда.
61 «б». Ин нашъаи бехумор – яъне файзи илоҳӣ.
61 «в». Судоъ – дарди сар, вазнин омадани коре.
61 «г». Шуъур – дарк, фаҳмидан, донистан.
61 «ғ». Хавос – ҷамъи хос ва хоса. Дар ин ҷо ба маънии хосият ва хусусият.
61 «д». Насақ – роҳу равиш, дастур.
62. Маъошу маъод – ин дунёву охират.
63. Ман ъарафа нафсаҳу – ҳар кӣ шинохт нафси худро. Ишора ба ҳадиси набавист: Ман ъарафа нафсаҳу фақад ъарафа раббаҳу – ҳар кӣ шинохт нафси худро, пас ба дурустӣ, шинохт Худои худро.
Ман кана фи ҳазиҳи аъма фаҳува фил ахирати аъма – ҳар кӣ дар ин дунё нобино бошад, дар охират низ нобиност. Ишора ба ояти 72 сураи Исро.
64. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ. Интихоби девон – интихоби девони Бедил.
65. Ҳифзулғайб – поси хотири шахси ғоиб доштан.
65 «а». Хазафреза – сафолпора, киноя аз ашъори худи шоир.
66. Шукруллоҳхон – нома ба Шукруллоҳхони Хофӣ, яъне Шукруллоҳхони шоир аст. Ин маъниро аз таъбири «вуруди афкори маъонинисор», ки ишора ба ашъори адресат аст, пай бурдан мумкин аст.
67. Аъзамшоҳ – Муҳаммад Аъзамшоҳ (1646-1707), саввумин писари подшоҳи вақти Ҳиндустон Аврангзеби Оламгир (1658-1707). Бедил дар давраи ҷавониаш муддати зиёде аз ҷумлаи сипоҳиёни Аъзамшоҳ буд. Ӯ соли 1096 (1685), бе иҷозати Аъзамшоҳ, тарки хидмат намуда, аз шаҳри Матҳро (Матҳураи имрӯза) ба Деҳлӣ омад. Аъзамшоҳ аз ин воқеъа огоҳ шуда, ба Бедил номае нваишта, ба хидмат баргаштанашро тақозо намуд. Матни номаи Аъзамшоҳ, ки дар тазкираи «Сафинаи Хушгӯ» оварда шудааст, ин аст: «Алҳамду лиллоҳи валминнаҳ, ки ҳанӯз қивои бадан ва он рифъату шуҷоъати дастгоҳ ба ҳоли худ аст. Бо вуҷуди барқарории ҳавос, аз хидмати олии шоҳӣ тақоъуд варзидан шарти ифои ҳуқуқи ихлос нест. То ҳол ҳам ҳеҷ нарафта. Он чӣ заруриёти роҳ даркор бошад, буютоти дорулхилофа амри нафоз афта, саранҷом карда хоҳад дод. Зуд мустаъиди мулозамат гардад».
Мактуби «Ба шоҳ Аъзамшоҳ» ҷавоби номаи зикршудаи Аъзамшоҳ аст.
68. Лек Ҳақ бо хурӯш хуш дорад – ин се байт аз маснавии «Ирфон»-и шоир иқтибос шудаанд.
69. Курнуш – сар фуруд овардан, таъзим намудан.
69 «а». Ҳирмон – ноумедӣ.
69 «б». Сар ба ҷайби азподарафтодагӣ кашид – замоне ки Бедил тарки хидмат намуд, 42 сол дошт.
70. Рӯ ба шустан рафт – ин ду байт низ аз маснавии «Ирфон» гирифта шудаанд.
71. Ҷумҳури аноми лоязол – ҳамаи халоиқи Худо. Мабсут – густурда, фарогир. Манут – вобаста.
72. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
72 «а». Маъбуднисбат – шахси ба Худо наздик.
72 «б». Ишъор – маврид, madди назар.
73. Иғмоз (бо зод) – тағофул ва бепарвоӣ.
74. Шукруллоҳхон – зоҳиран, Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст.
75. Тавотур – пайдарпай омадани чизе.
75 «а». Тасалсул – силсиланокӣ, пайдарҳамӣ.
75 «б». Бенафасон – хомӯшон.
75 «в». Соғари нафас паймудан – қуввати дам задан бахшидан.
75 «г». – Лоязол – беохир.
76. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст. Барои Юсуф оинаи армуғон аст – яъне ҳамчу фиристодани оина ба Юсуф аст, оинае ки ҳазрати Яъқуб ба Юсуф фиристода буд.
76 «а». Ранг гардонидан – тағйир ёфтан. Ранги иборати ом гардондан – яъне ба иборати хос табдил ёфтани иборати ом.
76 «б». Пина – дарбеҳ.
77. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст.
77 «а». Инкисор – шикастанафасӣ, фурӯтанӣ.
77 «б». Файзимтизоҷ – омехта бо файз.
77 «в». Таъаддӣ – аз ҳадди худ берун омадан. Маҷозан ба маънии зулму ситам кардан.
77 «г». Тазаллум – додхоҳӣ.
77 «ғ». Инсоф (бо сод) – дар ин ҷо ба маънии баробарӣ.
78. Суҳайли анвор: – Суҳайл ситораест аз савобити қадри аввал дар сурати фалакии киштӣ, ки дар охири фасли гармо тулӯъ мекунад ва меваҳо дар он вақт мепазанд. Ин ситора чун дар Яман комилан намоён мешавад, онро Суҳайли яманӣ низ мегӯянд. Яке аз хосиятҳои Суҳайл ин аст, ки бо намудор шудани он селобҳо кам мешаванд.
79. Эзидбахши Расо – нигар ба тавзеҳи №6.
79 «а». Товон – дар ин ҷо ба маънии ҷавоб, ҷавоби нома.
80. Нусхаи ишфоқ – яъне ашъори Расо.
80 «а». Расо – ин калима дар ин ҷо ба ду маънист. Якум, ба маънии фикрҳои расо ва пухта. Дуввум, ишора ба ашъори Эзидбахши Расо.
81. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
82. Табарзад – набот.
83. Бетавъамӣ – ҷудоӣ, парокандагӣ.
84. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
84 «а». Мадориҷ – дараҷот, дараҷаҳо.
85. Интимо – алоқамандӣ, вобастагӣ.
86. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
86 «а». Маҳмилтироз – зиннатбахши маҳмил.
86 «б». Рақима – мактуб.
86 «в». Тазарруъ – зорию тавалло.
86 «г». Алилмизоҷ (алил бо айн) – бемор, нотавон.
86 «ғ». – Ҳисн – қалъа, паногоҳ.
87. Пардоз – дар ин ҷо ба маънии сохтан, таҳия намудан аст.
87 «а». Қитъаи биҳишт – порае аз замини биҳишт, гӯшае аз гӯшаҳои ҷаннат.
87 «б». Руъунат – гарданкашӣ ва худнамоӣ.
88. Мирзо Ибодуллоҳ – муаллифи «Сафинаи Хушгӯ» Биндробандоси Хушгӯ Мирзо Ибодуллоҳро хол, яъне тағои Бедил мегӯяд. Аммо соҳиби «Мураққаъи Деҳлӣ» (соли таъл. 1151 – 1738-39) Зулқадр Даргоҳқулихони Солорҷанг писари Мирзо Ибодуллоҳ Мирзо Муҳаммадсаъидро бародарзодаи Бедил гуфтааст. Вале ба мо маълум аст, ки Бедил дар хонаводаи худашон фарзанди ягона буд. Ӯ бародари ҳамтанӣ надошт. Аз ин рӯ, аз суханони Хушгӯ ва Солорҷанг хулосае бармеояд, ки Мирзо Ибодуллоҳ

таго нею писари тагои Бедил аст. Зеро таго гуфтани писари таго дар урфият маъмул аст. Ҳамчунин маълум аст, ки писарони таго, хола, амак ва аммаро бародар низ мегӯянд.

Ба Бедил нисбати хешӣ доштани Мирзо Ибодуллоҳ аз мазмуни номаи ба ӯ ирсолшуда низ маълум аст: Ба ихвонпаноҳ Мирзоии Ибодуллоҳ. Ихвонпаноҳ – паноҳдиҳандаи бародарон. Мирзоӣ – Мирзои ман.

Тавре ки аз номаҳои дигари Бедил (масалан №97) ва маълумоти Хушгӯ бармеояд, Мирзо Ибодуллоҳ шоир низ будааст. Хушгӯ ба ҳайси намуна як байти ӯро иқтибос кардааст, ки дар ин ҷо дарҷаш менамоем:

*Ба ранге дӯхт булбул чашм бар гул,*
*Ки шуд пироҳани гул чашми булбул.*

88 «а». Вопасӣ – пасмондагӣ, қафомондагӣ.
88 «б». Дарой – зангулаи гардани уштур, ҷарас.
88 «в». Савонеҳ – ҷамъи сониҳа, яъне рӯйдод ва ҳодиса.
88 «г». Талофӣ – товон, иваз.
88 «ғ». Фароҳам гирифтан – иҳота кардан, муҳосара намудан.
88 «д». Доман афшондан – тарк кардан, безор будан.
89. Шайх Муҳаммади Моҳ – зоҳиран, Муҳаммади Моҳ мухотаб ба Зафархон ва Аъзамхон ном амир дар назар аст, ки муддате ҳокими Акбаробод буд.

Бедил бо бародари бузурги ин шахс – Алимурод Хониҷаҳонбаҳодури Кукалтош, ки бародари ризоъии султон Ҷаҳондоршоҳ (1712-1713) буд, низ ошноӣ дошт. Шоир дар ситоиши ғанимашрабӣ ва дарвешмизоҷии ин амир рубоъии зеринро гуфтааст:

*Як умр дар ин қаламравам буд талош*
*Инсони ғанимашрабу дарвешмаъош,*
*Дил гуфт: Ба ин васф касе натвон ёфт,*
*Ҷуз Хониҷаҳонбаҳодури Кукалтош.*

89 «а». Катон – навъе аз либоси тунук, ки аз пӯсти гиёҳе бофанд. Тасаввуре вуҷуд дошта, ки сабаби пора шудан ё худ даридани ин матоъ нури маҳтоб бошад. Вале ин маънӣ асле надорад.
89 «б». Атия – ҳадя, туҳфа.
89 «в». Мутамаккин – маконгир, макондор.
89 «г». Бетакаллуф – бедушворӣ.
89 «ғ». Муназзаҳ – поку беолоиш.
89 «д». Мубарро – холису покиза.
89 «ж». Дарознафасӣ – пургӯӣ, сергапӣ. Мусаддеъ – дарди сардиҳанда.
89 «з». Муқаддири ҳақиқӣ – тақдирсози воқеъӣ, киноя аз ҳазрати бечун.
90. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
90 «а». Ҳанҷара – гулӯ, ҳалқ.
91. Танаҳнуҳ – гулӯ равшан кардан, сулфидан.
92. Самиҷтинат – зишттинат.
93. Лузучат – часпидагӣ.
93 «а». Музҳик – хандаовар, хандонанда.
93 «б». Сирешумихтилотӣ: сирешум – ширеш. Ихтилот – омехтагӣ.
94. Шалоинӣ – шилқинӣ, хирагӣ.
95. Ғасаён – беҳузурии меъда.
95 «а». Шомит – наҳсӣ, бехосиятӣ.
95 «б». Барас – сафед шудани пӯсти бадан, песӣ.
96. Инзол – берун омадани манӣ.
96 «а». Ташнеъ – сарзаниш ва маломат.
97. Шукруллоҳхон – зоҳиран, Шукруллоҳхони аввал дар назар аст.
97 «а». Оина вонамудан – оина пеши касе доштан, то ки ба акси хеш назар кунад. Киноя аз шахси бисёр наздик.
97 «б». Вуруд – дар ин ҷо ба маънии эҷод, иншо.
98. Чоръунсур – асари насрии Бедил, ки аз чор қисм иборат аст ва дар байни солҳои 1095-1116 (1683-1705) таълиф шудааст. Ду байте ки дар охири нома омадаанд, дар унсури дуввуми «Чоръунсур», дар ҷое, ки Бедил аз суҳбати охирини худ бо Шоҳкобулӣ ном маҷзуб ҳикоят мекунад, мавҷуданд.
99. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
100. Хайрандеш – яъне худи Бедил.
101. Файёз – ишора ба Шукруллоҳхон.
102. Истидъо – талаб, хоҳиш.
103. Шукруллоҳхон – зоҳиран, Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст.
103 «а». Дар он ҷӣ бе хости табъи фузул доштаанд – дар ҳамаи нусхаҳое, ки мо дар ихтиёр доштем, ин таъбир дар ҳамин шакли ноқис омадааст, ки маънии муъайяне аз он барнамеояд.
103 «б». Тааммул кардан – таваққуф кардан, қарор гирифтан.
104. Таҳон – пораи матоъ, як либосвор, як куртаворӣ. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
104 «а». Зайл (бо зол) – дар ин ҷо ба маънии доман, домани ҷома.
104 «б». Ин коргоҳ ва ин парда – ишора ба сӯи шукргузорӣ.
105. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони аввал.

Ҳаким Файзъалӣ – шоири маъруф, муъосири Бедил. Аслаш аз Машҳад, аз содоти мусавист. Дар Ҳинд нашвунумо ёфтааст. Ҳаким тахаллус мекарда. Шеъраш ба ду забон аст: арабӣ ва форсӣ.

105 «а». Туфайлинағма: туфайлӣ – дар ин ҷо ба маънии пайрав ва ҳамроҳ. Туфайлинағма – нағмае ки дар татаббуъи нағмаи дигар офарида шудааст. Дар инҷо ишора ба ғазали Шукруллоҳхон аст, ки дар ҷавоби ғазали Ҳаким Файзъалӣ эҷод шудааст.
105 «б». Роҳи таҳрири ниёзе вонамуд – яъне ғазали Шукруллоҳхон боъиси он шуд, ки ман ҳам дар татаббуъи он ғазале бигӯям.
105 «в». Дар ғазали Ҳаким ба он сустии мазмун байте набуд, ки алҳол ба таваҷҷуҳи ислоҳ яке беҳ аз он нест – дар ҳама нусхаҳое, ки дар ихтиёри мо буданд, ин ҷумла дар ҳамин шакл омадааст, ки бемаънӣ ба назар менамояд.
105 «г». Ин ҷинси баста – баста – ишора ба ғазали Ҳаким Файзъалӣ.
106. Мухтас – махсуси касе.

Дастанбӯ – дастанбӯя, гулулае мураккаб аз атриёт, ки онро ба даст гиранд ва гоҳ-гоҳ бӯянд. Ба маънии гулдаста низ меояд.

106 «а». Ранги шикаста нест – ҳаҷми пурраи ин ғазал дар девони Бедил аз нуҳ байт иборат аст.
107. Иштимол – фарогирӣ, иҳотакунӣ.
107 «а». Муъовин – мададгор. Тофта – гармшуда, шахсе ки дар асари гармии зиёди офтоб ба танг омадааст.
107 «б». Афкор – ишора ба ашъори Карамуллоҳхон.
108. Анба – як намуди дарахт ва меваи он. Меваи ин дарахтро «нағзак» низ мегӯянд.
109. Сабиййа – духтар.
110. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
110 «а». Нафс – ба маънии рӯҳ, ҷон, тан.

110 «б». Ноли қалам – чизи риштамонанде, ки дар вақти тарошидани қалам аз даруни он бармеояд. Хомаро нол гардонидан – хомаро ба нол табдил додан. Бидон, ки чун ноли хома намоён шавад, он (яъне хома) аз кор бимонад. Яъне хома дар таҳрири нотавониҳои ҳоли бедилон оҷиз аст.
110 «в». Тӯмор – дар ин ҷо ба маънии тавзеҳ ва шарҳу баён. Сарриштаи хатро ба нуқта мерасонад. Яъне хат низ аз мақоми нуқта онсӯтар рафта наметавонад, дар шарҳу баёни норасиҳои тоқати мустамандон хат низ нотавон аст.
110 «г». Нафас кашиданаш – нафас кашидани нусхаи ҳастӣ.
111. Нусхаи мағшуш ва авроқи парешон – ишора ба худи Бедил аст.
112. Мирзоӣ – яъне мирзои ман. Ибодуллоҳ – ниг. ба тавзеҳи №88.
113. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
113 «а». Мунҳасир – дар ин ҷо ба маънии вобаста ва тобеъ.
113 «б». Лутфи амим («амим» бо айн) – лути фарогир, лутфи бепоён.
113 «в». Муфавваз – вогузошташуда, фармудашуда.
113 «г». Дар сурате ки худ ба тасвид майл намоянд – Устод Айнӣ дар рисолаи «Мирзо Абдулқодири Бедил» (Сталинобод, 1954, саҳ. ) дар асоси ин ҷумла навиштааст, ки «Бедил дар зиндагии худ барои таҳриф наёфтан ва ғалат нашудани асарҳояш бисёр кӯшиш мекард ва ҳар кадом аз дӯстонаш, ки ягон асаршро талаб кунад, заҳмати нусхабардориро ба гардани худ мегирифт ва таъкид мекард, ки ба ягон котиб нусха нагиронанд».
Вале аз ҷумлаи мазкури номаи Бедил ин маънӣ – маънии заҳмати нусхабардориро ба гардани худ гирифтани Бедил – барнамеояд. Дар ҷумлаи мазкур калимаи «худ» ишора ба адресати нома, яъне ишора ба Шукруллоҳхон аст, на ба муаллифи нома. Яъне Бедил мегӯяд, ки ҳар чӣ аз осори ӯ ба Шукруллоҳхон писанд афтад, кори истинсохашро ба дигарон ҳавола накарда, худ онро ба анҷом расонад. Дар ин сурат ҳам таваҷҷуҳи хос дар ҳаққи маъонӣ ҳосил мегардаду ҳам илтимоси Бедил ба инобат гирифта мешавад.
113 «ғ». Авқоти машоғилаломот – авқоти сермашғулият, вақтҳои серкорӣ.
113 «д». Байрот – мавзеъест дар вилояти Майвоти иёлати Роҷистони Ҳиндустон. Вақте ки Бедил дар соли 1096 (1685) тарки хидмати Аъзамшоҳ (ниг. ба тавзеҳи №67) намуда, аз шаҳри Матҳро (Матхураи имрӯза) ба Деҳлӣ омад, Шукруллоҳхони Хофӣ (ниг. ба тавзеҳи №4) ҳокими Майвот таъин шуд ва аз Бедил хоҳиш кард, ки дар сафари Майвот ба ӯ ҳамроҳӣ намояд. Бедил ҳамроҳи Шукруллоҳхон ба Майвот рафта, чанд моҳ дар он ҷо иқомат кард. Мақарри иқомати ӯ дар ин муддат минтақаи Байрот буд.
113 «ж». Ин кӯҳ – яъне кӯҳсори Байрот.
113 «з». Талофӣ – товон, иваз.
114. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
114 «а». Иртифоъ – мартаба ва эътибор.
114 «б». Ба гирди хеш гардидан – тавофи хеш кардан.
114 «в». Эҳром – ҳаром шумурдани баъзе чизҳои ҳалол пеш аз зиёрати Каъба. Ҳамчунин ба маънои ду чодари нодӯхта, ки ҳоҷиён пеш аз тавоф ва ҳангоми тавоф ба ҷои либос истифода кунанд. Дар ин ҷо ба маънои қасд ва нияти коре.
114 «г». Лаббайкяқинӣ: Лаббайк – омода ба хидмати ту ҳастам. Ҷумлае ки ҳоҷиён дар мақоми арафот ба такрор бигӯянд. Лаббайкяқинӣ – лаббайкмонанд, наздик ба лаббайки ҳоҷиён.
115. Ибтиёъ – харидан. Порчаи газӣ – як навъи матоъ.
115 «а». Мароҳим (бо ҳ-и ҳуттӣ) – ҷамъи марҳамат, яъне меҳрубонӣ.
116. Моюҳтоҷ – чизе ки ба он эҳтиёҷ аст, чизи зарурӣ.
116 «а». Коргоҳи лутфи амим – даргоҳи зоти бечун.
117. Ҷузве муҳаққар – маблағи ночиз.
117 «а» Мутаъориф – маъмул, мураввач. Гиреҳ – воҳиди тӯл, ки ба 5 см баробар аст.
117 «б». Саркор – идораи шоҳӣ, идораи давлатӣ.
118. Ҳаво ба газ паймудан – киноя аз кори беҳуда кардан.
118 «а». Фузулӣ – он ки беҷиҳат дар корҳои дигарон мудохала кунад.
118 «б». Зайли иноят – домони иноят.
119. Тасу – ин калима ба чандин маънӣ истеъмол мешавад: 1. ба маънии воҳиди вазн, ки баробари чор ҷав аст. 2. воҳиди вақт, ки баробари як соъат аст. 3. ҳиссае аз 24 ҳиссаи як сери баққолон. 4. ҳиссае аз як гази хайётон. Дар ин ҷо ба маънии охирин аст.
119 «а». Мавкиб – гурӯҳи саворон, ки ҳамроҳи амири худ бошанд.
119 «б». Вақфи касе ё чизе кардан – дар ихтиёри касе ё чизе доданд.

*Давом дорад*

*Мирзо Абдулқодири БЕДИЛ*

# Р У Қ А Ъ О Т[1]

61. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[120]

*Эй каъбаҳузуру қиблаи маънидид,*
*Имрӯз, ки ид аз дили офоқ дамид,*
*Аз заъф ба поят нарасидам, аммо*
*Сар то қадамам гирди хиҷолат гардид.*

Соқии хумкадаи зуҳур даври соғари муборакбоди ишратпаймоӣ тасалсул[120а] дород ва махмурони бедилро ба нашъаи маҳфили дидор мушарраф гардонод. Дар арзи аҳволи Аҳмадҷон истифсоре[121] рафта буд. Аз мирьоти маънинамо махфӣ нест, ки дуъогӯ ба кайфиёти аъмоли аъизза[121а] камтар ворасидааст. Аммо медонад, ки ин азизро дар он ҳудуд ба диёнат ва амонат месутуданд. Ҳақ таъоло баъд аз инаш низ тавфиқи ҳусули некномӣ каромат кунод.

62. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР ТАЪРИХИ ИЗОФАИ МАНСАБ

Баъд аз тамҳидоти шукри изофа, ки ба он қиблаи ниёзмандону ҳавохоҳони мадориҷи суварию маънавӣ муборак бод, арзи вуруди таърихе, ки аз суруши олами ғайб муждаи майманати[121б] давом дорад, ба масомеъи борёбони маҳфили иқбол навиди ишрати ҷовид расонод.

Қитъаи таърих:

*Шукри Худо, ки соҳиби моро зи фазли Ҳақ*

[1] Давомаш, аввалаш дар шумраи гузашта.

*Ҷамъияти изофаи иқболи сармадист,*
*То шукри ин атия бурун ояд аз ҳисоб,*
*Таърихи ӯ «маротиби таъйиди эзидӣ»[122]-ст.*

Абёт:

*Бар забони обу ранги лаълу ёқут ин наво,*
*К-офтоби мо ба сад анвор оламтоб бод.*
*Аз наботот ин тараннум рӯзу шаб гул мекунад,*
*К-он раги абре, ки мо сабзем аз ӯ, сероб бод.*
*Бар лаби мо бедилон ҳам нест ҳарфе ғайр аз ин,*
*К-эй Худо, фазлат рафиқи хони файзалқоб бод.*

63. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ҲАНГОМЕ КИ СОҲИБЗОДАҲОРО
БА ТАНБЕҲИ ҶОТ[123] ФИРИСТОДАНД

Қодире, ки зоҳирҳо мутеъи ботин ва суратҳо маҳкуми маънӣ аз осори қудрати ғолиби ӯст, зумраи мухолифонро мусаххари таваҷҷуҳи он замири[123а] офоқтасхир гардонод ва тухфаи ниёзи Бедилро, ки аз асирони силсилаи дуъост, дар сурати ин рубоъӣ ба шарафи қабул расонод.

Рубоъӣ:

*Эй фармонат шамъи нафозафрӯзӣ,[123б]*
*Ҳукми ту сипоҳи арсаи фирӯзӣ.*
*Хуршедӣ, агар по нагузорӣ ба замин,*
*Партав чӣ кам аст баҳри зулматсӯзӣ?*

64. ДАР ИРСОЛИ ҚАБЗАИ КАМОН, АЗ МИРЗО ДОВАРЁР БА МУҲАММАДТАҚӢ

Ирсоли қабзаи камон, ки нишондори гӯшаи абрӯи иноят буд, мавaддаткеши[124] садоқатандешро пай ба пай қувватбахши бозуи таманно гардид. Зиҳӣ, мардозмо камоне, ки зӯри бозуи шуҷоъат аз тоби бандҳояш пайдост ва истиқомати[124а] ранги таҳаввур аз ҳамвории равғанаш[125] ҳувайдо. Аз тамошои хами ҳайратпайкараш бозуи тоқат нотавонифурӯш ва дар тасаввури абрӯи ҳилоли давраш шахси андеша ҳалқабагӯш. Аз он ҷо, ки ин шикастаранги олами хилқат,[125а] субҳвор, нафас кашиданро дами аждаҳо мешуморад, ба ин камон, ки чун қавси қузаҳ,[125б] аз қабзаи тасарруфи инсонӣ баланд аст, чӣ қисм сарпанчаи тавоноӣ барорад? Нотавононро, агар ҳама се сар[126] дошта бошанд, ҳамсарии зӯрмандон дар шиканчаи ҷафо фарсудан аст ва заъифпайкаронро ҳамоғӯшии саркашон устухони бемағз қандили[127] хадангҳои алам намудан. Агар чиллаҳо дар майдони зӯрозмоӣ ҳадафи новаки саъй гардад, тире ҷуз оҳи норасоӣ натавонад андохт ва агар солҳо дар хамёзаи ҳасрат хона кунад, ба ҳамоғӯшиаш наметавонад пардохт.[127б] Ба машқи кашокаши ташвиш то куҷо кабодаи[128] хаёл бояд кашид? то оқибати кор, чун зеҳгир,[129] сарангушти надомат бояд газид. Пайконвор, уқдаи ин андеша нохунозмост ва чун сӯфор,[130] захми ин кулфат бедаво. Ҳамчунон табаррукан дар хона гузошта, ба завқи чошнии он дар заҳри таассуф чашиданем ва маҳви ҳасрати кашидан.[130а]

Фард:

*Фарёд, зӯри мо ба камонат намерасад,*
*Чун тир, бар замин алифе мекашему бас.[131]*

Бо ин ҳама, шасти дуъо соф асту вусъати омоҷи иҷобат қоф то қоф

65. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР ҶАВОБИ ИСТИФСОРИ[132] ФОЛЕЗИ ХАРБУЗА

Вуруди номаи файзшамома сарфарози таваҷҷуҳот гардонид ва ба навиди фазлу каромат насибаи гӯшу орзуи дил расонид. Карамгустаро, сояи ахлоқ дар тасхири дилҳо тилисме набаста, ки ҳавоҳоҳонро дур аз он ҷаноб сайри биҳишт ҳам хуррам тавонад сохт ва моидаи алтоф коми улфатпарастонро ба чошние[132а] нанавохта, ки ҳангоми ҷудоӣ ба ширинии ҷон низ тавон пардохт. Ин ҷо сайри фолиз ёди наъмои марҳамат аст ва ҳаловати кому забон шукри лаззоти эҳсону макрамат. Ба ҳукми илтифот, марқуми килки тафаккудсилк[132б] шуда буд, ки мутасаддиёни обёрии фолиз, яъне Мирзо Мултонӣ ва ғайра, чӣ қисм харбуза мерасонанд? Навбари бадеҳаи фолизи табиъат,[133] ки бар рӯи кор оварда буд,[133а] бе шоибаи ваҳми шикваву эътироз, агар аз назари ҳаловатсамар бигзарад, арзи ширинадоӣ хоҳад намуд.

Абёт:

*Бар сари хоне, ки мири қисмат[133б] афюнӣ бувад,*
*Гар ҳама ҳалво диҳад, талхӣ ба ёрон мерасад.*
*В-ар ба фолизе биёбад даст, то имкони вусъ,*
*Ҷинси аввал ё ба ӯ, ё бар шағолон мерасад.*
*Бо вуҷуди он, ки дандонаш зи тезиҳои ҳирс*
*То ба мағзу пӯст, ҳамчун об, яксон мерасад,*
*Балки аз ғаввосияш дар мағзҳои харбуза*
*Кирм натвонад расид, он ҷо ки дандон мерасад.*
*Он чӣ бар мо мерасонад, аксараш пӯсида аст,*
*Ғолибан, ин долӣ[134] аз фолизи Мултон мерасад.*
*Мирзо Мултонианд эшон, на Мирзо Машҳадӣ,*
*То тавон гуфтан: аз эшон бар кас эҳсон мерасад.*
*Мо ҳам он хоидаҳоро назри эшон мекунем,*
*Ҳар чӣ з-эшон мерасад, охир ба эшон мерасад.*

66. БА ШОКИРХОН

Дар арзи маротиби суҷуд, ки нақши пешонии убудият аст, он қадар заҳмати борёбони маҳфили ҳузур нахост ва ба қоъидаи кӯтоҳии сухан, дасти дуъо ба зевари баландӣ орост.

Байт:

*Ба маҳфил шамъи тобон, дар гулистон рангу бӯ бошӣ,*
*Илоҳо, ҳар куҷо бошӣ, баҳори обрӯ бошӣ.*

67. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[135]

*Умрҳо шуд, ки зи васлем ба ёдат хурсанд,*
*Чӣ тавон кард? Тақозои заъифӣ ин аст.*

Ганҷинадории ҷавоҳири ихлос он қадар мустағнии аҷноси русум надорад, ки нуқуди[135а] таҳоифи дуъоро аз олами хазафшуморӣ[135б] нашуморад ва шерозабандии маҷмӯъаи эътиқод ба мартабае бениёзи мазомини такаллуф насохта, ки нусухи макотиби ниёзро аз мақулаи афроди ботил[135в] напиндорад. Бо ин ҳама, дар ғалаботи аҳволи беихтиёрӣ, ки ниҳоятҳоро аз руҷӯъи бадоят чора нест,[135г] василаҷӯии тариқи расмиёт зарурист ва дар васотатандешии[135ғ] асбоби такаллуфот носабурӣ. Бо ҳама ҳол, ба муддаъои шавқ чӣ таманно намояд? ки беш аз давлати дидор тавонад буд ва ба кадом орзу пардозад? ки бар неъмати вусул тавонад афзуд. Воҳиби ҳақиқӣ насиби ихлоскешон бериё гардонод.

### 68. БА КАРАМУЛЛОҲХОН

*Гаҳ гиря, гаҳе нола, гаҳе оҳи ҳазинам,*
*Аз ёди кӣ рафтам мани бедил, ки чунинам?*

Ба ҳукми қадрдониҳои иттиҳоди маънавӣ, агар ба фикри фузулии таҳрир меафтад, ҳуруфи мактубро ҷудоии шаққи хома ба фарёд меорад ва агар ба одоби ҳақшиносиҳои улфат, ба худфурӯшии тақрир мепардозад, кушодномаи сутурро ғайр аз захм намешуморад. Аммо тасаввури дурӣ, ки нанги силсилаи огоҳӣ мабод, ба ҳазор ҳила бисоти тасаллӣ мероояд ва гирди чандин тадбир бармеояд: Гоҳе лағзиши хомаро асои тариқаи таваккул мепиндорад, то ба ҳавои он остон[135д] худро ба ҷое тавонад расонд ва гоҳе домани қосидро василаи умед меангорад, то ба хаёли он сари роҳ[135ж] ғубори ҳайрате тавонад афшонд. Маҷбури таҳайюрам, ғайр аз аҷз, ба кадом тоқат бароям? ва маъзури қудратам, ҷуз таслим, дигар чӣ арз намоям?

### 69. БА КАРАМУЛЛОҲХОН, ДАР ШУКРИ ИРСОЛИ ПАНҶ ТАҲОНИ[136] ХОСА ВА АНОР

Агар интизори давлати дидор оинаи ҳайрат намепардохт,[136а] бедилони олами маҷбурӣ ин ҳама муттаҳами дурбиниҳои омол[136б] намебуданд ва агар барқи муждаи висол илоҷи пунбаи гӯш намекард,[136в] маъюсони зовияи маҳҷурӣ афсонаи мову ман[136г] намешунуданд. Ё Раб, риштаҳои омол ба ҳусули гавҳари мурод пайвандад ва навиди номаву пайғом ҷамъияти ҳузури дидор нақш бандад.

Рубоъӣ:

*Ку ҷуръати он, ки май зи ҷомат гирам?*
*Ё даст, ки домани хиромат гирам?*
*Чун нақши нигин, забони ҳайратқафасам*
*Доме пайдо кунад, ки номат гирам.*[136ғ]

Қабл аз ин, ду ғазал баҳри андешаро ба талотумҳои шавқ оварда буд, дар ин айём девони карам мухаммасе[137] ҷилва дод ва тааммулсабақони мактаби ҳавосро ба мутолаъаи ҳар мисраъ хилъатҳои таҳияи дуъо пӯшонид, ҳамчунон ҳадиқаи ишфоқ норбастоне[137а] ба бор овард, ки ба тасаввури ҳар дона, субҳаи шукре бояд гардонид. Авроқи нусхаи икром бешумор ва шукуфаҳои боғи ахлоқ ҳамешабор.

### 70. ДАР ИРСОЛИ «ТУРИ МАЪРИФАТ», БА МИРЗО МУҲАММАДАМИНИ ИРФОН[138]

*Ҳеҷ кас аз маънии мактуби шавқ огоҳ нест,*
*В-арна, ҷои нома, пеши ёр моро хондан аст.*

Чӣ нависад, ки аз ҳақиқати иштиёқ парда тавонад кушуд? ва чӣ оғозад, ки тамҳиди[138а] нусхаи таманно тавонад буд? Аз олами рӯйдод ғуборе фароҳам овардааст, ки агар дам занад, деворҳо бар рӯи шавқ бармеорад[138б] ва аз ҳусули эътиборот печутобе ҷамъ карда, ки агар арз диҳад, ҳайрат қадам аз таҳайюрхона барнамедорад. Боре аз сайри саводи Байрот[139] роҳоварде, ки қонеъони туҳафи маъонӣ ба қалилӣ аз ин пешкаши кифоят тасаввур намоянд, нусхаи «Тури маърифат»-ест, ки дар таъмими ибораташ муддаъои хос мундариҷ тавон ёфт ва аз тахсиси маънияш ҳақиқате ахас метавон шикофт. Ба хидмат хоҳад расид ва саломи ниёзе хоҳад расонид. Захираи мазомини шавқ бисёр аст, аммо фурсати арзи ҳузуре даркор. Умед ки маънии орзуҳо ҷилваи иборат намояд ва сурати пардаи хаёл ба маърази вуқӯъ ояд.

### 71. БА ШОКИРХОН

Иноятрақамнома, ки маншури[139а] саъодати маҳҷурон буд, дари ҳазор ранг илтифот бар рӯи интизор кушуд. Агар ба тамҳиди[139б] аламҳои дурӣ муболаға намояд, шикваи тақдир банди забони шуъур аст[139в] ва инҳирофи вазъи ризо адабомӯзи[139г] шеваи аҷзу қусур. Ёди маротиби алтоф аз олами ҳузур фаҳмидан изтирорист[139ғ] ва тасаввури дараҷоти шафқат аз кайфиёти шуҳуд андешидан беихтиёрӣ. Ҳарчанд аз дургардон таъбир намоянд, аз ҳақиқати қурб ишоратест ва агар ҳама аз фаромӯшон тасаввур фармоянд, аз мазомини ёд иборате. Дар ҳар сурат, аз муқимони ақидаткадаи ихлос шуморанд ва аз гӯшагирони зовияи ниёз ангоранд. Насими фазли Илоҳӣ авроқи нусхаи интизор баргардонад ва маънии тасаввур ба мутолаъаи шуҳуд расонад.

### 72. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[140] ДАР ИРСОЛИ РАВҒАНИ ГУЛ

Роиҳаи вуруди бедилнавознома бо насими ирсоли равғани гул махмури ҳасратро дуболо сарбаландии нашъаи ифтихор бахшид ва бебизоъати асбоби тарабро ба захираи тардимоғиҳо мавсули ҷамъияти ҷовид гардонид.

Қитъа:

*Ин бодаи ишрат зи аёғи карами кист?*
*Ин партави эҳсон зи чароғи карами кист?*
*Бетобии дил булбули садранги саноҳост,*
*Ин равғани гул шабнами боғи карами кист?*

Нашъаи ин аёғ пайваста бехумору партави ин чароғ ҳамвора равшанидарбор ва шабнами ин боғ ҳамеша тароватбаҳор бод.

### 73. БА ШОКИРХОН, ДАР АРЗИ СИҲҲАТИ ШУКРУЛЛОҲХОН[141]

*Пурсиши аҳволи мо вақфи хироми нози туст,*
*Оҷизон, чун соя, ҳар ҷо по ниҳӣ, афтодаанд.*

Насими отифатшамими иноятнома ба кайфияте вазидан надорад, ки ғубори бедаступоён ба андешаи забти худ тавонад пардохт ва иштиъоли[141а] салои илтифот ба гармие пеш намеояд, ки афсурдаҷонии нотавонон бо вазъи

замингирӣ тавонад сохт.
Фард:
*Гармии хуршеди тобон ҳар куҷо нурафкан аст,*
*Маҳмили шабнам ҳамон бар дӯши аз худ рафтан аст.*
Лиллаҳилҳамд, ки мизоҷи офиятимтизоҷи қиблаи ниёзмандон[141б] ба дараҷаи камоли сиҳҳат фоиз аст, тасаллигунае барои табъи ҳавохоҳ[141в] мебояд, ки ба ҷамъияти куллӣ вусул ёбад ва ба саъодати ҳусули дидор шитобад. Ирсоли хӯшаҳои ангур аҷзои тафриқаи табъи улфатсириштро[141г] навиди шерозаи ҷамъият дод, ҳаловати ҷамъияти зоҳирию ботинӣ хӯшаи боғи комрониҳо бод.

## 74. ДАР ТАҲСИНИ АШЪОРИ ШУКРУЛЛОҲХОН, БА ОҚИЛХОН[142]

Шукрпарастиҳои иноёти ёдоварӣ саъодати забони аҷзбаён аст ва сайри афкори маъонибаҳор[143] биҳишти табъи ниёзтарҷумон. Аксар абёт ба кайфияте ҷилвагар аст, ки агар сомеъ ба ваҷд пешоҳангӣ нанамояд, пасмондаи хиҷлатҳои бедардист. Субҳи панҷшанбе, ки тулӯъи шафқатнома[143а] ҳамгиребони матлаъи офтоб буду саҳархези қофилаи дуъо[144] маҳрами ҷаноби файзинтисоб,[145] ҳанӯз ба сароири[145а] маънии латоиф фоиз нагардида, байте, ки манқуши сафҳаи хаёл дошт,[145б] ба тақриби зикри хайр, василаи арз ангошт. Ба ҳазор ранг таҳсин мақбули табъи маъниофарин[145в] гардид. Баёни рангиниҳои дигар мавқуфи мақдами баҳортавъам[145г] аст. Иншааллоҳу таъоло, сурури дилҳои муштоқон хоҳад бахшид.
Абёт:
*Шунидам, мерасӣ аз дил ба сӯи чашми гирёнам,*
*Зи ҳайрат, чун нигаҳ, бар дил ҳуҷум овард мижгонам.*
*Биё, эй офтоби олами уммеди муштоқон,*
*Чу субҳам, тоири рангест, бар гирди ту гардонам.*

## 75. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[146]

*Дур аз дари ту доғи диле нақш бастаем,*
*Хоки фусурдае,[146а] ба сари худ нишастаем.*
Вазъи таслим, ба адое ки дорад, маҳви орзуи давлатест ва дасти дуъо, ба кайфияте ки сар бармеорад, бетоби салои[146б] саъодате,
(Абёт)
*Ки ё Раб, аз чӣ гул андешаи ранги ҳино дорад?*
*Кафи пое, ки ҷо дар пардаҳои чашми мо дорад.*
*Ба истиқболи ӯ умрест аз худ меравам, Бедил,*
*Хиромаш дар шикасти ранги ман овози по дорад.[146в]*
Дидаи ҳайратнигоҳ, беш аз ин, ғубори кӯчаи интизор мабод[146г] ва шавқи дидорпараст, ба ин ҳасрат, доғи маҳҷурӣ мабинод.

## 76. ДАР ДУЪОИ СИҲҲАТ, БА ШУКРУЛЛОҲХОН[147]

Иқболи саъодати азалӣ бароти тунукмояе, ки аз навиди сиҳҳати ҷовид, захираи ҷамъият андӯзад ва ҳузури ишрати абадӣ дастгоҳи бенавое, ки ба ламъаи ёди карамэҷод, чароғи умед афрӯзад. Камнафъии асари ҳубуб[148] андаке инфиъоли табиъат афзуд, аммо ба ҳукми «мо санаъа-л-лоҳу фаҳува хайрун»,[149] ғайр аз шукр чорае набуд. Дар ҳар сурат, илтизомаш бе тақвияти мизоҷе нест. Агар бухоре ба арз меорад, эътидолҳо дар зимн асар дорад. Қувватбахши мизоҷи аъён ҷуз муждаи тавоноии зоти карамсифот насиби гӯши мухлисон нагардонод.
Фард:
*Зиндонии ҳирмонкадаи доғи вафоем,*
*Бар мо натавон баст хатоҳои маъонӣ.*

## 77. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[150] ДАР ШУКРИ ИНТИХОБИ ДЕВОНИ БЕДИЛӢ

Мақбули файзи азал табъи соҳибмаъоние, ки аз иқболи таваҷҷуҳаш ниёзи[150а] бебизоъатон ба иззи имтиёз менозад ва ба юмни илтифоташ аҷзои[150б] бесарупоён оинаи интихоб мепардозад. Агар аз ҳуҷуми ин ҳама ниқот,[150в] ба фикри шак афтад, дар он нусхаи яқин таваҳҳуми шак чӣ эҳтимол дорад? ва агар саҳвулқаламе[150г] гумон барад, фитрат сар аз нақси идроки худ бармеорад.[150г] Магар он, ки лутфи карим баҳонаҷӯст,[150д] ҳар киро писандид, писандид ва ҳар чиро баргузид, баргузид. Қудратиншои девони мумкинот саропои аҳвол ва атвори он маънинавоз мунтахаби аъёни зуҳур дорад.

## 78. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[151] ДАР МУБОРАКБОДИ ФАТҲ

Асрори футуҳоте, ки сози андешаи бедилони маҳфили самадият лоязол[151а] мутаранними таманнои осори ӯст, ба зуҳури сомеънавозӣ муждаи оҳанги муборакиҳо бод ва бар ҷамеъи пешоҳангони мақоми ихлос замзамаи таҳнияти давом расонод. Таъйиди эзидӣ он зоти иқболоётро ба кароmate аъён[151б] гардонида, ки дар муқобилаш, ҳарчанд бунёди мухолиф саропо кӯҳи оҳан бошад, ҷуз ба ғубори нола печидан надорад ва агар ҳама тинати хасм тӯфони оташ аст, ҷуз дар ниқоби хокистар сар аз ҷайб барнамеорад. Шоъирона байте чанд дар ин мақом арзи вуруд дошт, аз пешкашиҳои таҳоифи муборакбод ангошт. Ҳамвазъи таслими олами ихлос, мақбули назари отифатасар бод.
Абёт:
*Дӯшам аз гардун нидо омад, ки хони дилнавоз*
*Кард дар як дам задан бунёди майвотӣ[152] хароб.*
*Гуфтам: Аз Ҳақ чашми он дорам, ки то шоми абад*
*Гарди ҳар гарданкаше биншинад аз теғаш дар об.*
*Баски зоти ақдасаш мавсуфи бедилпарварист,*
*Ҳосиди ӯ, гар ҳама дарёст, мегардад сароб.*
*Бе такаллуф, чист майвотию ҷоту роҷпут?[153]*
*То нагардад поймоли ҳукми он нусратрикоб.*
*Як ҷаҳон хаффошро барқе зи оҳангаш бас аст,*
*Офтоб аст, офтоб аст, офтоб аст, офтоб.*

79. АЗ ТАРАФИ ШУКРУЛЛОҲХОН ВА ШОКИРХОН БА НАВВОБ ОҚИЛХОН[154]

Комбахшии[154а] харбузаҳо, ки тарзи ширинкаломӣ аз тӯтиёни шакаристони ҳаловати ӯсту сози ратбуллисонӣ[155] аз тардимоғони тавсифи таровати ӯ, решаи адои таслимот дар замини пешонии ақидатмандон кошт ва ба гулафшонии одоби суҷуд сари ҳавохоҳонро аз хок бардошт. Забони шукр шираи ин ниҳол аст, ки самаррасони нахли мурод файзи наъмои[155а] суварию маънавӣ насиби лаззатпарастони хони ақидат кунод ва коми умеди моро ба шакарфурӯшии ҳамду сипос Мисри ҳаловати ҷовид гардонод.

80. БА ШОКИРХОН

Ҷуръатбаёнии арзи ихлос, ҳарчанд ниқоби орзуҳо бармедорад,[155б] аммо дар ҳифзи маротиби одоби нотавонӣ бесарфагӣ мепиндорад.[155в] Пур сареҳ аст, ки номаҳо яксар дар кисвати печидагӣ[155г] болкушост ва таҳрирҳо яккалам дар сурати эҷоз[156] парвознамо. Ба ҳама ҳол, аз муштоқон аст, лекин дар арзи иштиёқ ҳайрон.

Фард:

*Гудози яъсдарборам, макун таклифи изҳорам,*
*Сипандам сурма асту сурма натвонад садо кардан.*

81. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[157] МУБОРАКБОДИ ИЗОФАИ МАНСАБ

*Нақди тараби мо, ки шуморе дорад,*
*Дархурди камолат эътиборе дорад.*
*Ҳарчанд мисол изофии шахс бувад,*
*Оина барои худ баҳоре дорад.*

Зоти бениёзиоёт,[157а] ки осори камолоти илоҳию каёнӣ[157б] аз сифатҳои изофии ӯст, ба изофаи мансаби қудрат лоязол[157в] таҷаллифармои маротиби зуҳур бод ва аъёни[157г] ҳақоиқихлосро ба руъяти[157ґ] касратэътибори натиҷаҳои файзи маърифату саъодати муборакиҳо расонод.

Рубоъӣ:

*Умрест, ки анфоси маъонитакрор*
*Масруфи дуъоҳост, чи лайлу чи наҳор.*
*Ё Раб, ки маротиби уруҷи ҷоҳат*
*Бар фарқи ҷаҳон чатр занад, гардунвор.*

Рубоъӣ:

*Сомони ту он қадар муҳайё гардад,*
*К-аз қатра расад ба мавҷу дарё гардад.*
*Аз тухм ниҳолу аз ниҳол орад нахл,*
*В-он нахл ба худ боладу тубо гардад.*

82. БА ШОКИРХОН

*Хомаам боз сари саҷдаи шавқе дорад,[157д]*
*Ҷабҳа дар пойи ту месояду завқе дорад.*
*Ҳалқаи қомате оростаам муфти ниёз,*
*Қумрии боғи вафо хидмати тавқе дорад.*

Бо вуҷуди ҷамъияти асбобе, ки аз таваҷҷуҳи он комравои масокин, дар ҳама ҳол ба ҳама ҷо, ҳосил аст, дурии остони улфатпаймон ҳамон тафриқатаълими дили ихлосманзил. Кош, дар лағзиши қадами хома саре тавон дуздид, то, ба ранги мазмун, дар шикани сатре тавон хазид. Аҷзои қатраи бесарупо, агар ҳама нақши гавҳар бандад, бе шерозаи васли муҳит, аз уқдаи парешоннисбатӣ барнамеояд ва корвони анфоси подарҳаво, ҳарчанд дар кисвати субҳ бар худ болад, бе ҳузури сарманзили дил, бори ҷамъият намекушояд.

Фард:

*То кай фусурдагӣ дамад аз интизори мо?*
*Ё Раб, ба домане бирасонӣ ғубори мо.*

Ғайр аз таманнои дидор, ҳама хоҳишҳо хиҷлат ва ҷуз саҷдаи меҳроби ҳузур, ибодатҳо надомат.

Байт:

*Мапурс аз тапишҳои набзи дилам,*
*Ки парвоз маҳв асту ман бисмилам.*

83. БА ШОКИРХОН

Имрӯз, аз ибороти бедилнавознома, кайфияте бар табъи қосир партав андохт, ки агар аз матонаташ дам занад, нафас бар раги ёқут нози тамкин метавонад фурӯхт ва агар ба рангинӣ[157ж] таъаммул намояд, хаёл, аз дида то дил, баҳор метавонад андӯхт. Фазли воҳиб нашъаи қудрат ба уруҷи камол расонод ва мансаби фитрат ба дараҷаи аъло фоиз гардонод.

84. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[158]

Нашъаи алтофи зуҳур,[158а] ба иборати сарфарознома, соғари ҳазор ранг шафқат дар бори мутолаъа дошт ва афсурдадимоғи зовияи бедилиро махмури яъспаймоии интизор нагузошт. Қабл аз алтофи намиқаи карам,[158б] навиди фатҳу нусрат ва муждаи адлу раъфат,[158в] аз забони ҷумҳур, ба ҳазор ғулғулаи ғалаба, сомеъанавоз гардида буд. Иҷмоли он ҳақиқат имрӯз ниқоби чеҳраи тафсил кушуд. Филҳақиқат, анмузаҷе[158г] аз захоири умеди ҳавохоҳ ба арсаи вуқӯъ омада. Ҳанӯз маротиби орзу оинанамои пояи бадоят[158ґ] аст ва дараҷоти таманно абҷадоғози талаби ниҳоят. Эзиди мутаъол камоли ин фазл ба мансабаи[158д] зуҳур расонад ва бедилонро мамнуни иноёти азалӣ гардонад.

85. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[159] ДАР ШУКРИ ИРСОЛИ РАВҒАНИ БОДОМ

*Бедилон сахт бенавоёнанд,*
*Бе нафас ҳастиошноёнанд.*
*Дар тарабзори олами хамупеч*

*Якъарақ хиҷлатанду боқӣ ҳеҷ.*

Хома, аз норасоиҳои тоқати таҳрир, мижгоне ба лағзиш меовард, ашке ба вазъи нуқтагӣ чакид ва сафҳа, аз бевусъатиҳои баён, бар худ печидане дошт, шикасте дар сурати сатр болид.

Байт:

*Хоки ман сад дарди дил тӯфонғубори бекасист,*
*Ҳасрати бемори ишқам, нола дорад бистарам.*

Дар ҳар сурат, хокнишини зовияи дуъойем ва дар ҳар сифат, аҷзпарасти маъбади сано.

Ирсоли равғани суман ва бодом, ба сад равоиҳи ҷонпарварӣ, дар рафъи юбусатҳои бедимоғӣ кӯшид ва, ба ҳазор нашъаи файзгустарӣ, сурӯши маротиби ишратаёғӣ гардид. Бе такаллуф, нахли бодом чӣ қадар интизори яъқубӣ дар пардаи тасаввур чинад? то ба ин бӯйи пираҳанаш[159а] чашм кушоянд ва ниҳоли суман чӣ миқдор нози юсуфӣ дар хилвати димоғ парварад? то ба чашми ин бодомаш роҳи иқбол вонамоянд.

Баҳористони сумани иқбол туҳматкамини бесафоӣ мабод ва шукуфазори бодоми ишрат баргрези хаёли афсурдагӣ мабинод.

86. БА ШОКИРХОН

Иқтизои вазъи бедилӣ, дар ҷамеъи аҳвол, ҳайрат асту дар ҳама авқот, ҳасрат. Агар аз вуруди иноятномаҳо ба фикри ҷамъияте наяфтад, бар тафриқаи бунёдаш бояд гирист, бетасаннуъ,[159б] ёди илтифотҳо дуд аз димоғи зиндагӣ бармеорад,[159в] кош, нисёне ба фарёди дили ҳасратманзил расад ва ин мумкин нест. Соҳибдастгоҳон ҳазор ашғол дарборанду бедилонро ҳамон як орзуи дидор. Иборат бисёр аст, аммо ҳама инфиъолмазмуни таҳқиқ ва ишорат бешумор, аммо яккалам хиҷлаткаши имтиёзу тафриқ. Маъбуди ҳақиқӣ дидаи интизори моро ба шуҳуди ҷамоли матлаб расонад ва сари савдопарастро ба суҷуди канори муддаъо маҳрам гардонад.

87. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[160]

*Номаи дигарам ба лутф навохт,*
*Нашъаи саҷдаро дуболо сохт.*

Дер расидани нусхаи девон[161] ба ёдовариҳои зуд боъис буд ва зудрасиҳои вузӯҳи маъонӣ аз деринтизорӣ масун[161а] бод. Бе такаллуф, ҳеҷ кофаре азоби тасаввури ҷудоӣ мабинод ва ҳеҷ гунаҳгоре номи таъзиби[161б] дурӣ машунавод. Аз васл ба хаёли тасаллӣ будан оинаи муҳолро ба тимсол кашидан аст ва аз номаву пайғом коми дил ҷустан нахли таваҳҳуме ба самар расонидан. Тасаннуъ тасаннуъ асту такаллуф такаллуф.

Байт:

*Рӯзи нишот шаб кард охир фироқи ёрам,*
*Худро агар насӯзам, шамъе дигар надорам.*

Ба ҳама ҳол, мутаваҷҷеҳи маънии худ буда, бедилони маҳзунро аз дуъогӯён шуморанд.

88. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР ТАКЛИФИ ИСЛОҲИ ҒАЗАЛИ САДРУДДИНХОН[162]

Баъд аз шукри наъмои карам, нақши ҷабине ба рақами суҷуд меорад, ки ҳасбулиршоди[162а] мансубони ҷаноби улуҳийят,[163] ба фикри бадеҳа пардохт ва ба умеди қабули табъи маънописанд,[163а] табиъатро мустаъиди маъмурӣ шинохт. Лекин боқии ғазал диққате ба маърази таваҳҳум оварда, ки аз уҳдаи он магар ҳамон худаш тавонад баромад.

Сайри фитратҳои сухантирозони ин аср бе тамошое нест. Хоса абнои дувал, ки лофи камоле дар ин фан ҳам дошта бошанд.

Мегӯянд: Дар замони собиқ подшоҳи маҷҳулфитрате таклифи шуъаро мекард, ки назме, сода аз қавофии мутаъориф[163б] фикр намоянд. Ҳама ба ҳайрат дармонда буданд ва ба силаи уқубатҳо восил гардида. То он, ки яке аз мизоҷдонон коғази сафеде ба даъвии тамом аз назар гузаронид ва гуфт: Дар ин ҷо қасидае навиштаам муштамил бар санъате, ки сивои қофияҳои мутаъориф, хутути мутаъориф ҳам надорад. Аммо марде мебояд, ки бар арсаи таҳриру тақрираш қадам гузорад.

Алҳол низ дабистони имкон аз он ҷинс табойеъ холӣ нест. Вагарна, дар замине, ки ғайр аз ҳамин қофияе чанд, вазъи дигар мутасаввар набошад, касе чӣ фикр намояд? Ба ҳама ҳол, муддаъо тақриби[163в] саъодатандӯзӣ – мутолаъаи он файёзи олами маъонист. Ҳарзахаёлон ба хаёле, ки доранд, маҳзуз бошанд.

89. БА КАРАМУЛЛОҲХОН, ДАР ТАЪЗИЯТИ АҲЛИЯИ[164] ЭШОН

Аз тасаввури аламе, ки дар ин айём, ба табиъати ишфоқтинат[164а] ғубори туҳмат гумошта, такаллуф мунфаъили вазъи таҳрир асту тасаннуъ мутаҳайири сози тақрир. Ибрате муқобили андеша нест,[164б] ки нафас задан бо субҳи қиёмат тавъам наболад ва лаб кушудан бар шӯри маҳшар муқаддам нанолад. Дар коргоҳи тақрир[164в] нафасро, ҷуз забти адаб, қумоши кадом даъвӣ бофтан аст? ва тоқатро, ғайр аз таслиму ризо, пардаи чӣ ҷуръат вошикофтан?

Байт:

*Дида ашк мекорад, дил зи доғ гулчин аст,*
*Дар баҳори навмедӣ ранги ошиқон ин аст.*

Ҳайф, сад ҳазор ҳайф, ғариб иттифоқе даст ба ҳам дода буд, чашмзахми замон фурсати тааммулворе ба ҳоли худ нагузошт ва турфа ҷамъияте ба мушоҳада мепайваст, ғаробати тақдир, то мижгон кушудан, аз пеши чашм бардошт. Маънинисбатонро ба ҷаҳони сурат дил бастан мунаббеҳ[164г] – зуҳури ин осор аст ва ҳақиқатогоҳонро ба тамошои ранги маҷоз пайвастан музаҷҷир[165] – ҳузури ин асрор.

Байт:

*Бар давоми суҳбати ҳам чашм натвон дӯхтан,*[165а]
*Охир, эй бедонишон, хешем бо бегонае.*

Кулфати ин андӯҳ аз дида то дил, ғубори бедаступоӣ чидааст ва дуди ин оташ, аз нафас то нигоҳ, ҳуҷуми ҳайрату ибрат танида.[165б]

Рубоъӣ:

*Ин гул*[165в] *зи баҳори туву ман чеҳра кушуд,*
*Не ишқу ҳавас, на илму фан чеҳра кушуд.*
*Чанде гарди нафас тапиш мепардохт,*

*Чун соф шуд оина, кафан чеҳра кушуд.*[165г]

Ба таҳияи оини убудият,[165г] дил то забон захираи сабру шукр бояд анбошт, то хаёли бетоқатӣ роҳи фузулӣ натавонад шикофт ва гумони шиква бори гунҷоиш натавонад ёфт. Мо бемоягон аз адам чӣ оварда будем? ва аз ҳастӣ чӣ хоҳем бурд? то ба васвасаи ину он ғами ҳосиле, ки надоштему надорем, бояд хурд.

Рубоъӣ:

*Ё Раб, ту ба ҳайратам ҳамоғӯшӣ бахш,*
*Дар махмасаи*[165д] *шуъур камҷӯшӣ бахш.*
*З-андешаи оянда халосам гардон,*
*Аз ёди гузаштаҳо фаромӯшӣ бахш.*

90. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[166]

Ишорати қудсибашорати фикри ғазале, ки матлаъаш манзури табъи маъниписанд афтода, дуъогӯи хоксорро ба навиди ҳусули саъодат сарбаланд сохт: байте чанд бадеҳа арзи ниёз пардохт. Ошуфтабаёнӣ шоҳиди изтироби андеша асту узрхоҳи табиъати тараддудпеша. Мақбули назари салоҳасар бод.

Абёт:

*Бе парда асту нест аён рози ман ҳанӯз,*
*Аз хок медамад, чу гулам, пираҳан ҳанӯз.*
*Аз бенасибии мани ғафлатҳаво мапурс,*
*Дар хун тапид шавқу нагаштам чаман ҳанӯз.*
*Як ҷилва интизори ту дар хотирам гузашт,*
*Оина медамад зи саропои ман ҳанӯз.*[166а]

91. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[167]

*Бизоъат нест, ҷуз таслим, дар бори ниёзи ман,*
*Муҳаббат кард эҷод аз хамиданҳои абрӯям.*

Анфоси марҳаматшинос,[167а] ҳамон, масруфи лавозими дуъогӯисту андешаи лиқомуштоқ, ҳамчунон, маҳви маротиби дидорорзуӣ.

Рубоъӣ:

*Огоҳдилоне, ки фаромӯши худанд,*
*Оҷизнафас аз таъаллуқи ҳуши худанд.*
*З-ин дард, ки мекашанд бори ҳастӣ,*
*Яксар, чу ҳубоб, обилаи дӯши худанд.*

Ғайр аз таманнои висол, ҳар чӣ нигорад, ҷуз хиҷлати такаллуф надорад. Мусаббиби ҳақиқӣ мунтазирони ин атияро[167б] аз кулфати имтидод барорад.

92. ДАР АРЗИ МУБОРАКБОД, БА ОҚИЛХОН[168]

*Ҳарчанд дил асбоби дуъоят дорад,*
*Ё дида ба ёди ту гуҳар меборад,*
*Ҳар гоҳ, ки остонат ояд ба хаёл,*
*Оҳанги суҷуд ҷабҳаам мехорад.*

Хиҷлати ҳеҷкасӣ умрест ба ҳавои арзи суҷуд гардане наяфрохта ва шарми бемиқдорӣ[168а] ба хидматгузории таслиме таҳияи сарбаландӣ насохта. Агар шеваи аҷз ин аст, воҳасратоҳ ва агар сози ғафлат ба ин ранг аст, воғафлатоҳ. Ба ҳар аҷзу ҳақорат,[169] тозагии вуруди ин абёт василаи обрӯ фаҳмида, сар бар хат мегузорад ва ҳилоли идро далели нотавонӣ андешида, сарнигунии инфиъол воменигорад. Таслим муборак бод. Ҳамон ҳилол забоне маъруз хоҳад дошт ва гардани ниёз, ба ҳамон арзи хамидагӣ, хоҳад афрошт.

Ғазал:

*Бенишон ҳусне, ки дарси ҷилва мехонад зи ман,*[169а]
*Оламе барҳам занад, то ранг гардонад зи ман.*
*То наҷӯшад сурма аз хокистари ман, чун сипанд,*
*Хомуширо ҳам муҳаббат нола медонад зи ман.*
*Обёри мазраъи хомӯшиам, аммо чӣ суд?*
*Шавқ мекорад нафас, то нола рӯёнад зи ман.*
*Бедилам, Бедил, зи шарми сахтҷониҳо мапурс,*
*Дур аз он дар, хок ҳам об аст, агар монад зи ман.*

93. МУБОРАКБОДИ ИД, БА ШОКИРХОН

Равшанбаёниҳои ҳилоли ид, ки ишораи абруест аз уруҷи матлаъи камол ва мавҷи бодае аз соғари кайфиёти маҳфили иззу иқбол, риштаи назокате, ки бар ҳам тофта ва ба шамъафрӯзии анҷумани таҳният бори умед ёфта, манзури фурӯғи таҳсин ва мақбули назари офарин бод. Қиллати истеъдоди қавофӣ хиҷлати ихтисор мачинод. Абёт:

*Ҳилол имшаб ба он мастӣ бурун аз парда меояд,*
*Ки гӯӣ, аз майи базмат лабе тар карда меояд.*
*Ҳама гар шаб бувад, барги сабӯҳӣ*[169б] *муфти ишратҳо,*
*Табассумҳои ин матлаъ саҳарпарварда меояд.*
*Ба ин сомон, кӣ шуд, ё Раб, кулоҳорои мастонат?*
*Ки моҳи нав ҳам аз гардун кулаҳ каҷ карда меояд.*

94. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[170]

Тулӯъи файзи иноятнома, ба баёзи таҷаллииншоӣ, дили ихлосманзилро мансаби сафои оина бахшид ва ба саводи илтифотэҷод, дидаи мунтазирро дар сурмаи ишрати ҳузур хобонид. Қабули абёти маъзаратвидоъ,[171] ба иқболи маъонии шафқат, навохт ва роиҳаи таҳсин ғунчагиҳои табиъатро дар оғӯши вусъати баҳор андохт. Муждаи тафреҳи маъҷун[172] ба нашъае мумтоз нагардонида, ки муъолаҷаи хуморҳои ҷудоӣ аз рӯи нусхааш натавон нигошт ва навиди хавоси ранҷак[173] ба гармие пеш наёмада, ки ногувории афсурдагиҳои дуриро ба даҳони туфанг натавон гузошт.

Нашъаофарини соғари вусул бо матлуби суварию маънавӣ комёби ҳамоғӯшӣ дород.

95. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР АРЗИ ТАЪРИХИ ФАТҲИ ПОДШОҲ ВА ИНФИЪОЛИ ТАЪРИХИ ФАТҲИ ХОНИХОНОН,[174] ки БА ҲАСБИ ИТТИФОҚ БАР ЗАБОН ГУЗАШТА БУД

Шароити одоби бандагӣ он қадар муқаййиди поси анфос нест, ки густохии таҳрики забон тавонад писандид ва қавоъиди насақи убудият на чандон масруфи забти андеша аст, ки ба ҷуръати арзи ниёз тавон кӯшид.

Байт:

*Дар заъифӣ, гар ҳама аҷз аст, натвон пеш бурд,*
*Чун мижа, дасти дуъои нотавонон бар қафост.*

Ҳар ҷӣ аз тарабкадаи сози ҳақиқат гул мекунад, оҳанги муборакбоди ҳусули саъодат аст ва он ҷӣ аз қонуни пардаи ғайб сар мезанад, замзамаи навиди фазлу каромат.

Рубоъӣ:

*Корат ҳама аз олами бехост равост,*
*Дар ҳазрати бехост нагунҷад каму кост.*
*Гӯ, ваҳм ба ваҳм хайру шар доғ шавад,*
*Дарёи карам ҳамеша маввоҷи атост.*

Андешаи касратхаёлӣ ҳиҷоби мушоҳадаи ваҳдат мабод.

Муждаи фатҳи подшоҳи динпаноҳ,[175] ки сабаби ҷамъияти оламест, далели фикри таърихе гардида, мутаваккеъи мутолаъаи иқболасар аст. Ҳарчанд, ба ҷурми ҳарзафикриҳои таърихи наввоб Зафарҷанг,[176] ҳанӯз марҳуни силаи инфиъол аст. Лиллаҳилҳамд, андешаи дуъогӯи баҳонаҷӯи[176а] тақрибест, ки ба он васила туҳфаи фуқаро дар пеш гузорад ё мисраъе дар он ҷаноб маъруз дорад. Вагарна, ҷӣ наввобу кадом мустатоб?[176б] балки ҷӣ Оламгиру кадом бадри мунир?[177] Ба тариқи шавқи бепарво нигоштане дорад ва ба оҳанги сози бениёзӣ сар аз парда бармеорад.

Таърих:

*Шоҳи Оламгир, яъне ҳазрати Аврангзеб,*
*Он ки дорад такя бар шамшери ӯ фатҳу зафар.*
*Азмаш аз иқлими Деҳлӣ кард оҳанги хуруҷ,*
*То кунад бунёди шоҳони Дакан[178] зеру забар.*
*Аввалин соле, ки фатҳи мулки Беҷопур[179] кард,*
*Дар ғулу занҷир рафт Искандар[180] аз тавқу камар.*
*Тохт бар Гулканда[181] роёти зафар соли дувум,*
*Ҳамчунон бар қалби Қутбулмулк[182] тӯфон дод сар.*
*Гашт аз рӯи ҷумал дар дидаи аҳли ҳисоб*
*Соли фатҳи аввалин «Ҷамшеди нусрат»[183] ҷилвагар.*
*Хостам, равшан шавад оинаи фатҳи дувум,*
*Дод шӯхиҳои идрокам дар ин мисраъ хабар.*
*Ҳаст як маънӣ, ки таъбири ду таърихаш кунанд:*
*«Аъзами матлуб», «фатҳи подшоҳи номвар».[184]*

96. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[185]

Бепардагии асрори иродати Аллоҳ дар олами эътиқоди авом маъниест мухтафии пардаи хаёлу авҳом, ки бо вуҷуди нишонаҳои сареҳ, номе беш надорад ва ҷуз ба иборати лисонии маҳз, сар аз ниқоби хафо барнамеорад. Аммо суроғи камоҳияш аз вуқӯъи ҳавотири урафо равшан аст ва зуҳури камолаш аз ҳусули матолиби кумало мубарҳан. Баъзе аз хоҳишҳои ин тоифа,[185а] ки дар пардаи ғайб ҳаракат намояду ба анҷумани шуҳуд чеҳра накушояд, ҳавола бар ғалаботи нисбати танзеҳ аст ва сурати вуқӯъии он маҳкуми муқтазиёти олами ташбеҳ. Лиллаҳилҳамд, партави орзуе аз сародиқи[185б] замири ҳақтанвири он акмали арбоби яқин берун натофта, ки нафози[185в] аҳкоми Илоҳӣ ҳамъинони таваҷҷуҳ наёфта. Робити нисбатҳои илоҳию каёнӣ оинаи иродати азалӣ бо софии тинати эшон тавъам гардонод ва муждаҳои улуви дараҷоти суварию маънавӣ, беш аз хост, бехост расонод.

97. ҶАВОБИ НОМАИ МИРЗО ИБОДУЛЛОҲХОН[186] ВА МУЖДАИ МАҚДАМИ ЭШОН

*Ба ҳасрат ғунчаам, яъне ба дилтангӣ ватан дорам,*
*Хаёле дар нафас хун мекунам, тарҳи чаман дорам.*
*Намедонам, ҷӣ найранг аст афсуни муҳаббатро?*
*Ки худро ҳам ту мепиндораму бо худ сухан дорам.*

Узри ғафлатҳои бехудон ба забони шафқат хостан далели алтофи рубубият аст ва ҷароими аъмоли бехабариҳо ба рақами афв оростан имдоди норасоёни ҳаққи убудият. Номасиёҳиҳои коҳилқаламии мусаввадаи аҳвол,[186а] ки аз мутолаъаи саъодат маҳрумист,[186б] боъисе надорад, магар ғалабаи шавқи нестию маъдумӣ.

Байт:

*Зи дасти аҳли адам ҳар ҷӣ ояд, эъҷоз аст,*
*Ба хидматам бипазиранд, гар кунам тақсир.*

Аз мушоҳада бо тасаввур сохтан изтирорист[186в] ва аз висол ба хаёл чашм бохтан беихтиёрӣ. Дар ин вақт, ки вуруди илтифотнома ба мавсулии файзи аъзаме ҳидоят фармуда, муждаи дидори таҷаллианвор дари андешаи бедилнавозӣ кушуд. Ҳар сари мӯи мустаманд мижаест, аз чашми интизор берун нишаста ва аз ҳар тапиши дили улфаткаманд шишахонаи тоқат шикаста. Ё Раб, ки мадди интизор мижгонӣ намояд[186г] ва ғубори дуриҳо ба сурмагии дида фуруд ояд.

Абёт:

*Чу гул, ҳазор ҷабин саҷда мекашад оғӯш,*
*Насими субҳи таманно ғубори мақдами кист?*
*Ғанимат аст, чу мижгон, агар расем ба ҳам,*
*Вагарна, роҳати дигар хаёли мубҳами кист?*

Иноёти ғазали тоза ба силаи кароматии ҳақиқӣ навохт ва шукри ифодатнавозӣ масрури ишороти маънавӣ сохт. Ҳарчанд орзу масруфи ҳусули ин давлат буд, ки аз восӯхтагиҳои шуълаи афкор рақси сипанде ба маҳфили ҳузур арза хоҳад дошт ва аз нафассӯзиҳои чароғи андеша[186г] партави таслиме даст дар пеш хоҳад гузошт, аммо мутобиқи амре,

ки аз имтисоли[186ж] он чора нест, мусаввадаи шеъре чанд бо нусхаи «Тури маърифат»,[187] ки ламаъоти ҳақиқаташ мункашафи тааммул хоҳад гардид, ба маърази ирсол расонид. Арзи мобақӣ воридот[187а] мавқуфи вуруди он нусхаи шафқат асту мунтазири вусули он маҷмӯъаи макрамат.[187б]

98. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[188] ДАР ШУКРИ ЭҲСОН

Деррасии самароти боғи сахо аз азъофи[189] натоиҷи инъом мухбир аст ва интизори ваъдаҳои карим ба вуфури осори икром мушъир. Дарёро, дархури ҷазри расоӣ, madди эҳсон шумурдан аст ва абрро, ба қадри забти асрор, гавҳар бадар овардан. Он чӣ дар хаёл нест, назарҳо нақши ҳусул мебандад ва ҳар чизе, ки дар тасаввур нагунҷад, ба мушоҳадаи вусул мепайвандад.

Рубоъӣ:

*Умре ба фунуни назм[189а] моил гаштам,*
*Чанде бо наср низ шоғил гаштам.*
*Дидам, карами ту сахт бепоён аст,*
*Орӣ мондам зи шукру бедил гаштам.*

Ҷамеъи дараҷоти камоли он зот дар ин олам машҳуди хавосу авом бод ва улуви маносиби иқбол ҳам бар ин осор насибаи ҷумҳури аном[189б] расонод.

99. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ФИҚАРОТИ ТАЪРИХ

Маносиби ҳукумати Майвот,[190] улуви гулшани дараҷот, ба ҷаноби ҷалолатманқабат, мақсади нусрату иқбол, масдари асари ҷоҳу ҷалол, насси нашъаи таҳқиқ, қадри ҷавҳари тавфиқ, саркӯби бадандешии душманон, навиди ҷамъияти дӯстон, хонсоҳибамон муборак бод.

100. БА КАРАМУЛЛОҲХОН, ФИҚАРОТИ ТАЪРИХ

Ба пешгоҳи караминтисоб[191] /ҷамкавокиб/ файёзрикоб /нозу неъматдастгоҳ/ хонсоҳиби афлокдаргоҳ /атои меҳри сипеҳростон/ волии мулк Карамуллоҳхон /маносиби хонӣ муборак бод/ ба ҳурмати расули гузида ва олаҳуламҷод.

**ТАВЗЕҲОТ ВА ШАРҲИ ЛУҒОТ**

120. Шукруллоҳхон – зоҳиран, Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст.
120 «а». Тасалсул – силсиланок, идомадор.
121. Истифсор – пурсиш.
121 «а». Аъизза – азизон.
121 «б». Майманат – саъодат ва хушбахтӣ.
122. Маротиби таъйиди эзидӣ – ин таъбир моддаи таърих аст, ки ба санаи 1100 (1688-1689) баробар мебошад. Пас ин нома ба унвони Шукруллоҳхони Хофист.
Дар нашри кобулии куллиёти Бедил (ҷилди 2, саҳ.137) аз ин моддаи таърих санаи 1090 (1679-1680) бароварда шудааст, ки саҳеҳ нест. Сабаби иштибоҳ ин аст, ки калимаи «таъйид» бо як «й» навишта шудааст.
123. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ. Соҳибзодаҳо – писарони Шукруллоҳхони Хофӣ.
Ҷот – номи қавме аз ақвоми Ҳиндустон, ки дар аёлатҳои Панҷоб, Харян, Утрар Прадеш ва Роҷистон сукунат доранд. Дар ин ҷо ҷотҳои вилояти Майвоти Роҷистон дар назар аст.
123 «а». Замир – дар ин ҷо ба маънии шахс, яъне шахси Шукруллоҳхони Хофӣ.
123 «б». Нафоз (бо зол) – нуфуз, таъсир, қудрат.
124. Мавaддат – дӯстӣ, муҳаббат.
124 «а». Истиқомат – мустаҳкамӣ, пойдорӣ.
125. Равған – равғане дар назар аст, ки барои ҳамвор шудани ашёҳои чӯбин ба онҳо мемоланд.
125 «а». Шикастаранги олами хилқат – ишора ба муаллифи нома Мирзо Доварёр.
125 «б». Қавси қузаҳ – рангинкамон, камони Рустам.
126. Сесар – ба маънии се адад сар ва чизе ки ба зеҳи камон баста мешавад.
127. Қандил – дар ин ҷо ба маънии тирдон.
127 «а». Натавонад андохт ва наметавонад пардохт – фоили ин амалҳо Мирзо Доварёр.
128. Кабода – камони нарм, ки махсуси машқи камонкашист.
129. Зеҳгир – ҳалқаи ангуштаримонанд аз чарм ё устухон, ки дар нарангушт мекашанд, то ки ангушт аз зеҳи камон озор набинад.
130. Сӯфор – даҳонаи охири тир, ки зеҳи камонро дар он банд кунанд.
130 «а». Чошнӣ – санҷидан, озмудан, озмудани камон.
130 «б». Ҳасрати кашидан – ҳасрати камон кашидан.
131. Алиф бар замин кашидан – киноя аз шарм кардан ва хиҷолат кашидан.
132. Шукруллоҳхон – зоҳиран, Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст.
132 «а». Чошнӣ – дар ин ҷо ба маънии мазза.
132 «б». Килки тафаккудсилк – килки тафаккудсилки Шукруллоҳхон.
133. Навбари бадеҳаи фолизи табиъат – киноя аз шеъре ки дар охири ин нома омадааст.
133 «а». Рӯи кор овардан – эҷод кардан, навиштан.
133 «б». Мири қисмат – шахси тақсимкунанда.
134. Долӣ – мева, сабади пур аз мева. Дар ин ҷо ба маънии ҳосили фолиз.
135. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
135 «а». Нуқуд – ҷамъи нақд. Нақд ба маънии фоида.
135 «б». Хазаф – сафолпора. Хазафшуморӣ – кори беҳуда.
135 «в». Мақулаи афроди ботил: Мақула – сухан, гуфтор, Афрод – ҷамъи фард. Фард ба маънии байти фард, байти танҳо. Ботил – пуч, бемаънӣ. Мақулаи афроди ботил – мазмуни байтҳои бемаънӣ.
135 «г». Ниҳоятҳоро аз руҷӯъи бадоят чора нест – ба маънии ҳар чиз ба асли хеш бармегардад.

135 «ғ». Васотатандешӣ – воситаандешӣ, воситаҷӯӣ.
135 «д». Он остон – остони адресати нома.
135 «ж». Он сари роҳ – ишора ба роҳе ки адресати нома аз он омаду рафт дорад.
136. Таҳон – ниг. ба тавзеҳи №104.
136 «а». Оина пардохтан – оина равшан кардан, оина сайқал додан.
136 «б». Омол – ҷамъи амал, яъне арзую умед.
136 «в». Илоҷи пунбаи гӯш намекард – яъне пунбаи гӯшро намесӯхт, рафъи ғафлати мо намекард.
136 «г». Мову ман – ин ибора аслан ба маънои ҳастӣ, олами имкон ва худбинию худписандист. Дар ин ҷо ба маънии касе ва шахсе омадааст.
Афсонаи мову ман намешуниданд – яъне сухани касеро гӯш намекарданд.
136 «ғ». Номат гирам – маънии байт: ба монанди нақши нигин, ки номи соҳибаш дар он сабт аст, забони ман низ доме пайдо кунад, то номи туро дар он дом ҷой диҳам.
137. Мухаммас – ишора ба панҷ таҳони хоса.
137 «а». Ҳадиқаи ишфоқ – боғи меҳрубонӣ, боғи шафқат. Норбаст – анор.
138. Тури маърифат – яке аз маснавиҳои Бедил, ки аз ҳазору дусад байт иборат буда, дар соли 1097 (1685-1686) эҷод шудааст. Мирзо Муҳаммадамини Ирфон – яке аз шоъирони аср, ки дӯсти наздики Бедил буд.
138 «а». Тамҳид – муқаддима.
138 «б». Деворҳо бар рӯи шавқ меорад – яъне дар рӯ ба рӯи шавқ девор пайдо мешавад ва имкони ба дигар чиз майл намудани шавқ намемонад.
139. Байрот – ниг. ба тавзеҳи №113 «б».
139 «а». Маншур – дар ин ҷо ба маънии ҳуҷҷат ва далел.
139 «б». Тамҳид – шарҳу баён.
139 «в». Шикваи тақдир банди забони шуъур аст – яъне агар ба баёни аламҳои дурӣ пардозад, шиква аз тақдир мешавад ва шиква аз тақдир куфр аст. Аз ин рӯ, шиква нахоҳад кард.
139 «г». Ризо – ризо ба қазову қадар. Адабомӯз – танбеҳдиҳанда.
139 «ғ». Изтирорӣ – ночорӣ.
140. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ.
141. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ.
141 «а». Иштиъол – шуъла.
141 «б». Қиблаи ниёзмандон – яъне Шукруллоҳхони Сонӣ.
141 «в». Ҳавоҳоҳ – ишора ба худи Бедил.
141 «г». Табъи улфатсиришт – табъи улфатсириштти Бедил.
142. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ. Оқилхон – Оқилхони Розӣ.
143. Афкори маъонибаҳор – ишора ба ашъори Шукруллоҳхони Хофӣ.
143 «а». Шафқатнома – ишора ба мактуби Оқилхони Розӣ, ки номаи ҳозираи Бедил ҷавоби он аст. Ин маънӣ аз ибораи аввали нома «Шукрпарастиҳои иноёти ёдоварӣ» таъйид меёбад.
144. Саҳархези қофилаи дуъо – ишора ба худи Бедил.
145. Ҷаноби файзинтисоб – ишора ба Шукруллоҳхони Хофӣ.
145 «а». Сароири маънии латоиф – сароир – ҷамъи сарира, ки ба маънии роз ва чизи ниҳон аст. Сароири маънии латоиф – ниҳонии маънии ашъори Шукруллоҳхон.
145 «б». Байте ки манқуши сафҳаи хаёл дошт – яъне байте ки Бедил дар хаёли худ дошт.
145 «в». Табъи маъниофарин – табъи маъниофарини Шукруллоҳхон.
145 «г». Мақдами баҳортавъам – мақдами адресати нома – Оқилхон.
146. – Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
146 «а». Хоки фусурдае – ҳамчу хоки фусурда.
146 «б». Сало (бо сод) – даъват, садо додан ба касе барои додани чизе.
146 «в». Овози по дорад – муаллифи ҳошияи нашри лакҳнавии куллиёти Бедил (саҳ. 104) дар мавриди ин ду байт навиштааст, ки маънии ин шеър «ба ваҷҳи аҳсан дилнишин намешавад. Валлоҳу аъалам, мофиззамири мутакаллиф чист?
Яъне муаллифи ҳошия гуфтанист, ки аз ин шеър маънии муъайяне барнамеояд. Дар воқеъ, агар ин шеър дар алоҳидагӣ аз назар гузаронида шавад, маънии баитмомрасидаеро ифода намекунад. Ин шеър идомаи матни пеш аз худ омадааст ва танҳо ҳамроҳи он матн меънии пурра дода метавонад.
147. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
148. Ҳубуб – ҷамъи ҳабб. Ҳабб ба маънии дона, ғалладона. Дар ин ҷо ба маънии доруи кӯфта, ки ба андозаи донаҳои мошу нахуд ва ғайра тайёр карда шавад.
149. Мо санаъа-л-лоҳу фаҳува хайрун – он чӣ Худо офаридааст, хуб аст.
150. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
150 «а». Ниёз – ишора аст ба ашъори худи Бедил.
150 «б». Аҷзо – ҷамъи ҷузв, ҷузви китоб. Ин ҷо низ ишора ба девони худи шоъир аст.
150 «в». Ниқот – ҷамъи нуқта, нуқтаи шак, ки хонанда, бо сабаби шакку шубҳае пайдо шудан, дар ҳошияи китоб мегузорад. Ин ҷо ишора ба нуқтаҳои шаккест, ки Шукруллоҳхон дар ҳошияи мунтахаби девони Бедил, ки худи Шукруллоҳхон интихоб намудааст, гузоштааст.
150 «г». Саҳвулқалам – лағзиши қалам ва иштибоҳ дар китобат.
150 «ғ». Фитрат сар аз нақси идроки худ бармеорад – яъне далели нуқсони идроки фитрат аст, фитрати муаллифи девон.
150 «д». Баҳонаҷӯ – дар ин ҷо ба маънии ғамхор ва хайрхоҳ.
151. Шукруллоҳхон – ин нома, зоҳиран, ба номи Мирлутфуллоҳ Шукруллоҳхони Сонист, ки соли 1114 (1702-1703) ҳокими Майвот таъин шуда буд ва то соли 1120 ба муқобили шӯришгарони қавмҳои ҷоту роҷпути Майвот мубориза мебурд. Номаи дигари Бедил, ки «Ба Шукруллоҳхон, ки дар айни шуҳрати подшоҳгардӣ иродаи танбеҳи роҷпутони Майвот доштанд» унвон дорад, ин маъниро таъйид менамояд. Мақсад аз «айни шуҳрати подшоҳгардӣ» замони вафоти Аврангзеб ва бар тахт нишастани Шоҳиъолам Баҳодуршоҳ аст, ки ба охири соли 1118 (1707) ва ибтидои соли 1119 (1707) рост меояд. Ин нома баёнгари он аст, ки Шукруллоҳхони Сонӣ дар ин солҳо низ ҳокими Майвот будааст.
151 «а». Лоязол – ҳамеша, доимо.
151 «б». Аъён – бузургон.
152. Майвотӣ – сокинони асосии вилояти Майвот, ки бо номи мев низ ёд мешаванд.
153. Ҷот ва роҷпут низ аз ҷумлаи қавмҳои дигари Майвотанд.
154. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст. Наввоб Оқилхон – Оқилхони Розӣ.
154 «а». Комбахшӣ – дар ин ҷо ба маънии ширинӣ ва бомаззагӣ.
155 «а». Наъмо – неъматҳо.
155 «б». Ниқоби орзу бардоштан – изҳори орзу намудан.
155 «в». Бесарфагӣ – бефоидагӣ, бемаънигӣ, бар зиёни кор. Бесарфагӣ пиндоштан – бар зарари кор ҳисобидан, бар зарари

кор тасаввур намудан.
155 «г». Печидагӣ – печондагӣ, қаткардашудагӣ. Дар ин ҷо ба маънии кӯтоҳӣ.
156. Эҷоз – мухтасар, кӯтоҳ.
157. Шукруллоҳхон – зоҳиран, Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст.
157 «а». Зоти бениёзиоёт – киноя аз зоти бечун.
157 «б». Каёнӣ – мансуб ба каён. Каён – ҷамъи кай. Кай ба маънии подшоҳ. Каёнӣ – подшоҳӣ, салтанатӣ.
157 «в». Лоязол – ҳамеша, доимо.
157 «г». Аъён – дар ин ҷо ба маънии одамон, шахсон.
157 «ғ». Руъят – мушоҳада, дидан.
157 «д». Сари коре доштан – ихтиёр ва нияти коре доштан.
157 «ж». Рангинӣ – рангинии ибороти мактуб.
158. Шукруллоҳхон – зоҳиран, Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст.
158 «а». Алтофи зуҳур – лутфҳое ки аз Шумо зоҳир мешавад.
158 «б». Намиқаи карам – мактуби Шукруллоҳхон.
158 «в». Раъфат – меҳрубонию ғамхорӣ.
158 «г». Анмузаҷ – намуна.
158 «ғ». Бадоят – ибтидо.
158 «д». Мансаба – муаннаси мансаб.
159. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст.
159 «а». Бӯи пираҳан – бӯи пираҳани Юсуф. Вақте ки бародарони Юсуф барои харидани ғалла ба Миср рафтанд, Юсуф дар қатори ғалла пироҳани худро низ ба онҳо дод, то ки онро ба падарашон Яъқуб бидиҳанд. Замоне ки бародарон аз Миср берун шуданд, бӯи пираҳан ба димоғи Яъқуб расид. Чун пираҳанро ба даст гирифта, ба чашмони нобинои худ молид, чашмонаш бино шуданд..
159 «б». Бетасаннуъ – бесохтагӣ, бетакаллуф, бевоҳима.
159 «в». Дуд аз димоғи зиндагӣ баровардан – зиндагиро ба тазйиқ овардан, ҷонро дар азоб монондан.
160. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
161. Нусхаи девон – нусхаи девони Шукруллоҳхони Хофӣ.
161 «а». Масун – махфуз, нигаҳдоришуда.
161 «б». Таъзиб – азобу ранҷ.
162. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
Садруддинхон – зоҳиран, шайх Садруддин Муҳаммад ном шоъире дар назар аст, ки Хушгӯ дар бораи он навиштааст: «Гӯянд: аввал вақти шеър гуфтану шеър хондан укда бар забонаш меафтид. Ба хидмати Мирзо Бедил расида, ба юмни анфоси он ҳазрат ба сухан даромад. Рубоъӣ хуб мегӯяд».
162 «а». Ҳасбулиршод – тибқи ҳидоят.
163. Мансубони ҷаноби улуҳият – ба маънии мардони Худо ишора ба Шукруллоҳхони Хофӣ.
163 «а». Табъи маънописанд – табъи маънописанди Шукруллоҳхон.
163 «б». Мутаъориф – маъмул ва мустаъмал.
163 «в». Тақриб – восита, васила, баҳона.
164. Аҳлия – ҳамсар, завҷа.
164 «а». Ишфоқтинат – шафқатомез.
164 «б». Ибрате муқобили андеша нест – яъне ҳеҷ гуна тасаллие вуҷуд надорад.
164 «в». Тақрир – дар ин ҷо ба маънои муқарраршуда, пешакӣ муъайянгардида, яъне тақдир ва қазову қадар.
164 «г». Мунаббеҳ – огоҳкунанда, ҳушёркунанда, танбеҳдиҳанда.
165. Музаҷҷир – хабаркунанда, тарсонанда.
165 «а». Чашм дӯхтан – дар ин ҷо ба маънии умедвор шудан.
165 «б». Танидан – дар ин ҷо ба маънии густурдан, паҳн кардан.
165 «в». Ин гул – киноя аз ҳастӣ, ҳаёт, зиндагӣ.
165 «г». Кафан чеҳра кушуд – дар ҳошияи «Руқаъот»-и нашри Лакҳнав (Куллиёти Бедил, Лакҳнав, 1287, саҳ.109) байти дуввуми ин рубоъӣ чунин шарҳ дода шудааст: Чанд рӯз гарди омадшуди дам тапидан меорост, чун оинаи рӯҳ аз ин гард соф шуд, яъне омаду рафти дам мавқуф гардид, шахс бимурд ва қобили пӯшидани кафан гардид. Валлоҳу аълам».
165 «ғ». Ба таҳияи оини убудият – бо итоъат ба шеваи бандагӣ.
165 «д». Махмаса – ғами азими изтиробомез.
166. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
166 «а». Оина медамад зи саропои ман ҳанӯз – ин ғазал дар девони Бедил иборат аз 14 байт аст.
167. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
167 «а». Марҳаматшинос – ба қадри меҳрубонӣ расанда, сипосгузор.
167 «б». Ин атияро – яъне висолро.
168. Оқилхон – Оқилхони Розӣ.
168 «а». Бемиқдорӣ – беқадрӣ.
169. Ҳақорат – дар ин ҷо ба маънии ҳақирӣ ва нотавонӣ.
169 «а». Бенишон ҳусне ки дарси ҷилва мехонад зи ман – яъне бенишон ҳусне ки ба воситаи ман арзи зуҳур мекунад. Ин ғазал дар девони шоъир иборат аз 13 байт аст.
169 «б». Сабӯҳӣ – шаробе ки дар саҳар нӯшанд.
170 Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
171. Абёти маъзаратвидоъ – ишора ба абёти худи Бедил, ки мавриди қабул ва писанди Шукруллоҳхон афтодаанд.
172. Маъҷун – чизи аз чанд модда таркибёфта. Дар ин ҷо ба маънои доруи таркибии фараҳбахш.
173. Ранҷак – намуди дигари доруи фараҳбахш.
174. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ. Хонихонон – яке аз амирони дарборҳои Аврангзеб (1658-1707) ва Шоҳиъолам Баҳодуршоҳ (1707-1712). Номи аслиаш Мунъимхон аст. Дар ҷанги байни писарони Аврангзеб – Муъаззам ва Аъзамшоҳ аз ҷонибдорони Муъаззам буд. Баъди бар тахт нишастани Муъаззам мансаби ҳафтҳазорӣ ва хитоби Хонихононбаҳодури Зафарҷанг гирифта, вазири аъзам шуд. Вафоташ соли 1123 (1711-1712) иттифоқ афтод.
Қобили қайд аст, ки шеъре ки Бедил дар таърихи фатҳи Мунъимхони Хонихонон гуфта будааст, дар куллиёти осори ӯ ба назар намерасад. Шояд, худи шоъир, ба хотири Шукруллоҳхон, онро дохили Куллиёт накарда бошад.
175. Подшоҳи динпаноҳ – Аврангзеби Оламгир.
176. Наввоб Зафарҷанг – яъне Мунъимхони Хонихонон.
176 «а». Баҳонаҷӯй – дар ин ҷо ба маънои талабгор, хоҳон. Баҳонаҷӯи тақриб – хоҳони муносабат, хоҳони мавриде.
176 «б». Наввоб – амир, ҳоким. Ишора ба сӯи Зафарҷанг. Мустатоб – шахси писандида – ин ҷо низ ишора ба сӯи Зафарҷанг.
177. Бадри мунир – яке лақабҳои Аврангзеб.

178. Дакан – кишвари Дакан, ки дар ҷануби Ҳиндустон воқеъ аст.
179. Беҷопур – яке аз шоҳигариҳои Дакан, ки то замони Аврангзеб мамлакати мустақил ба шумор мерафт.
180. Искандар – подшоҳи Беҷопур.
181. Гулканда – шоҳигарии дигаре дар Дакан.
182. Қутбулмулк – подшоҳи Гулканда.
183. Ҷамшеди нусрат – моддаи таърих аст, ки ба соли 1097 (1685-1686) баробар мебошад.
184. «Аъзами матлуб» ва «Фатҳи подшоҳи номвар» - ин ду таъбир низ моддаҳои таърихանд, ки ҳар кадоме ба санаи 1098 (1686-1687) баробар мебошанд.
185. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
185 «а». Ин тоифа – яъне урафо ва кумало.
185 «б». Сародиқ – парда, саропарда.
185 «в». Нафоз – ҷорӣ шудани ҳукм ё фармон.
186. Мирзо Ибодуллоҳ – нигар ба тавзеҳи №88.
186 «а». Номасиёҳӣ: номасиёҳ – шахсе ки бо сабаби гунаҳгорӣ номаи аъмолаш сиёҳ аст, киноя аз гунаҳгор ва бадъамал. Мусаввадаи аҳвол – мактубе ки дар он аз аҳволи хеш хабар диҳанд.
186 «б». Аз мутолаъаи саъодат маҳрумист – яъне аз саъодати мушоҳадаи шумо маҳрум аст.
186 «в». Изтирорӣ – бечорагӣ ва ноъилоҷӣ.
186 «г». Мадди интизор – дарозии интизор, интизори тӯлонӣ. Мижгонӣ намудан – ба монанди мижгон кӯтаҳ шудан.
186 «ғ». Восӯхтагиҳои шуълаи афкор ва нафассӯзиҳои чароғи андеша – ишора ба ашъори худи Бедил.
186 «д». Имтисол – фармон бурдан, фармон баҷой овардан.
187. Тури маърифат – нигар ба тавзеҳи №138.
187 «а». Воридот – ашъор.
187 «б». Нусхаи шафқат ва маҷмӯъаи макрамат – ишора ба адресати нома.
188. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст.
189. Аъзоф – ҷамъи зеъф. Зеъф ба маънои дучандон.
189 «а». Умре ба фунуни назм – яъне умре туро бо назму наср сутудам.
189 «б». Ҷумҳури аном – аксари мардум.
190. Маносиби ҳукумати Майвот – ин таъбир ва дигар таъбирҳои ин мактуб, ки бо вергул аз якдигар ҷудо шудаанд, моддаҳои таърихանд, ки ба санаи 1114 (1702-1703) баробар мебошанд. Пас ин нома ба номи Шукруллоҳхони Сонӣ мебошад ва санаи 1114 таърихи ҳокими Майвот таъин шудани ӯст.
191. Ба пешгоҳи караминтисоб – ин фикра ва фикраҳои дигар моддаҳои таърихանд, ки низ ба санаи 1114 баробар мебошанд. Ин таърихҳо, зоҳиран, таърихҳои ҳокими Лоҳур таъин шудан Караммулоҳхон мебошанд, зеро ӯ аз соли 1114 (1702-1703) то охири умр, яъне то соли 1124 (1712) ҳокими Лоҳур буд.

*Давом дорад.*

*Мирзо Абдулқодири БЕДИЛ*

# Р У Қ А Ъ О Т[2]

101. БА ЭЗИДБАХШИ РАСО[192]

*Шахси нисён шикваcанҷи ғафлати аҳбоб нест,*
*То фаромӯшӣ ба хотирҳост, дар ёдем мо.*

Ғубори афсурдаро то насиме ба ҳаракат наёрад, парафшонӣ дар андешааш роҳ надорад. Бедили маъзурро то мактуби мушфиқе оинадорӣ нанамояд,[192а] бар ғафлатҳои дурӣ чашми ибрат намекушояд.

Абёт:

*Бо камоли иттиҳод аз васл маҳҷурем мо,*
*Ҳамчу соғар май ба лаб доремy махмурем мо.*
*Баҳр дар оғӯшу мавҷи мо ҳамон маҳви канор,*
*Кори мо бо ишқи бепарвост, маъзурем мо.*

Ба имдоди огоҳӣ мададфармои ҳуши бехудон бошанд ва ба тақвияти иъонате ғубори бехабарон аз замини ҷомидият[193] берун пошанд. Пайваста муштоқ аст, муштоқ тасаввур намоянд ва ҳамвора орзуманд аст, орзуманди яқин фармоянд.

102. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР ТАЪЗИЯТИ САБИЙЙАИ[194] ЭШОН

*Ба туфонгоҳи ошӯби ҳаводис*
*Намедонем, моро чист боъис?*
*Ҳубобему сафои синае нест,*
*Нафас гар мекашем, оинае нест.*

Агар фиреби ҳастӣ ғубори роҳи биниш намебуд, адамияти ҳеҷ шай ниқоби таваҳҳум намекушуд ва агар афсуни улфат силсилаи таъаллуқ намеорост, табиъат дар андешаи гусастан бар худ намекост. Абёти мубтазали[194а] девони имкон, ки ҷуз ҳаёту мамоти эътиборӣ[194б] қофия надорад, мазмунест пешипоафтода ва шишаҳои хумистони зуҳур, ки ғайр аз ҳайрат шаробе ба арз намеорад, ҳубобест шикастомада. Чӣ нигорад, ки ба он асрорфаҳми маънии вуҷуду адам макшуф набошад? Агар саъйи мо оҷизон коре мекард, эътироф бар бандагӣ, ки камоли аҷз аст, наменамудем ва агар кӯшиши мо нотавонон ба ҷое мерасид, ғайр аз таслим даре дигар ҳам мекушудем. Соя ба ҳукми қудрат[194в] дар даъвии офтобӣ тақсире надошт ва хок ба муқтазои ихтиёр[194г] чаро ъалами офтобӣ намеафрошт? Ҳарчанд қалақу[195] изтироб беихтиёрист, ба такаллуф низ дар забти худ бояд кӯшид, то силсилаи вазъи

---

[2] Давомаш, аввалаш дар шумораҳои гузашта.

ризо барҳам нахурад ва сарриштаи таслим, ки нисбати қабули ҳазрати улуҳият вобастаи он аст, аз даст наравад. Ҷамъиятбахши дилҳо ба атияи сабр, ки ҳусули саъодати суварию маънавист, мушарраф гардонод ва забони ҳамду сано, ки далели маърифати ҳақиқат аст, каромат кунод.

103. БА ШАЙХ ҒУЛОМ МУҲИДДИН[196]

Бемазагиҳои турушии айём ташвиши авқоти он шакаристони ҳаловат мабод. Ирсоли анбаҳои мунтахаб, ки ҳар як аз лаззате сарбаста навиди завқе тамом дошт, талхкомони зовияи бедилиро дил то забон ба чошниҳои ҳусули шакар анбошт. Комравои ҳақиқӣ ба нахлистони вусули ҷамъият расонод ва аз самароти ҳадиқаи васл ширинкоми неъмати ҷовид гардонод.

104. ҶАВОБИ МАЪЗАРАТНОМАИ МИРРАЗИИ ВАҲДАТ ВА ШУКРИ ИРСОЛИ ҲУҚҚА[197]

Андешаи суҳбату рухсат,[197а] ки маънии нусхаи ғайриэҷодист, аз хотири ваҳдатманозир муртафаъ бод.[197б] Ҳар гоҳ иқтизои иттифоқи суҳбатҳо ниқоб аз рӯи вуқӯъ мекушояд, қадами муҳиббон дар дидаҳо мардумӣ менамояд. То хоҳиши видоъ майли фароҳам овардани мижгон[197в] намудааст, оинахонаи дилҳо оғӯши мушоҳадаи ҳақиқат кушуда.[197г] Агар ҳозиранд, дида ба дидор равшан ва агар ба ғайб пардохтанд, андеша ба тасаввур гулшан. Дар ин сурат,[197ғ] агар пои узре дар миён ояд,[197д] занги оинаи русум мезудояд.[197ж] Дар ҳама ҳол бедилонро аз ин олам бехабар бояд фаҳмид ва инони тахайюл аз водии ин таваҳҳум[197з] маътуф бояд гардонид. Ҳуққаҳои таҳоиф ба қулқулхамӯшӣ[197и] миноӣ кардаанд ва паёми дамкашиҳо[197й] бе соз илтифот оварда. Ба имдоди нафасҳои гарм ҳаётбахши дӯстон бошанд.

105. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[198] ВА ШОКИРХОН

Дар арзи маротиби ниёзи он ду муттаҳид фарқу иснайният[198а] андешидан хиҷолати фаҳми яктоист ва дар сайри гулшани вифоқи эшон ғайри якрангӣ ба рӯи кор овардан инфиъоли аҳвалию раъноӣ. Қитъаи «Муҳити аъзам»,[198б] ки ба тозагӣ чеҳракушост, узри тақсири безабониҳо хоҳад хост.

Маснавӣ:

*Биё, соқӣ, эй офтоби яқин,*
*Таҷаррудбаёни китоби яқин,*
*Ки моро ба ҷавлонгаҳи эътибор*
*Нишондаст афсурдагӣ дар ғубор.*
*Сабукрӯҳие гар шавад шамъи роҳ,*
*Фалаксайрӣ осонтар аст аз нигоҳ.*
*Ҷаҳоне шуд аз норасоӣ ҳалок,*
*Фалак буд, гар бол медошт хок.*

106. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[199]

*Рӯзи васлат бояд аз шарм об гардидан, ки мо*
*Дар фироқат зиндагӣ кардему ҷоне доштем.*

Шерозбанди нусхаи зуҳур беш аз ин ба тафриқаи аҷзои бедилон розӣ мабод. Мутатаббеъи афкори гавҳарнисор[200] ду байт ба таҳрири ниёз меорад ва аз мутолаъаи ислоҳоро таваққуъи пирояи қабул дорад.

*Кардаам сармашқи ҳайрат сарви мавзуни туро,*
*Нола мехонам баландиҳои мазмуни туро.*
*Ҳар чӣ мебинам, суроғе аз хаёлат медиҳад,*
*Ҳар ду олам як сари зонуст Маҷнуни туро.*[200а]

107. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[201]

Аз мутолаъаи аҳволи маънихидматон, ки ба сурат саропо тақсиранд, ғофил набошанд. Муфовазаи[202] иноятмазмун баъд аз интизории мадид мадади нуре ба чашми орзу бахшид. Такрори ин ҷинс иноёт аз ҳасри таъдод[202а] берун бод. Ғайр аз ҳасрати дидор, ҳар чӣ маъруз дорад, такаллуф аст ва он чӣ ба нигориш орад, тасарруф. Ба арзи ин ду байт нуктае ба рақам менамояд ва ниқобе аз рӯи ихлоси яқин мекушояд.

Маснавӣ:

*Ба паймони нозат,*[202б] *ки ранги ман аст,*
*Ба оҳанги созат, ки чанги ман аст.*
*Ба ту, к-аз манӣ, ҷустуҷӯҳо талаф,*
*Ба ман, к-аз туам, гуфтугӯ бартараф.*

Намояндаи асрори ҳақиқати дидори оликаромат кунод ва ба шуҳуди давом восил гардонод.

108. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР АРЗИ АНҶОМИ НУСХАИ «ТУРИ МАЪРИФАТ»[203]

Ниёзе, ки дар маъбади андеша бо маънии таслим месохт, имрӯз дар сурати хат ҷабҳасост ва дуъое, ки дар пардаи нафас ҳасрати тапидан мекашид, ба кисвати нома болкушо. Обилапоёни водии мақсудро кайфияти талаб ҳам паймонаи ҷамъияти висол аст ва оҷизнигоҳони маҳфили шуҳудро хаёли давлати дидор низ оинадори ҳузури ҷамол.

Қитъа:

*То ҳузури васли ту дар дидаи муштоқ буд,*
*Дил фароғе дошт аз равшанбаёниҳои хат.*

*Ин замон, к-аз гулшани дидор дур афтодаем,*
*Меравем аз худ ба дӯши нотавониҳои хат.*

Маънинавозо, «Тури маърифат» аз ҳуҷуми дидаи интизор сомони як олам чароғон аст ва ба ҳавои нисори он Калими айманҳақиқат[204] сад ҳазор гавҳари маънӣ ба домон. Лилаҳилҳамд, таваҷҷуҳи зоти маъниоёт дар он самт[205] яди байзое накушуда ва асои қудрате нанамуда, ки он оли Фиръавн, яъне зумраи тоғиёне, ки ғарқаи Нили идборанд, то қиёмат сар аз оби теғ бароранд. Дар ин вақт орзуи бетоб ҳавопарасти ин таманност, ки робити аҷзои тафриқаи имкон[205а] авроқи интизори бедилонро баргардонад ва дидаи муштоқро ҳамчашми нақши по ба мутолаъаи қадамбӯс расонад.

Қитъа:

*Хостам, матлабе кунам иншо,*
*То нафас гул кунад, дуъои ту буд.*
*Шуд яқинам кунун ки сафҳаи дил*
*Нусхаи маънии санои ту буд.*

## 109. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР УЗРИ АҲВОЛИ ШОҲ ЗАЙНУЛЪОБИДИН[206]

Василаи маротиби аҷзе, ки ҳасратгузини таслимоин дар адои он ногузир аст ва ниёзкамин хомаи ҷабин дар арзи он беихтиёри таҳрир, ду байти ҳолист,[206а] ки ба майманати мутолаъаи файёз нашъаи қабуле ба ҳам расонад ва кисвати ғубори хутут ба абири роиҳаи таҳсин муъаттар гардонад.

Қитъа:

*Чӣ созам, то тавонам рехт ранги саҷда дар кӯяш?*
*Сари афтодае дорам, ки пешонист зонуяш.*
*Баҳоролудаи ранги таманнояш диле дорам,*
*Ки гар сайри гуле дар хотир афтад, мекунам бӯяш.*

Файзрасоно, ҳар чӣ дар боби шоҳ Зайнулъобидин ва ғайри он, ки амсоли мо беҳосилони мазраъи эҷоданд,[206б] аз олами ахлоқ ба зуҳур пайваставу мепайвандад, ғайр аз осори раъфати ҳақиқӣ нест. Аҷри вуқӯъи ин мароҳим аз ҳақ ба ҳақ хоҳад буд.

Ҳангоми таҳрири ниёзнома рубоъие аз пардаи ғайб эҳроми рақамкадаи шуҳуд баст ва ба муқтазои муносибати мақом дар силки ҳақоиқи маъруз пайваст.

*Ифрот ҳақиқат асту аъён тафрит,*
*Ин ҷумла мурккаб, он ҳама файзи басит.*[206в]
*Камзарфии мо файзи туро монеъ нест,*
*Гар қатра бувад қатра, муҳит аст муҳит.*

## 110. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, АЗ ҶОНИБИ МИРЗО МУҲАММАДБАҚО[207]

*Ид омада, то дари тараб бикшояд,*
*Дар соғари моҳ бодаҳо паймояд.*
*Ё Раб, ба дуъои бедилон то дами сур*
*Чун нури ҳилол равнақат афзояд.*

Офаринандаи нақши камоли моҳу ҳилол бе шоибаи[207а] нуқсону завол партави он зоти хуршедоёт бар фарқи ҳилолнисбатони заррамиқдор тобанда дород ва ҷабҳаи ихлоси ҳавохоҳонро ба таслимоти муборакбод чун ҳилоли ид оинадори камол кардонод.

## 111. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[208]

Арзи асрори убудият, ки то нафас боқист, ҳар оне ба ранге ҷилвагар аст ва то рамақе аз зиндагист, ба таҷдиди аҷз ҳамон ниёзгустар. Филҳол абёте, ки тозагияш бӯе аз олами таҳқиқ дорад ва махмури шавқаш соғари сархушиҳои ҳол мепиндорад, ба ҳавои борёбии маҳфили қабул арза медиҳад. Иқболоҳанги мутолаъаи маънинавоз бод.

Маснавӣ:

*Шаб аз офият даври ҷомам расид,*
*Зи авзоъи мастон паёмам расид,*
*Ки ҳар ҷо ба мизробии куфру дин*
*Мухолиф навозад гумону яқин,*
*Найи гардани шиша дар даст гир,*
*Навоҳои ваҳми ҷаҳон паст гир.*
*В-агар шамъи имкон хамӯшӣ кунад,*
*Ҷаҳон ҷумла зулматфурӯшӣ кунад,*
*Найе соз кун нури ҷовид бош,*
*Қадаҳ гир дар дасту хуршед бош.*

Рубоъӣ:

*Ҳарчанд ба хок сайри ҳастӣ кардем,*
*Мапсанд, ба аҷз пешдастӣ кардем.*
*Аз мо бартар набуд ҷое дигар,*
*Ночор назар ба сӯи пастӣ кардем.*

Ҳарчанд замингириҳои вазъи интизор дар ҳусули давлати дидор сабаб аст, аммо ба нисбати ҳоли бедилон инҳирофи ҷодаи шарм асту хилофи қоидаи адаб.

Қитъа:

*Ҳайратқафасам, ку асари аҷзу расоӣ?*
*Маҷбури адабро чӣ висолу чӣ ҷудоӣ?*
*Оинаи таслиму фузулӣ? Чӣ хаёл аст?*
*Ранге нанамоям, ки ту онро нанамоӣ.*

Саъодати қадамбӯс, ки меъроҷи ҷабини ихлос аст, насиби ниёзмандон бод.

112. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[209]

Ҳарчанд саропои хайрандеш ошёни саної бериёст ва ба васотати ароизи[209а] дигарон дар ҳар сафҳа нуқтаворе ҷабҳасо, аммо килки ниёзсилк сарнигуниҳои хиҷолати бекорӣ мекашид ва ба сарири бенавоӣ найистонҳои нола дар пардаи хаёл медамонид. Ба ҳукми беихтиёриҳо гармоҳанги маъзурӣ гардид, то сафири дуъое баланд созад ва гардани таслиме ба арзи ин рубоъӣ барафрозад.

*Ё Раб, зи ниҳоли зоти он файзи нигоҳ*
*Нусрат болад ба рашҳаи фазлуллоҳ.*
*В-аз ҷабҳаи лаънатрақами бадхоҳон*
*Чун оташи афсурда дамад бахти сиёҳ.*

Ва илло сармояи дигар, ки дархури қабули он ҷаноб тавонад буд, кирост? ё бизоъате, ки аз паҳлуи он дӯкони миқдоре тавонад кушуд, куҷо?

Байт: *Инфиъолам об кард, аз нокасиҳоям мапурс,*
*Хок мекардам ба роҳат, гар саре медоштам.*

Ба нисбати таҳоифи авом имтиёзи дуъои фуқароро дар ҳазрати карим далелест ғариб. Бо он ки дуъоҳоро ороиши нафасе беш нест, чун нафас асли истеъдоди доъист,[210] дар маънӣ худро ба арзи нисор меорад, аз ин ҷост ки карим назари илтифот бар ҳоли дарвеш бештар мегуморад.

Фард:
*Қиммати васлаш надорад дастгоҳи коинот,*
*Нақди мо ҳеҷ аст, шояд ҳам ба мо савдо кунад.*

Муҳити олами иқбол мавворҷи фирӯзии ҷовид бод.

113. ДАР ТАЪЗИЯТИ МИР МУҲАММАДФОЗИЛ, БА МИРЗО ФАЗОИЛ[211] ХАЛАФИ ЭШОН

*То назар бар чамани вазъи ҷаҳон во кардем,*
*Ситаме буд, ки бар дидаи бино кардем.*
*На суман бӯи бақо дошт, на гул ранги вафо,*
*Ибратолуда ба ҳар ранг назарҳо кардем.*
*Он чӣ бедории мо доми назар мефаҳмид,*
*Ҳайрате буд, ки дар хоб тамошо кардем.*

Чордевори аносири эътибор тилисмест бебуд[211а] ва чорсӯи анҷумани гирудор тахайюле холӣ аз матоъи намуд. На бар бинои ин тилисм чун гирдбод эътимози мадоре ва на дар шикасти ин девор чун ранг пояи ихтиёре. Агар нури тааммул оинапардози[211б] дидаи огоҳӣ гардад, зарра то офтоб боли парвози ибрат аст ва қатра то муҳит гарди ҷавлони ваҳшат. Субҳ, то нафас мезанад, ғубори ҳастӣ ба бод додааст ва шуъла, то қомат рост мекунад, ба фикри хокистарнишинӣ афтода. Фонуси осмонҳо аз дуди чароғони ахтар нилист ва оинаи саҳоб аз нафаси сӯхтаи барқҳои ҷаста чеҳрапардози асарҳои силӣ. Сухан, ниқоби лаб нашикофта, ҷавҳари оинаи ҳавост ва нафас, аз пардаи дил саре накашида, каманди кунгураи фано.

Қитъа:
*Хонаи найранги ҳастӣ ҳасратасбоб асту бас,*
*Равзани бому дар аз хамёза мебандад камон.*
*Суди бозори тамошо гарди ваҳме беш нест,*
*Гар матоъ ин аст, гӯ, оина барчинад дукон.*[211в]

Дар мактаби имтиёзи мо ҳарфи марқум мотамиест сиёҳпӯш ва дар дабистони таҳқиқи мо сатри мактуб шаҳиде кафан дар оғӯш. Кисвати зангории оина шоҳиди маъдумии ҷилваҳост ва вазъи синачокии шона гувоҳи бод бурдани турраҳои дуто. На ин ҷо ҳусн бар бистари ноз метавонад осуд ва на ишқ дӯкони ҷамъияти доғ метавонад кушуд.

Фард:
*Зиндагӣ шубҳаи ҳастист, ки монанди ҳубоб*
*Ҳар кӣ ҳаст, оинае пеши нафас мегирад.*[211г]

Ҳаворо, пеш аз шикасти ранг, сар аз ҷайби беранғӣ баровардан ва заминро, қабл аз парафшонии ғубор, ҳамон хок бар сар кардан. Шамъ, то назар мекушояд, чашм бар сафар равшан кардааст ва мавҷ, то сар бармеорад, ҷодаи рафтан ба арз оварда. Саҳро аз гирдбод дар печутоби доман барчидан ва кӯҳ аз садо дар изтироби фикри хиромидан. Осмон аз субҳ ғуборе оворагихирман ва муҳит аз соҳил оғӯше нестипероман. Дар ин баҳор забони ҳар барг ба иборати ранг дарси ваҳшате мехонад ва дили ҳар ғунча ба мазмуни бӯ авроҳи нафас мегардонад. Агар чаман аст, аз ҷодари абраш либоси мотамиён пӯшидан аст ва агар анҷуман, аз шуълаи шамъаш ба каманди оҳ печидан.

Абёт:
*Ранге аз ишрат надорад навбаҳори боғи даҳр,*
*З-ин чаман бояд чу шабнам чашми тар бардоштан.*
*Чашм то во кардаем, аз хеш берун рафтаем,*
*Шуълаи моро қадам будаст сар бардоштан.*

Маъниогоҳо, дар таҳрири воқеъаи фурӯғи анҷумани саъодат, обрӯи оинаи саёдат, оромгузини сояи нахли раҳмат, роҳатандӯзи ботини дарёи мағрифат, мирсоҳиби қудсихосият чӣ пардозад, ки аз тӯфонкории ашки хомаҳо коғаз чун пардаи чашми ҳубоб дарёест ва аз печутоби тоқат ба бод додани номаҳо сатри мактуб ба ранги гирдбод саҳрое. Дили надоматманзил аз ҳуҷуми доғ бар ҳалқаи доме натанида, ки бе сӯхтани бунёди ҳастӣ боли нафасе тавон кушуд ва дидаи ибратрасида аз мавҷи ашк ба гирдобе наяфтода, ки ҷуз даст аз саломат шустан мижгоне баланд тавон намуд. Аз замири аламтаъсири мухлисон роҳе ба ботини улфатмавотин тавон бурд, ки дар муҳоҷарати он офтоби сипеҳри ахлоқ чӣ қадар ғубори кудурат шомнамои уфуқи сомитабъ[212] гардида бошад ва аз муфорақати он гавҳари муҳити ишфоқ чӣ миқдор уқда ба риштаи ҷамъияти гиромиавқот печида. Пайдост, ки аз рафтани дил ҷуз дида сомони ашк кӣ метавонад андӯхт? ва аз видоъи субҳ беш аз офтоб чароғи доғ кӣ метавонад афрӯхт?

Абёт:

*Аз ниҳон гаштани шахс оина мебозад ранг,*
*Баҳр гар хушк шавад, оби гуҳар месӯзад.*[212а]
*Хуни улфат чӣ қадар гармии ваҳдат дорад,*
*Ҳар куҷо доғ шавад чашм, ҷигар месӯзад.*

Агар дар талқини сабр ба он асрорфаҳми маънифазоил забони изҳор кушояд, офтобро аз басотати[212б] анвори ӯ хабар кардан аст ва агар дар дарси шикебоӣ ба он румузандеши нусхаи ҳақоиқ муболаға намояд,[212в] касрати амвоҷ ба арзи дарё овардан. Аз оинаи аҳли шуҳуд муҳтаҷиб нест, ки зиндагии бесаромада, чун насим, дар гузаштан ночор аст ва паймонаи пуршуда, чун ашк, дар чакидан беихтиёр, Болафшонии ваҳшати субҳро ба дастгоҳи нафас роми улфат наметавон гардонид ва бепарвохиромии селро ба саъйи амвоҷ дар занҷир наметавон кашид. Девори беасоси таъаллуқи ҷисмонӣ то чанд ҳоили[212г] селоби фано хоҳад буд? ва ғубори бетамкини водии имконӣ то куҷо манъи ҷавлони ҳақиқат тавонад намуд?

Фард:

*Аз нафас чун субҳ натвон бахя зад дар ғайби умр,*
*Равзани ин хона, Бедил, то куҷо гирад ғубор?*

Гирифтам, ҳуҷуми ғубор домест нафасгир, аммо дар нафасӯхтагиҳои саъйи ғубор чӣ тадбир? Садоқаткешони олами таҳқиқ дар доми ин ғубор, чун субҳ, нафасе рост менамоянд ва азхудтиҳишудагони дарёи яқин дар иҳотаи ин девор чашми тааммул мекушоянд.

Қитъа:

*Нест дар гулшани асбоби ҷаҳон ранги сабот,*
*Ҳама аз дидаи мо ҳамчу назар мегузарад.*
*Чун нафас хонапарастему надорем ором,*
*Умри осудагии мо ба сафар мегузарад.*

Дарёдилоне, ки аз кисвати моият[213] ҳубобвор берун омадаанд, ҷуз ба яктоии муҳит оғӯш накушодаанд ва олиҳимматоне, ки аз олами рангу бӯ шабнамвор парвоз намудаанд, беруни хонаи хуршед ошён наниҳода.

Фард:

*Кӣ медонад, куҷо рафтанд гулчинони дидораш?*
*Ҳам аз хуршед мебояд суроғи соя пурсидан.*

Фанои суварии ин тоифа[213а] заволи маънии эшон нест. Агар тимсоли эътиборӣ[214] нақди таҷаллӣ бохта бошад, шахси ҳақиқӣ ранги адам намегирад ва агар либоси оризӣ ба дастандози[214а] фусурдагӣ маҳв гардад, пайкари аслӣ халал намепазирад. Сафои гавҳари арвоҳ дар шикасти садафи ҷисмонист ва камоли ҷавҳари анвор дар рафъи аърози[215] зулмонӣ.

Фард: *Дар ғубори ҷисм дилро нест ранги эътибор,*
*Хок бар сар кардааст оинаи мо з-ин ғубор.*

Ҳарчанд нусхаи дил, ба ҳукми беихтиёрӣ, ҷуз парешонӣ рабте надорад, ғунчаворе ба тааммули хаёли беранги шероза бояд намуд ва китоби дида, бо он ки ғайр аз таҳайюр чизе ба мутолаъа намеорад, як гул ба ҳавои гулшани ҷовидонӣ бояд кушуд. Шерозабанди маҷмӯъаи дилҳо бар тариқи сабри мустақим дород ва бе ғубори ҷодаи ташвиш ба сарманзили камоли ҷамъият расонод.

## 114. ҶАВОБИ ҚИТЪАИ ШУКРУЛЛОҲХОН,[216] КИ ДАР МУНОСАБАТИ ЧАШМУ ДИЛ НАВИШТА БУДАНД

Ба нафйи истиъороти олами иртисом,[217] ки ниёзиттисофи[218] убудиятмақом аст, дар исботи камоли қитъаи «Чашму дил», ки қитъае[218а] аз биҳишти яктоӣ дар олами хаёл ҷилва намуда ва ба ранги ғунчаву гул аз оғӯши ҳақиқат дари иттиҳоди маънӣ кушуда, магар андалеби ҳайратнавои хома ба ин замзама сарояд, то аз хиҷлати безабониҳо барояд.

Қитъа:

*Ба чашми дил хати райҳонсаводе кард мижгонӣ,*
*Ки чун мижгон ба бӯяш яққалам оғӯш гардидам.*
*Таҳайюр муждаи ҳусни баҳоре дод, к-аз шавқаш*
*Чу ашк, аз дида то домони дил оинаҳо чидам.*
*Дили ваҳшӣ зи ҷӯши лафзу маънӣ дошт печишҳо,*
*Ба он шӯхӣ, ки ман ҳам чун нафас бар хеш печидам.*
*Кадомин чашму ку дил? Аз тамошо нестам ғофил,*
*Шарору шуъла бо ҳам мавҷ мезад, он чӣ ман дидам.*

*Тавофи бехудӣ кардам, ба пои дида афтодам,*
*Суҷуди ҳайрате бурдам, дари дил низ бӯсидам.*
*Зи дарси дидаву дил аз мани Бедил чӣ мепурсӣ?*
*Саропо ҳайратам, ҳайрат, намедонам чӣ фаҳмидам?*

Рангиниҳои баҳори лафзу маънӣ сармашқи чамантабъони буигулкалом бод.

115. БА ШУКРУЛЛОҲХОН ДАР АРЗИ НАҚОҲАТИ[219] ХУД

Дар олами таслим даъвии арзи одоб холӣ аз шеваҳои беадабӣ нест. Аммо ба вазъи ҷабинсоии килки ниёзсилк сурати аҳвол, ки макшуфи миръоти ҳақиқатшуҳуд аст, маъруз медорад. Дар ин айём ба мувозабати ақсоми танқияву табрид[220] табиъати заъфтинат асари қуввате вокашида ва иштиъоли ҳароратҳо моили итфо[220а] гардида. Магар шуълаи орзуи дидор, ки ҳамчунон мутасоъид асту ба уруҷи маротиба шавқ мустаъид.[220б] Пас аз тақия, ки шояд, ҳаво рашҳаи абре ба рӯи кор орад ва аз оташпораҳои ғубори роҳ ваҳшати сипандӣ бардорад, ҳавохоҳи ҳақиқӣ муҳайёи истисъоди[221] давлати мулозамат ва мунтазири салои хони марҳамат хоҳад буд.

Агар аз гармиҳои ҳавои ин сарзамин ба арзи нигориш пардозад, бе таҳрики хома лафз бар сафҳа мегудозад ва аз мартабаи сатр мегузарад ва агар аз тундиҳои сарсари ин навоҳ шаммае бартарозад, чӣ эҳтиёҷи ирсоли нома, ки қосидро низ бод мебарад.

Халлоқи кайфиёти аносир мушти хоки бедилонро аз осеби оташу боди тафриқа эмин гардонод ва чун об, дар қадами тӯбисириштони хулди ҷамъият расонод.

116. БА ШОКИРХОН

Оинаи таслим лабрези тимсоли суҷуд ва сафҳаи орзу манқуши асрори шуҳуд. Чашмбохтаи тасаввури дидорем, то иқтизои иқболи огоҳӣ чӣ вақт аз доми интизор барорад? ва сипарандохтаи вазъи замингирием, то салои дасти карам кай аз хок бардорад? Бо вуҷуди гармҷӯшиҳои як олам ошно, суҳбат афсурдаи яъси танҳоист ва бо шӯрангезиҳои ҳазор анҷуман зеру бам, сози муддаъо пардадори ҳайратнавоӣ.

Қитъа:

*Ҷуғди вайронаи хаёли худем,*
*Парфишон, лек зери боли худем.*
*Ғайри мо кист, ҳарфи мо шунавад?*
*Гуфтугӯи забони лоли худем.*
*Дурӣ аз худ қиёмат аст ин ҷо,*
*Бе ту заҳматкаши хаёли худем.*

Ё Раб, кай хумори хаёл соғари шуҳуд гирад? ва зангори дурӣ бо сафои оинаи қурб табдил пазирад?

117. ҶАВОБИ МАКТУБИ МИРЗО МУҲАММАДНАЪИМ[222]

Маънинисбатоне, ки тариқаи ахлоқу ишфоқ ғоибона маръӣ доштаанду[223] медоранд ва маротиби илтифоту утуфат[223а] бе воситаи дид ба ҷо овардаанду меоранд, асрори «юъминуна билғайби»[224] муҳаққақи зоти ҳақоиқоёти эшон фаҳмидан аст ва ҳузури таҷаллии зотӣ мунҳасири нигоҳи таназзуҳшуҳуди онҳо андешидан. Фазли ҳақиқӣ дар анҷумани осори дид ҷои оина айнакашон ато фармудааст, то тафовути пушту рӯ ҳоили[224а] идроки ҳақиқатнамо написандад ва таваҳҳуми ғубори фарқу иснайният ба муқобалаи тасаввури асрори яктоӣ напайвандад. Ёдовариҳои бедилон далели фаромӯшии Ҳақ мабод ва таваҷҷуҳ ба аҳволи фуқаро ғафлати ғании мутлақ мабинод.

118. БА ШОКИРХОН

Агар ҳасрати дидорро асои тоқат тасаввур нанамояд, мутаҳаййири коргоҳи бекорӣ ба кадом тамошо мижгон бардорад? ва агар саҷдаи ҳузуреро болини ҷамъият наяндешад, ҳавогири олами беҳосилӣ[224б] ба чӣ умед сар ба хок гузорад? Парвозҳо бабоддодаи ҳавоест ва замингириҳо шикастаболи таманно, ки ҷаҳди мустамандон бисмилоҳанги орзуи ӯст ва саъйи бедилон бахокхуфтаи ҷустуҷӯи ӯ.

Байт:

*Даступогумкардаи шавқи тамошои туам,*
*Афканад, ё Раб, сари афтода дар пои туам.*

119. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[224в]

Шумули фазли Эзиди мутаъол, иртифоъи маносиби ҷоҳу ҷалол, ободии мулку бараколи мол, ҳузури давому ишрати безавол, ҷамъияти руфақои фархундафол, маққурии[225] аъдои идбормаол, саломати ихвони майманатиштимол, дидори бархурдорони[225а] саъодатмисол, дуъои бедилони таслимиштиғол,[225б] ба зоти маъникамоли карамхисол хони соҳибиқбол муборак бод.

120. БА ШОКИРХОН

Қонуни[225в] авотифи бедилнавозӣ ба мизробии таваҷҷуҳоти бериё давомоҳанги ғулғулаи эҳсон бод. Ба нағамоти сози яктоӣ,[225г] ки навоҳои олами афкор бе ҳузури маҳфили дидор аз муқимони пардаи ҳайратнавоист ва рангҳои чаманистони хаёл бе тулӯъи субҳи висол аз парешонболони шикастаадоӣ. Ҳарчанд ба таҷдиди ниёзнома дар арзи ҳақиқати ихлос ғафлате варзида, аммо ба васотати макотиби қиблагоҳӣ[226] сутури пешонии эътиқод мукаррар ба арзи саҷда расонида. Чӣ нависад? ки шоҳиди тапишҳои дил тавонад буд ва чӣ нигорад? ки тӯмори изҳори таманно тавонад кушуд. Ғазале[227] ки дар

матлаъи он иноятнома фармудаанд, байте муносиби ҳоли ин ҳайратмаол дошт, ба ҳукми беихтиёрӣ бар сафҳаи ниёз нигошт.

Байт:

*Маҳви дидори киям? К-аз дурбоши ҷилвааш*
*Бар мижа ҳар қатра ашкам то чакидан доғ шуд.*

Футуҳоти азалӣ ҳамъинони мавкиби таваҷҷуҳ бод.

121. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[228] КИ ТАЪРИХЕ БАРОИ НАЗМ ФИРИСТОДА БУДАНД

Мазмуни кароматнома ба навозише, ки ҷуз дархурди бузургиҳои он ҷаноби караминтисоб натавонад буд, сарбаландии аҷзсириштони олами ниёз фармуд.

Байт:

*Ман аз мурувввати табъи карим фаҳмидам,*
*Ки об гаштани баҳр ин қадар зи шарми сахост.*

Ба ҳукми маъмурӣ, назми таърихи фатҳ, бо вуҷуди диққати баҳр, он чӣ мутобиқи қавофӣ афтод, бетакаллуфона рабте дод:

*Сархайли нарукаҳо Баҷиром[229]*
*Аз боди бурут пашт дар даст,*
*Бо ҳафт писар, ки ҳар кадомаш,*
*Чун кӯҳ, саре ба теғ мебаст,*
*Умре дар кӯҳсори Майвот*
*Мебуд, чу хирс, аз харӣ маст,*
*Бо лашкари хони осмонҷоҳ,[230]*
*Гардид тараф зи фитрати паст.*
*Яъне ба паноҳи қалъаву кӯҳ*
*Бар ҷанги мубориз он камар баст.*
*Отшзанаи[230а] баҳодурон хурд,*
*Чандон ки зи санг чун шарар ҷаст.*
*Бигрехт ба сад ҳазор ташвиш,*
*То аз дами теғи беамон раст.*
*Дар таърихаш муҳандиси фикр*
*Фармуд: «Дили нарука бишкаст».[231]*

122. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[232]

Ҳақиқати давоми фатҳу иқболе, ки аз олами ғайб шомили он зоти басиратсифот аст, ба тозагиҳои зуҳур муждарасони хуррамиҳову муборакиҳо бод.

Душмангудозо, навиди ин фатҳи намоён ҳар қадар, ки бар рӯи ҳосидони манкуб[233] роҳи идбору нолидан кушуд, дилҳои ҳавохоҳонро таълими шукуфтану болидан фармуд.

Байт: *Кадом дил, ки ҳавопарвари санои ту нест?*
*Зи дастҳои дуъо кун ҳисору нозон бош.*

Ҳарчанд дар ҳузуру ғайбат бизоъати фуқаро сари таслиму дасти дуъост, аммо дурии рикоби саъодатинтисоб,[233а] хоса дар ин қисм ҳангома, холӣ аз араќи инфиъоле нест.

Байт:

*Ҷабҳаи хиҷлате оростаем,*
*Узри хеш аз карамат хостаем.*

Футуҳоти зоҳирию ботинӣ ҳамрикоби мавкиби[233б] мансур бод.

123. БА МИЁН ЛАЪЛМУҲАММАД, ДАР ҲАҚИҚАТИ МУҲАММАДЪОШИҚИ ҲИММАТ[234]

Сармояи кисагоҳи ҳастӣ нақди анфосест бе таваққуф аз ганҷхонаи ғайби ҳувият мададфармои тангмоягони бозори вуҷуд ва бе ташвиши тараддуд ғанобахши бебизоъатони чорсӯи шуҳуд. Омаду рафти ӯ далелест бар он, ки ин нақд исорист, на андӯхтанӣ ва дарёфти маънии ин атия низ мавҳибист,[235] на омӯхтанӣ. Тоифае, ки аз нақби гиребони тааммул пай ба ҳақоиқи мавҷудот бурдаанд, ҷамеъи асбоби мавҳума аз натоиҷи талакории анфос шумурдаанд, яъне ҳар чӣ дар ин зиёнкада ба даст овардаанд, нафасе дар арзи он талаф кардаанд. Пас аз сомонбахшии ин калиди ғано ҳама бодбадастанд, аммо ғофил ва ба тақвияти ин саррииштаи футуҳ ҳама ҷигардоранд, аммо бедил.[235а] Хушо ҳоли дарёдилоне, ки мавҷи осори карам аз нақши ҷабинашон пайдост ва ҷавҳари кайфияти исор аз чини остини эшон ҷилвафармо.

Лиллаҳилҳамд, аз қонуни авотифи[236] он анҷумани каромат замзамае мутасоъид[237] аст, ки агар мухолифе ба каҷнағмагӣ сарояд, чун пайкари чанг норостӣ аз тинаташ сар бармеорад ва агар худсаре ба хориҷоҳангӣ майл намояд, чун балабон[238] заҳмати нафхаш меафшорад. Бенавое, ки чун найанбон, убуроҳанги он сарзамин[239] гардид, аз баландовозагиҳои дасти карам сомиъаро лабрези навиди истиғно гардонид ва бебарге, ки ба сайри саводи он навоҳ шитофт, аз шукуфтагиҳои ҷабини ахлоқ, босирaро дастабанди ҳазор ранг ҷамъият ёфт.

Хулосаи муддаъо интихобфурӯши ин маънист, ки чамантирози фитрат Муҳаммадъошиқи Ҳиммат ба илтифоти хони баҳодурлақаб[240] маҳмилорои як корвон таманно гардида, ноқаи умед аз Аҷмир ба Исломобод[241] кашид ва аз номусоъидатиҳои замони иқбол, ки аворизаш заъфи табиъати хони истиғнонишон[242] буд, вусули сарманзили мурод аз вуқӯъи аҳкоми муҳол шумурда, яъси матлабро

обрӯи сабру таваккул фаҳмид ва ба ҳукми бечорагӣ пои орзу ба домани бемуродӣ печид.

Дар ҳолате ки биёбонмаргии норасоӣ муборакбоди нокомӣ мегуфт, ба ҳидояти иштиҳори макорими ахлоқ[243] андешае далели ҳимматаш гардид. Яъне аз кисвати худдорӣ баромада, ба ҷанги қасидаи Толияи Омулӣ[244] шитофт ва ба авни мидҳати он мамдуҳи арбоби камол[245] муждаи зафаре дарёфт. Мутаваккеъи таҳсини фитрати маъниталқин аст ва муҳтоҷи офарини табъи баҳодурофарин.

Боре Бедили муштоқ низ, ба ин тақриб,[245а] ёде аз ҳоли фаромӯшимаол дод. Наздикии ишфоқ аз дургардони анҷумани дидор ғофил мабод.

124. БА РАФЕЪХОНИ БОЗИЛ[246]

Соғари бехумори фазли илоҳӣ ва ҷавҳари беғубори файзи лоятаноҳӣ[247] димоғорои он нашъаи рафеъушшон ва нисори он бозили ганҷи эҳсон бод. Ҳарчанд сайри тоқати бедилон нафасвор дил то забон беш нест, дар парвози дуъои аҳиббо[247а] шӯри саҳрои имконро гарди болафшонии нола мепиндорад ва бо он, ки чун нигоҳ, аз муқимони зовияи ҳайрат аст, дар андози ҳасрати дидор сафҳаи офоқро, чун мижгон, зермашқи хомаи талаб мешуморад, Муддате мегузарад, бе вусули меҳри ҳузур, шабнамест бӯтанишини гудози ташвир[248] ва ашки чакидае замингири саҷдаи таъзир.[249] Боре дар пардаи сози бенавоӣ таҳайюрнавои ин муддаъост ва дар мақоми аҷзи норасоӣ тасаллизамзамаи ин таманно, ки

*Агар ман нахоҳам гул аз васл чид,*
*Бари дӯстон нола хоҳад расид.*

Дар ин нашъа,[250] ки рӯи таваққуъи оламе мутаваҷҷеҳи илтифоти он ҷаноб аст, оинаи асрори саёдат Мир Сайидмуҳаммад[251] ва руфақои эшон, ки аз сафокешони ин рӯзгоранд, таманнои ҳусули саъодати мулозамат доранд. Ба гармрӯии таваҷҷуҳе агар ҷилобахши ҷавҳари ҳолашон бошанд, тимсоли натоиҷ аз миръоти савоб маҳв нахоҳад буд.

125. БА ИХВОНПАНОҲ МИРЗО РӮҲУЛЛОҲ[252] ВА МИРЗО ИБОДУЛЛОҲ

Агар нақши ҷабини хомаи саҷдасиришт ҷавҳаророи оинаи ниёз намебуд, сурати таслими бедаступоён ба назари отифат[253] кӣ медид? ва агар дастгоҳи печутоби нуқушу сутур изҳори норасоӣ намекард, каманди нолаи безабонон ба кунгураи исғо[254] кӣ мерасонид? Саргаштаи олами иштиёқ,[255] ки дар муҳити имкон ҳубобвор ба бедилӣ машҳур аст, то нақди нафасро дар гираҳи ҳастӣ дорад, аз бетобиҳои савдои талаб маъзур наменишинад ва то партави тоқате дар фонуси хаёл мушоҳада менамояд, аз ҷустуҷӯҳои субҳи вусул бисоти тасаллӣ намечинад. Гоҳе, чун мавҷ, тӯмори тапишҳои дил бар боли шикасти ранг мебандад ва гоҳе, чун ҳубоб, мактуби ҳайрати аҳвол ба парвози дидаи интизор ҳавола менамояд. Бо ин ҳама истеҳқоқи тараҳҳум,[255а] ба садое аз найи хомаи ваҳшӣ тоқати рамидаро роми тасаллӣ наменамоянд ва ба мавҷе аз равонии ирсоли нома илоҷи ташнакоми водии ҳасрат намефармоянд.[256] Ҷилои оинаи умед ба зуҳури сурати ин таманно вобаста аст, ки ба ҳар такаллуф, дар олами бекаориҳо ҷайбу домони макотиб ба машқи ҳароше метавон анбошт[256а] ва то дар чашми давот асари наме боқист, мижгони хомаро хушк намебояд гузошт. Аз дарди танҳоӣ, ки рафиқи табиъати ваҳшатнасиб аст, чӣ нигорад? ки бо вуҷуди касрати як олам ошно, аз қаҳти суханфаҳм муқими анҷумани тасвир зистан[256б] аст ва ба ҳамсуҳбатии хобнокони бисоти ғурур бар тарҷумонрангиниҳои таъбир гиристан. Нафасшумории авқоти ҷамъият ин қадар муғтанам медонад, ки гоҳе аз забони хома бо давот гарми саргӯшӣ мегардад ва гоҳе ба суҳбати китобе ҳамдарси хамӯшӣ мешавад.

Байт:

*Муқими ваҳдатам, ҳарчанд дар касрат ватан дорам,*
*Ба дарё ҳамчу гавҳар хилвате дар анҷуман дорам.*

Аз тафосили арзи кудурат ба иҷмол пардохтан муфти тахфифи тасдеъ.[256в] Ҳайфи иборате, ки ҷуз дар тамҳиди шавқ пардаи орзуи маъонӣ бардорад ва афсӯси маъние, ки аз ҷайби шикоятҳои рӯзгор сар барорад. Хамирмояи[256г] бунёди хок бо оби гавҳари ақл аз басират дур аст ва маъҷуни[257] аворизи нафсонӣ ба имтизоҷи ҷавҳари рӯҳ айни қусур.

126. БА МАВЛОНО АБДУЛЪАЗИЗИ ИЗЗАТ[258]

Суҷуди килки таслимсилк ниёзи ҷаноби иззате, ки забони хома яккалам аз синачокони ҳасрати саной ӯст ва авроқи макотиб яксар аз шикастаболони парвози ҳавои ӯ. Нуқтаҳоро аз таваҷҷуҳи кароматасараш бисоти серчашмӣ дар назари офоқ кушудан ва сатрҳоро ба мутолаъаи истиғноназараш пойи бениёзӣ бар сафҳаи кавнайн дароз намудан.

Байт:

*Зиҳӣ ғафлат, к-аз он ҳазрат ҷудоем,*
*Сазояи[258а] ин, ки бо худ мубталоем.*

Аз ғайбати давлати ҳузур чӣ кулфатҳо, ки дар оинаи табиъат мушоҳада нанамуда ва наменамояд ва аз захми тасаввури ҷудоӣ чӣ дарҳои ҳасрат, ки бар рӯи дил накушуда ва намекушояд.

Фард:

*Чу бо оинаи хуршеди тобон ошно бошад,*
*Ҷабини сояро доғи сияҳрӯзӣ чаро бошад?*

Ҳосили тазаллум он, ки дур аз он остон хоки чандин манозил бар сар кард, то аз мақоми маълуф,[258б] ки гӯшаи номуродист, саре бадар овард. Муддатҳо қадам ба оташкадаи ҳуҷуми таб меафшурд ва ба ҷои нафас нақди табхол дар кисаи беихтиёрӣ мешумурд. Дар ин айём, ки инфиъоли табиъат аз шарми сахтҷониҳо араќе карда ва шуълаи бетобӣ хокистаре ба арзи тасаллӣ оварда, зарроти аҷзои ин мушти

ғубор[258в] тапишомодаи парвози саност ва ҳар сари мӯи ин килки ниёзтасвир чеҳрапардози маънии дуъо. Боре аз таваҷҷуҳи роёти олиёт[259] чашме, ки чун субҳ дар гарди интизор сафед шуда буд, соявор ба тамаъи офтоби вусул сиёҳ карда, мутарассид[260] аст, ба партави мақдами анвортавъам равшан гардонад ва соғари таманно ба коми орзуи махмур расонад.

Мисраъ:

*Ё Раб, ҳусули мақсади дилҳо қариб бод.*

## 127. БА ШОКИРХОН

Аз таammули иттифоқи баъзе умур, чун тавaққуфи азимат ва уддаву[261] амсоли он, табиъати ҳузурпарастро шубҳаи тараддуде дармегирад. Боъис ғайр аз бениёзиҳои маротиби шавқ мабод. Маълум мешавад, ки ҳанӯз видоъи интизор боқист. Долиҳои анбаи наботи[262] ба ҳаловати шукри наъмо далел аст ва бузургиҳои тарбузи ҳанзалӣ[263] ба таҳайюри оламе кафил.

Фард:

*Талхию ширинии мо, ҳар чӣ бошад, фазли туст,*
*Тубӣ он нахле, к-аз ӯ осори ин ишфоқ[263а] руст.*

## 128. БА КАРАМУЛЛОҲХОН, ДАР ТАҲНИЯТИ ИЗДИВОҶИ МАҲБУБАИ МАТЛУБА ВА ИТТИФОҚИ ҲАМИН ҶИНС ШОДӢ БА ШОКИРХОН

Сомиъаро навиди хуррамӣ ба сомоне мавсул гардонид, ки босира низ аз паҳлуи он димоғи тамошо ба бор расонид. Ҳарчанд ба муқтазои таваҳҳуми дурӣ пардаи дида пӯст бар тан медарад, ки чаро сарфи дафе дар он анҷуман нагардида? ва тори нигоҳ ба ҳасрат об мегардад, ки аз чӣ маҳрумӣ бар созе аз он бисот напечида? Аммо ба ҳукми иттиҳоди яқинӣ чароғе дар он маҳфил натобид, ки партави чашмаке бар дили муштоқ наяндохт ва оҳанге дар он ҷо наболид, ки таманноро ба самойи замзамаи ҳузур нанавохт. Агар ҷом гардише дошт, инонгардонии рангҳои рафтаи мо буд ва агар мино қулқуле меангехт, ба даъвати мо дасти сало баланд менамуд. Аз ғоибони ҳозирем ва аз дургардони нозир.

Лиллаҳилҳамд, пешоҳангии қонуни он маҳфил дуронро низ маҳруми вомондагӣ нахост ва ба таъйиди иттифоқи азалӣ, бисоти силсилаи вифоқ аз Лоҳур то Деҳлӣ орост.[264] Ҳақиқати яктоӣ аз шуҳуди ин осор ба рабти яқин пайваст ва шумули фазл ба мукошафаи ин кайфиёт бар сафҳаи дилу забон нақши шукр баст. Тафсили он аз макотиби хони карамъунвон[265] макшуфи раъйи маънизиё хоҳад буд, ба мулоҳазаи итноб ба ишораи иҷмол иктифо намуд.

Рубоъӣ:

*Соғар найранги чашми фаттони ту буд,*
*Май тарзи нигоҳи нашъаъунвони ту буд.*
*Девору дари майкада то пойи хумаш*
*Дидем, ҳамон сояи мижгони ту буд.*

Тубисиришт ниҳоле, ки баргу сози ин ишратҳо дар сояи болиданаш болидаасту хоҳад болид ва фирдавсҳузур навборе, ки димоғҳои ин нашъа аз ба рикоб расиданаш расидаасту хоҳад расид. Килки орзусилк ба арзи ин матлаъ майманатнигори таърихи замони вуруд асту ба сози ин ду мисраъ ниёзоҳанги анҷумани шуҳуд:

*Ҷаннати айшу тараби ҷовидон,*
*Ҳамдами базми Карамуллоҳхон.*[266]

## 129. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[267]

Агар як чашм задан одами ҳузури он ҷаноб мутасаввари шахси андеша мебуд, маъзаратиншоии хомаи ниёз чӣ саҷдаҳо ки исори такаллуф наменамуд. Мумтаҳани[268] осори карам гоҳ-гоҳ тухми интизоре ба мазраъи ҳавас мекорад ва дар вафокадаи саброзмоиҳо андаке ба ҳоли худ ситам раво медорад. Масти ин ҷои маъзур мебошад ва маҷнуни ин савдо маҷбур.

Қитъа:

*Нафасро тавофи дил чӣ миқдор аст баргаштан?*
*Агар баргардам аз кӯят, ҳамин миқдор мегардам.*
*Зи хоби нози ҳастӣ ғофилам, лек ин қадар донам,*
*Ки ҳар кас мебарад номи ту, ман бедор мегардам.*

Аксаре дар хотимаи абёте, ки ба тақриби[269] сифориши зуъафо маъруз медорад, мулаххаси исрори дуъо, ки вадиъати сози бандагист, ба ҷо меорад. Ва агар ба ирсоли таҷдиди ароиз кӯтоҳӣ варзад, ғайр аз шарми фузулӣ нахоҳад буд.

## 130. БА ОҚИЛХОН, ДАР ШУКРИ АХЛОҚИ ШУКРУЛЛОҲХОН[270]

На саҷдазоре, ки ба нақши пешонии хома гулфурӯши оини ниёз аст ва ин таслимободе,[270а] ки ба ҷабҳасоии сутуру ниқот бисоти адабтироз, нусхаест аз дафтари ихлоси Бедил ниёзи ҷаноби қибламанзиле, ки рӯи умеди иродатандешон фарши маҳфили ҳузураш бод ва фарқи таманнои ақидаткешон аз сояи илтифоташ дурӣ мабинод.

Оҷизнавозо, ба юмни отифате,[271] ки ҳама ҷо шомили ҳоли фуқарост, таваҷҷуҳи хонсоҳиби ихлосманоқиб[272] миқнотиси дили шукрманзил гардида ва риштаи улфати беихтиёрӣ бар табиъати ваҳшӣ печида. Дар олами таслими бепаруболӣ ошёни ҷамъияте муқаррар аст ва дар гӯшаи аҷзи бетараддудӣ обу дона муяссар.[272а] Файзи суҳбатҳо[272б] аз муғтанамоти ҳосили зиндагӣ мушоҳада менамояд ва ба хаёли он остон[272в] ҷабҳае аз дур месояд. Дар ин айём хони саъодатъунвон[273] ба

инкишофи матолиби «Тилисми ҳайрат»[274] унвонҳо муқаррар намудаанд ва миръоте ки хулосаи муддаъои он нусха аст, ба сайқали таҳрир зудуда.[274a] Ҳосили таваҷҷуҳ он, ки ҳар гоҳ нигоҳи маънипаноҳ майли мутолаъа фармояд, бе тааммул ниқоб аз рӯи матлаб кушояд. Аз назари майманатасар хоҳад гузашт ва ба саъодати арзи вузӯҳ мавсул хоҳад гашт. Файёзи ҳақиқӣ давлати ҳузур насиб гардонад ва ба анвори таҷаллиёт дар олами дидор расонад.

131. БА МИРЗО СУЛАЙМОН[275]

Муҳити алтофҷӯши тараҳҳумамвоҷ аз ҳайрати вомондагони соҳили аҷз ғофил мабод. Ҳарчанд ғубори бесарупо дар ҳавои домани мақсуд саропо тапиш буд, бе таваҷҷуҳи насими иқбол имдоди ҷуръате нафармуд. Дар гираҳи интизор аз умеди шукуфтагӣ чаманеро фароҳам дорад ва ба шукри наъмои он субҳи баҳори ахлоқу эҳсон нафас мешуморад.

Байт:

*Дар ёди туам нест ғам аз кулфати имкон,*
*Гарде, ки бувад дар раҳи гулшан, ҳама ранг аст.*

Баландиҳои дасти карам аз салои дургардони водии интизор кӯтаҳӣ мабинод ва расоиҳои каманди илтифот аз кашиши нарасоёни олами бедаступоӣ чини тағофул мачинод.

132. ИРСОЛИ ХОТИМАИ «ТУРИ МАЪРИФАТ» МАВСУМ БА «ГУЛГАШТИ ҲАҚИҚАТ», БА ОҚИЛХОН[276]

Инони бениёзиҳои авмоҷи карам маътуфи[276a] соҳилнишинони зовияи хоксорӣ бод. Баъд аз адои маротиби убудият, ки то нафас боқист, аз гардани ақидат соқит нест, маърузи файзандӯзони маҳфили ҳузур мегардонад, ки дар ин айём ба воситати таълими хонсоҳиби ҳазоизмаротиб ва ба татаббуъи он марҷаъирфони маънимуносиб[277] аз баҳористони олами мавзунӣ мустафизи гулгашти ҳақиқате буд, арзи кайфиётро василаи ниёзи бедилӣ тасаввур намуд. Агар дар ҷаноби хулдинтисоб[277a] ба қабули барги сабзе биярзад, гулдастаорои я колам фарқи ифтихор аст ва агар ба обёрии нигоҳи марҳамат решаворе қобили нумӯ гардад, туби эътибори сад ҳазор боғу баҳор. Изҳори ҳақиқати шаъну нузулаш мавқуфи аризаи хони ахлоқнишон[278] аст ва дар зимни маъруз узрхоҳи нотавониитноби бедилон.

133. БА ОҚИЛХОН,[279] ДАР ТАЛАБИ САВОРӢ ВА УЗРИ ИНЗИВО

*Доно туҳматкамини ғафлат нашавад,*
*Яъне дар базм маҳви хилват нашавад.*
*То кай хоҳӣ назар зи олам бастан?*
*Касрат ба такаллуфи ту ваҳдат нашавад.*

Партави осори рубубият домани илтифот бу кайфияте маътуф назорад, ки ҷуз вазъи убудият аз хиҷлати ҳақгузорӣ тавон баромад. Маҳрумии зиёрати киром сарфаи[279a] ҷамъияти бедилон нест. Умед, ки ғафлати имрӯз ба огоҳии фардо мубаддал гардад.

134. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[280]

Агар иборатороии аҳли ихлос мақбулие ғайр аз дуъо мебошт, хомаи ниёзи Бедил аз нанги беҳосилӣ сар бар хат намегузошт.[280a] Ҳарчанд силсилаи тақрири русум дар ҳама ҷо расосит, аммо мими муддаъои[281] фуқаро забоне, ки дар даҳон дорад, дуъост. Бе такаллуф, тасаввури меҳрубониҳо асбоби ҷамъият аст ва ёди шафқатҳо сомони ишрат.

Байт:

*Бар хок ҷабҳа дораму фарёд мекунам,*
*Яъне ки остони туро ёд мекунам.*

Иди ваъдаи дидор баъид мабод.

135. БА ШОКИРХОН

*Мо ҳам аз гулшани дидор гуле мечидем,*
*Ҳар куҷо оина бинед, зи мо ёд кунед.*

Агар худро аз дурон тасаввур мекунад,[281a] оташ дар бинои тасаввур меандозад ва агар наздик медонад, нигоҳи ташнаи дидор аз дарди маҳрумӣ мегудозад. Дар олами таслим таслим фарёдрас аст ва дар гӯшаи ризо ҳамон ризо мӯниси дому қафас.

Муқаддири ҳақиқӣ риштаи анфос он қадар аз гусастан маҳфуз дорад, ки ба сомони нигоҳе сар аз анҷумани дидор барорад.

136. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[282] ҶАВОБИ МАКТУБИ ЭШОН

Марҳаматъунвониҳои бедилнавознома, ба дастури илтифоти қадим, манзури тағофусавдоӣ мабод.

Байт:

*Хатат мебинаму гирди саводи нома мегардам,*
*Фидои ҷунбиши он дасту тарзи хома мегардам.*

Авҳоми муҳоҷарат бо яқини мувосалат мубаддал бод!

137. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР АРЗИ СИҲҲАТИ ХУД ВА ИЗҲОРИ НАЗМИ «ГУЛИ ЗАРД»[283]

Аз шароити бандагӣ чӣ арз намояд? ки хиҷолати дурӣ дар нафйи исботи ин изҳор аст ва аз қавоъиди таслим чӣ ба ҷо оварад? ки дар ин вазъ низ ҷабҳасоии ҳузурест дар кор.

Фард:

*На ҷои зарра гирифту на қатрасомон шуд,*
*Ҳалоки шеваи аҷзам, ки ҳеҷ натвон шуд.*

Ҳосили арзи нотавониҳо он, ки баъд аз расидани Норнавл,[284] бе тааммул ба истиқболи фасд[285] шитофт ва ба таваҷҷуҳи сомии[286] эшон тахфифе дар тасдеъи табиъат маҳсус ёфт. Агарчи аз мусҳил[287] низ имдоди заъфҳое дар назар буд, аммо ба муқтазои ҳарорати ҳаво ҷуръат нанамуд. Ба ҳар ҳол, зиндагӣ моддаест, ки хун рехтан тахфифи иллатҳои ӯ дида омад ва захми ништар шарбати шифои он фаҳмида. Беш аз ин ба заҳмати тадбир напардохт ва фурсатро масруфи таколифи дигар насохт.

Чанд рӯз аст, дар баҳористони андешаи «Гули зард» ранги ором мебозад ва ба ороиши бисоти шикасти ранге мепардозад. Ҳанӯз аз чамани афкор мунтахаби обу ранге, ки фароҳам овардааст, қариб яксаду панҷоҳ гул[288] зиннати домони таҳрири гардида. Иқболи рангиниҳои ин гулдаста мунтазири нигоҳи маънибин аст ва меъроҷи хуррамиҳои ин гулбун мавқуфи мутолаъаи баҳорофарин. То чаҳорум ва панҷуми моҳ мутарассиди ҷазбаи хуршеди ҳидоят аст ва мустаъиди[288а] борёбии остони иноят.

138. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[289]

Ҳақиқатогоҳо, тааммули инқилоби азминаву амкинаи[289а] имконӣ ҷилои оинаи ҳайрат аст ва тахайюли тағйири кайфу ками аъён рафъи зангорҳои ғафлат. Ин ҷо имдоди ҳайрат ҳавсалабахши уруҷи назар мебошад ва иъонати таслим чеҳракушои аломати фатҳу зафар. Ҳусули ин нашъа аз соғари огоҳии Ҳақ шумурдан аст ва аз шуҳуди ин кайфиёт ба асрори ҳузури мутлақ роҳ бурдан.

Рубоъӣ:

*Моро поси тариқи аҷз аст зарур,*
*Не саъйи фузулию на савдои ғурур.*
*Бояд будан ҳамеша бо ҳар каму беш,*
*Чун гардани қонеъ ба хамидан масрур.*

139. МУБОРАКБОДИ ИД, БА ШУКРУЛЛОҲХОН[290]

Сози муборакбоди таҳнияти ид мушъири ин оҳангҳои ишратнашид[290а] аст, ки ё Раб, ҳар ҷо сиёҳии лашкари аъдо бисоти ғурур чинад, ҷуз дар баёзи чашми қурбонӣ нагурезад ва ҳар куҷо ъалами иқтидори ҳуссод баландӣ гирад, ҳамон ба домани мижгони бисмил овезад. Хор-хори саллохии забиҳа[290б] он қадар дар пӯсти мев[291] наяфтода, ки солимаш вогузорад ва шарҳаи[291а] аъзои гӯспанд дар банд-банди нарука[292] кӯчае надода, ки дигар аҷзои ҷамъият анборад. Ба авни маслаҳатомӯзи илоҳӣ, ҳар қадар ин мунҳарифгарданонро аз дор овезанд, салоҳ ва ба таъйиди аҳкоми эзидӣ, чандон ки аз ин хунҳои ҳадар[292а] резанд, мубоҳ. Футуҳоти иқбол бар зумраи хайрхоҳон муборак ва бар фирқаи бадандашон палорак.[293]

## ТАВЗЕҲОТ ВА ШАРҲИ ЛУҒОТ

192. Эзидбахши Расо – нигар ба тавзеҳоти №9.
192 «а». Оинадорӣ намудан – мадад кардан, кӯмак расонидан.
193. Ҷомидият – беҷонӣ, карахтӣ.
194. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ. Сабиййа – духтар.
194 «а». Мубтазал – беқадр ва бемаъниӣ.
194 «б». Эътиборӣ – ғайривоқеъӣ, ғайриҳақиқӣ.
194 «в». Соя ба ҳукми қудрат – яъне соя агар қудрат медошт.
194 «г». Хок ба муқтазои ихтиёр – яъне хок агар соҳиби ихтиёр мебуд.
195. Қалақ – ноороми ва ташвишу тараддуд.
196. Шайх Ғулом Муҳиддин – доир ба ин шахс маълумоте дастрас нашуд.
197. Мирразии Ваҳдат – доир ба ин шахс низ чизе пайдо карда натавонистем. Ҳуққа – дар ин ҷо ба маънии чилим ва қалён.
197 «а». Суҳбат – ҳозир будан, ҳузур доштан. Русхат – ғоияб будан, ҳузур надоштан.
197 «б». Муртафаъ бод – яъне андешаи онро, ки ҳозир будан ва ғоиб будани шумо барои мо тафовут дошта бошад, аз хотир бадар созед. Чӣ дар ҳозир ва чи дар ғоиб, шумо барои мо азиз ҳастед.
197 «в». Фароҳам овардани мижгон – чашм пӯшидан ҳангоми видоъ, то ки рафтани дӯстон ба назар нарасад.
197 «г». Мушоҳадаи ҳақиқат кушуда – яъне ҳамин ки аз назар ғоиб шудед, дар дилҳои дӯстон ҷой мегиред.
197 «ғ». Дар ин сурат – дар сурати аз ҳам ҷудо будан.
197 «д». Агар пойи узре дар миёнояд – яъне агар зарурате пеш ояд.
197 «ж». Занги оинаи русум мезудояд – яъне мушкилӣ тавассути номаву пайғом рафъ хоҳад шуд.
197 «з». Ин олам ва ин таваҳҳум – ишора ба андешаи суҳбат ва рухсат, ки шарҳаш гузашт.
197 «и». Қулқулхамӯшӣ – хамӯшие, ки нашъаи қулқули минороро дорост.
197 «й». Дамкашиҳо – нафасро ба дарун кашидан.
198. Шукруллоҳхон – Мирлутфуллоҳ Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст. Гуфтан лозим аст, ки таърихи иншои ин нома пеш аз соли анҷоми таълифи маснавии «!Муҳими аъзам аст. Зеро шоъир ба тозагӣ эҷод шудани порчаи дар нома иқтибосшудаи маснавиро таъкид кардааст. Чунонки дар мақолаи «Муҳити аъзам» ва таърихи таълифи он» (маҷ. «Фарҳанг», 2008, №1-2) навиштаем, соли анҷоми маснавии мазкур 1099 ҳиҷрист. Дар ин сол Шукруллоҳхони Хофӣ дар қайди ҳаёт буд ва писари ӯ Лутфуллоҳхон ба хитоби падар мухотаб нагардида буд. Пас унвони ин нома мебоист «Ба Лутфуллоҳхон ва Шокирхон» мебуд. Шоъир, зоҳиран, дар вақти мураттаб намудани номаҳо унвонҳои баъзеи онҳоро тағйир додааст. Илова кардан лозим аст, шоъир ба қисме аз номаҳо ҳангоми дар шакли китоб даровардани онҳо унвонгузорӣ намудааст. Номаҳои «Ҷавоби Чинқиличхонбаҳодур Хонидаврон, дар мутолаъаи ашъори эшон ва ислоҳи он ва дохили

девон намудан, ки пеши фақир гузошта буданд», «Ҷавоби мактуби Шукруллоҳхон, ки Ҷаҳондоршоҳ эшонро пеши худ ҳукми нишастан кард ва то дари ҳарамсарой изни ихтиёр дод», «Ба Шокирхон, ҳангоме ки Ҷаҳондоршоҳ эшонро ба ҳаровулии фавҷ баргузид ва забони бадгӯён кӯтоҳ гардид ва танбеҳи Нурхони маҷҳул ки иборати «ҷаннат»-ро ғалат ҳисоб мекарданд» далели ин фикр шуда метавонанд.

196 «а». Иснайният – дугонӣ.

198 «б». Қитъаи «Муҳити аъзам» - порае аз маснавии «Муҳити аъзам» (нигар ба тавзеҳи № 41).
Муаллифи ҳошия бар нашри лакҳнавии «Руқаъот» (ниг. Куллиёти Бедил, Лакҳнав, 1287, саҳ.117) зоҳиран, аз маснавии шоъир «Муҳити аъзам» хабар надоштааст, ки дар шарҳи таъбири «Қитъаи «Муҳити аъзам» навиштааст, ки «шояд, номи қитъа – таснифи роқими хат бошад».

199. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.

200. Мутатаббеъи афкори гавҳарнисор – яъне дар пайравии ашъори гавҳаррези шумо.

200 «а». Маҷнуни туро – ин ду байт аз ғазалест, ки дар девони шоъир иборат аст 9 байт аст.

201. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.

202. Муфоваза – мактуб, мактубе ки шахси олимартаба ба шахси оддӣ нависад.

202 «а». Ҳасри таъдод – доираи шумор.

202 «б». Ба паймони назат – ин ду байт иқтибос аз маснавии «Муҳити аъзам» мебошанд.

203. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ. «Тури маърифат» - нигар ба тавзеҳи №138.

204. Калими айманҳақиқат – киноя аз Шукруллоҳхон.

205. Дар он самт – вилояти Майвот дар назар аст, ки Шукруллоҳхон аз охири соли 1096 (1685) то соли 1099 (1688) ҳокими он буд ва бар зидди шӯришгарони қавмҳои нарука ва мев мубораза мебурд. Бо назардошти таърихи таълифи «Тури маърифат», ки санаи 1097 (1685-1686) аст, таърихи ирсоли нома ҳам ба ҳамин сол рост меояд.

205 «а». Робити аҷзои тафриқаи имкон – ишора ба ҳазрати Парвардигор.

206. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ. Шоҳ Зайнулъобидин – дар «Руқаъот»-и Бедил аз ҷумлаи адресатҳои шоъир ва шахсоне ки дар номаҳо роҷеъ ба онҳо сухан рафтааст, бо номи Зайнулъобидин панҷ нафар мавҷуданд. Яке шоҳ Зайнулъобидин, ки дар номаи ҳозира аз он ёд шудааст.
Гуфтан лозим аст, ки калимаи «шоҳ» дар таркиби ин ном ба маънои дарвеш ва сӯфӣ мебошад.
Дигаре бо номи Зайнулъобидини Аҳмад (номаи №163). Саввум, бо номи танҳо Зайнулъобидин (номаи №190) Чаҳорум бо номи Мирзо Зайнулъобидин (номаҳои №№ 142, 144). Ва ниҳоят, панҷум, бо номи Зайнулъобидинхон (номаи 273).
Дар хусуси он, ки ин панҷ адресат оё як нафаранд ё ашхоси ҷудогона? – алҳол чизе гуфта наметавонем. Ҳамин қадар тахмин кардан мумкин аст, ки Мирзо Зайнулъобидин ва Зайнулъобидинхон як шахс мебошанд. Яъне Бедил ҳамон Мирзо Зайнулъобидинро дар номаи дигар бо номи Зайнулъобидинхон зикр кардааст. Ҳамин гуна ҳодиса дар баъзе номаҳои дигар низ ба назар мерасад. Чунончи, шоъир дар як номааш (номаи №97) Мирзо Ибодуллоҳ ном хеши худро (нигар ба тавзеҳи №88) бо номи Мирзо Ибодуллоҳхон ёд кардааст.
Холмуҳаммади Хаста дар рисолаи «Мунтабахабуззамон Абдулқодири Бедил» (Дастхат, маҳфуз дар китобхонаи оммаи Кобул) Мирзо Зайнулъобидинро аз хешовандони Бедил донистааст. Тарзи ифода ва усулуби баёни ду номае, ки «Ба Мирзо Зайнулъобидин» унвон доранд, фикри мазкури Хастаро тақвият медиҳанд (Дар ин бора нигар ба мақолаи ин ҷониб «Мирзо Бедил» (мухтасари шарҳи ҳол ва тавсифи иҷмолии осор) дар маҷаллаи «Садои Шарқ», Душанбе, 2009, №№ 10-11).

206 «а». Байти ҳолӣ – байти муносиби ҳол, байти ифодагари ҳол.

206 «б». Мазраъи эҷод – дунёи моддӣ, олами имкон.

206 «в». Ифрот – аз андоза даргузаштан, зиёдаравӣ кардан. Дар ин ҷо ба маънои беандоза, бе ҳадду ҳудуд, беаввалу беохир, яке аз сифоти Ҳақ таоло. Аъён – ҳастӣ, олами имкон. Тафрит – кӯтоҳӣ кардан, кӯтоҳ омадан. Дар ин ҷо ба маънии маҳдуд, баандоза, яке аз сифоти аъён. Ин ҷумла – яъне аъён. Он ҳама – яъне ҳақиқат. Басит – пок ва беолоиш.

207. Шукруллоҳхон – зоҳиран Шукруллоҳхони Хофӣ дар назар аст.

208. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
Порчаи шеърӣ, ки дар зимни ин нома омадааст, бахше аз маснавии «Муҳити аъзам» аст. Соли анҷоми маснавии мазкур, тавре ки гуфтем (тавзеҳи №198), 1099 ҳиҷрист. Пас ин нома пеш аз соли 1099 (1687-1688) иншо шудааст.

209. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.

209 «а». Ароиз – ҷамъи ариза, яъне мактуб. Ба васотати ароизи дигарон – ба воситаи мактубҳои шахсони дигар. Шоъир номаҳоеро дар назар дорад, ки аз номи дигарон навиштааст. Ба монанди номаҳои «Дар ирсоли қабзаи камон аз Мирзо Доварёр ба Муҳаммадтақӣ», «Аз тарафи Шукруллоҳхон ва Шокирхон ба наввоб Оқилхон», Ба Шукруллоҳхон аз ҷониби Мирзо Муҳаммадбақо», «Ба Оқилхон аз Шукруллоҳхон», «Аз ҷониби миён Муҳаммаднаъим ба Мир Шарафуддин», «Ба Мирзо Мухсин аз ҷониби Зайнулъобидин» ва ғайра.

210. Доъӣ – дуъогӯ.

211. Мир Муҳаммадфозил – ин шахс, зоҳиран, Фозилхон маъруф ба шайх Махдуми Садр аст, ки дар ибтидо муншии Муҳаммад Аъзамшоҳ (ниг. ба тавзеҳи …. ) буд. Соли 1091 (1680), пас аз маъзул шудани муншии дарбори Аврангзеб Муҳаммадшарифи Қобилхон ба ҷои ӯ мирмуншии дарбор таъин шуд. Вафоташ соли 1099 (1687-1688) иттифоқ афтодааст.

211 «а». Аносири эътибор – дунёи моддӣ, олами имкон. Буд – киноя аз ҳастӣ ва вуҷуд.

211 «б». Оинапардоз – сайқалдеҳ, равшангир.

211 «в». Барчидани дӯкон – бастани дӯкон.

211 «г». Оина пеши нафас гирифтан – рафъи шубҳа намудан. Дар гузашта барои муъайян намудани зинда будан ё набудани шахси бемор пеши нафаси он оина медоштанд. Шахс агар нафас дошт, яъне агар зинда буд, оина ғубор гирифта, хира мешуд. Агар оина хира нашуда, бетағйир мемонд, натиҷа мегирифтанд, ки ин шахс мурдааст.
Дар ҳошияи нашри лакҳнавии «Руқаъот» (Куллиёти Бедил, Лакҳнав, 1287, саҳ.121) омадааст, ки «оина

пеши нафас доштан далели пеш омадани вақти назъ бошад».
212. Сомитабъ – сомӣ ба маънои олӣ ва баланд.
212 «а». Оби гуҳар месӯзад – яъне обе, ки гуҳар аз он пайдо мешавад, месӯзад.
Муаллифи ҳошия бар «Руқаъот»-и нашри Лакҳнав ибораи «оби гуҳар месӯзад»-ро чунин тавзеҳ додааст: «Оби гуҳар месӯзад, яъне гуҳар пайдо нашавад. Чаро ки дар ҳолати хушк шудани дарё», агар қатраи найсон дар садаф афтад, бисӯзад. Валлоҳу аълам».
212 «б». Басотат – баситӣ, вусъатнокӣ, фарогирӣ. Офтобро аз басотати анвори ӯ хабар кардан – яъне коре беҳуда кардан.
212 «в». Муболаға намудан – талқин кардан.
212 «г». Ҳоил – монеъ.
213. Моият – мансуб ба мо, анония – кисвати моият – кисвати худӣ. Аз кисвати моият берун омадан – аз худ берун омадан, аз худ бегона шудан.
213 «а». Ин тоифа – дарёдилон ва олиҳимматон.
214. Тимсоли эътиборӣ – ҳастии ҷисмонӣ.
214 «а». Оризӣ (бо айну зот) – он чӣ ки собит ва аслӣ набошад., муқобили аслӣ ва ҷавҳарӣ. Дастандоз – ғорат, тороҷ.
215. Аъроз – ҷамъи араз. Араз – чизе ки давом ва бақо надошта бошад, он чӣ ки қоим ба ғайр бошад.
216. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
217. Олами иртисом – олами расму одат.
218. Ниёзиттисоф – муҳтоҷ ба сифате. Иттисоф – нишон пазируфтан, сифат гирифтан, ба сифате мавсуф шудан.
218 «а». Қитъа – дар ин ҷо қитъаи замин.
219. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ. Нақоҳат – беҳбудӣ, беҳтар шудани саломатӣ.
220. Мувозабати ақсоми танқияву табрид. Мувозабат – пайваста муроқиби коре будан. Танқия – пок кардани меъда ба воситаи доруи исҳол. Табрид – воситаи фурӯ нишондани ҳарорати бадан.
220 «а». Иштиъол – шуъла. Итфо – хомӯш кардани оташ, паст кунонидани шуъла.
220 «б». Мутасоъид – болораванда, баландшаванда. Мустаъид – омода.
221. Истисъод – саъодат ҷустан.
222. Мирзо Муҳаммаднаъим – ин шахс, зоҳиран, Мирзо Наъим писари Мунъимхони Хонихонон аст (нигар ба тавзеҳи №147), ки бахшии дарбори Шоҳиъолам Баҳодуршоҳ буд (ниг. ба тавзеҳи №294).
223. Маръӣ доштан – риъоя кардан.
223 «а». Утуфат (бо айну итқӣ) – меҳру муҳаббат, дӯстӣ.
224. Юъминуна билғайби – имон доранд ба чизҳои нодида. Ишора ба ояти саввуми сураи Бақара: Аллазина юъминуна билғайби ва юъқимуна-с-салота ва миммо разақноҳум юнфиқуна – ононе ки имон доранд ба чизҳои нодида ва дуруст барпо медоранд намозро ва аз он чӣ ато кардаем эшонро, харҷ менамоянд.
224 «а». Ҳоил – парда, ҳиҷоб, монеъа.
224 «б». Мутаҳаййири коргоҳи бекорӣ ва ҳавогири олами беҳосилӣ – ишора ба худи шоъир аст.
224 «в» Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст.
225. Мақҳурӣ – шикасту мағлубият.
225 «а». Майманатиштимол – майманат – баракат ва саъодат. Иштимол – шомил, фарогир. Майманатиштимол – шомили саъодат ва хушбахтӣ. Бархурдорон – бародарон.
225 «б». Таслимиштиғол: Иштиғол – шуғл ва пеша.
225 «в». Қонун – асбоби мусиқӣ, ки тахтае паҳн бошад бо торҳои бисёр.
225 «г». Ба нағамоти сози яктоӣ – яъне қасам ба нағамоти сози яктоӣ.
226. Қиблагоҳӣ – ишора ба Шукруллоҳхони аввал.
227. Ғазале – ишора ба ғазалест, ки Шукруллоҳхони аввал дар номаи ба Бедил фиристодааш дарҷ намудааст.
228. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони аввал.
229. Нарука – қавме аз қавоми вилояти Майвот, ки бар зидди ҳукумати марказӣ меҷангид. Баҷиром – яке аз пешвоҳои қавми нарука.
230. Хони осмонҷоҳ – ишора ба Шукруллоҳхони аввал, ки дар ин вақт (солҳои 1096-1099) ҳокими Майвот буд.
230 «а». Оташзана – оташзан, чахмоқ, чизе ки бо он оташ равшан кунанд, санг ва оҳане ки барои равшан кардани оташ ба ҳам бизананд ва аз онҳо ҷариққаи оташ пайдо шавад.
231. Дили нарука бишкаст – ин ҷумла моддаи таърих аст, ки ба санаи 1097 (1685-1686) баробар мебошад.
232. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони аввал.
233. Манкуб – накбатзада, бадбахт.
233 «а». Саъодатинтисоб (интисоб бо син) – саъодатқарин, саъодатманд.
233 «б». Мавкиб – дар ин ҷо ба маънии лашкар.
234. Миён Лаълмуҳаммад: Миён – асли баромади ин калима аз шахси миёни маърака аст. Яъне одами намоён, одами баэътибору обрӯманд. Дар муҳовараи мусулмонони Ҳиндустон ба маъниҳои ҷаноб, соҳиб, устод ва ғайра истеъмол мешавад.
Дар хусуси ҷараёни зиндагии Миён Лаълмуҳаммад маълумоти казоӣ дар даст надорем. Аз навиштаи муаллифи тазкираи «Миръоти воридот» Муҳаммадшафеъ Вориди Теҳронӣ ҳамин қадар фаҳмида мешавад, ки ӯ замоне ҳокими Матҳро (Матҳураи имрӯза) будааст.

*Давом дорад.*

*Мирзо Абдулқодири БЕДИЛ*

# РУҚАЪОТ[3]

[3] Давомаш, аввалаш дар шумораҳои гузашта.

140. БА МИРЗОНАЪИМ – БАХШИИ БАҲОДУРШОҲ, ДАР СУФОРИШИ МИРЗО СУҲРОБИ РАВНАҚ[294]

Чун ҳиммати давлатхоҳони ҷаноби ҳашмат ва авқоти саъодатандешони рикоби давлат масруфи ин ҷустуҷӯҳост, ки мустаъидони[294а] фунуни камол ва корогоҳони тариқи фазл ба ҳукми таваҷҷуҳи зотӣ ва саъйу илтифоти табиъӣ далелинтисоби[294б] остони ҳумоюн бошанд, баҳорпирои гулшани маъонӣ, анҷуманорои бисоти нуктадонӣ, сархуши нашъаи мутлақ Мирзо Суҳроби Равнақ, ки бо ламъаи сутури насраш нафаси субҳро ба ғубори хиҷолат печидан асту дар ҳасрати матонати назмаш мавҷи гавҳарро об аз буни дандон чакидан, бо он ки ҷавҳари шуҷоъат, чун теғ, аз носияаш равшан аст ва нашъаи таҳаввур, чун бода, аз табъаш мубарҳан, ба фазоиле, ки шаммае аз он ба арз расид, оростагии тамом дорад, шоистаи он аст, ки ин қисм равшантинатеро аз мунсаликони ҷаноби хуршединтисоб[294в] дурӣ нафармоянд ва аз ин олам баландфитратеро мулозими боргоҳи осмонҷоҳ тасаввур намоянд. Тарбияти арбоби дониш самараи аҷри азим дорад ва тафаккуди[294] аҳволи аҳли маънӣ натиҷаи савоби куллӣ бор меорад.

141. БА ҚАЙЮМХОН, АЗ ҶОНИБИ ШУКРУЛЛОҲХОНУ[295] ШОКИРХОН

Вуруди гироминома, ки сунбулистони саводаш ҳуҷуми сояи улфат дошт ва настаранзори баёзаш сафои оинаи шафқат меанбошт, ба сад чини каманд тасхири асирони силсилаи иштиёқ намуд ва ба ҳазор ҳамвории ҳайрат тасаллии бетоқатони водии ҳасрат фармуд. Чашми таваққуъ аз сурмаинтизорон ин қисм шафқатхост ва гӯши умед аз навидорзуён ин ҷинс марҳаматҷо. Болафшонии номбарони ишфоқ, чун парвози дидаи интизор, бедиранг ва овози пои қосидони ҷамъиятпаём, чун тапишҳои дил, бетааммулоҳанг бод. Роиҳаи таваҷҷуҳи шайх Ғуломмустафои Нотиқ[296] навиди нашъаи баҳор аст, ҳарчанд гули ин ирода пешрасӣ намояд, муфти тозагиҳои димоғи интизор.

142. БА МИРЗО ЗАЙНУЛЪОБИДИН[297]

Агар теъдоди аламҳои дурӣ мунҳасири[297а] таҳрир мебуд, хомаҳо сарнигунии вазъи хиҷлат намекашиданд ва агар силсилаи шикваи ҷудоӣ ба ҷое мерасид, мактубҳо чеҳра ба мистар намехарошиданд. Аҳли зиндагиро, то кашокаши нафас боқист, бастагии абвоби тараддуд муҳол аст ва то риштаи умр печутобе дорад, каманди перешониро чини кӯтоҳӣ ваҳму хаёл. Сурати муфорақати аҳбоб аз оинаи ихтиёр ҳаргиз ҷилвагар намешавад ва ҳамчунон давоми мувосалат ба саъйи иродаи ҳеҷ кас пеш намеравад. Ҳар гоҳ инони мушти хок ба тасарруфи ҳаво супурда бошанд, иттисолу инфисоли[298] ин ғуборҳо ба қабзаи ихтиёри ҳавост, на дар иҳотаи тоқатҳои ману мо. Гусастани силсилаи иттифоқро ғайр аз таслим чора чист? ва қатъи пайванди аъзо рағбати сахтҷониҳои кист? Дар ҳар сурат, то нафас инқитоъ намепазирад, риштаи ихлос зуннори гардани орзуст ва ҳавои давлати висол гули домани ҷустуҷӯ. Оинапардози ҷамоли муддаъо занги шабистони андӯҳ ба сафои субҳи тараб мубаддал гардонод.

143. БА МИРЗО АТОУЛЛОҲ[299]

Тӯдаи ғуборолуда, яъне омоҷи иштиёқфарсуда,[300] ки нишонест аз хоксорони сари роҳи бенавоӣ ва суроғе аз бедаступоёни бодияи норасоӣ, сипари сина ба новаки хор-хор дӯхта ва оинаи умед ба шабакаи чашми интизор андӯхта, аз шарми таваҳҳуми кинакашӣ[300а] тир аз сина намекашад ва ба нанги туҳмати бевафоӣ аз пайкон рӯ намегардонад. Вақт аст, агар ба наме аз рашҳаи оби пайкон ғубори хотири ин андӯҳгин фурӯ нишонанд ва бисоти кулфати ин замингир ба шамъи хонаи камон мунаввар гардонанд.

144. БА МИРЗО ЗАЙНУЛЪОБИДИН[301]

Андӯҳи дурию кулфати маҳҷурӣ муқаддимаест, ки дар тамҳиди он[301а] хомаро бар сафҳаи хутут носияи аҷз андӯхтан аст[301б] ва давотро аз қалам ҳамон ангушти таҳайюр бар лаб дӯхтан. Ночор шарҳи ин маънӣ ба мутолаъаи илтифоти замоир,[301в] ки муҳити асрори улфат аст, месупурад ва баёни ин мабҳас, ки натиҷаи тапиши дилҳои нуқушҳасрат аст, вомешумурад. Хоҳиши табиъати унстинат аз соғари ҳузури давом[301г] нашъа расонидан аст ва оинаи таманно ба ламъаи ҷамоли мақсуд равшан гардонидан. Самараи эътиқоди ихлоскешон ба боғи ҳусули мурод ороиши зуҳур гирод ва гавҳари ихлоси эътиқодандешон ба соҳили вусули муддаъо равнақи намуд пазирод.

145. БА ОҚИЛХОН, АЗ ҶОНИБИ ШУКРУЛЛОҲХОН ВА ШОКИРХОН[302]

Файзгустариҳои иноёти хилъат, ки саъодати навиди мунтазирони ташрифи марҳамат буд, аз ҳар сари мӯи таслимкешон ҳазор саҷдаи шукр дамонид ва аз ҳар ҷузви бинои суҷудандешон сад ҳазор ҷабҳаи таслим рӯёнид. Сарпечҳо[302а] дасти навозише бар сар накашида, ки кулоҳи заррини хуршед ба гармии сояаш ҳамсарӣ тавонад намуд ва камарбандҳо ба он тарғиби хидмат миёни ақидат устувор накарда, ки ба қуввати минтақаи афлокаш[303] тавон кушуд. Латофати шолҳо атласи чархро аз хашинпӯшони[303а] водии бебизоъатӣ мешуморад ва рангинии ҷомаворҳои чинӣ баҳорро аз шикастарангони олами ҳасрат меангорад. Хилъатбахши аҷзкисватони пардаи зуҳур[303б] саломати он зоти қудсиоёт ташрифи ҷамъияти ҳоли мо гардонод ва сояи ифтихорпирояи он остони таназзуҳошёнро аз саропои мо кам макунод.

146. ҶАВОБИ МАКТУБИ ШУКРУЛЛОҲХОН ВА ИСТИДЪОИ[304] СИҲҲАТИ ЭШОН

Андешаи аворизи ҷисмонӣ малоли хотири мансубони он остон мабод ва ғубори кулфати рӯҳонӣ ба домани ҳавохоҳони он ҷаноб манишинод.

Байт:

*Ба табъи муқбилон, ё Раб, кудуратро мадеҳ роҳе,*
*Бар ин оинаҳо мапсанд занги туҳмати оҳе.*

Шофии[304а] ҳақиқӣ ба ишраткадаи шифои комил мавсул гардонод ва дуъои мустамандони бериё ба нафаси субҳи иҷобат расонод. Ҷаҳонтоб матлаъе ба тақриби[304б] навозиши бедилон аз олами авҷи фитрат партаворонии вуруди карам дошт, ки бе такаллуф, агар муқобили ламъаи офтобаш гузоранд. оинадориҳо[304в] баҷост ва агар ба кайфияти субҳи баҳораш санҷанд, мизони ба адл ошно. Воҳиби атийёти лафзу маънӣ ба рангинтарин иборот маснадорои иршоди ҳақоиқ дород. Бедилиҳо пурдилист, агар арбоби ботин ба таваҷҷуҳ имдод фармоянд ва ҳубоб оинадори гавҳар, агар соҳибназарон манзури эътибор намоянд.

Маснавӣ:

*Ту гар олам қидам ҷустӣ, чунон буд,*
*В-агар ҳодис баровардӣ, ҳамон буд.*
*Ба ҳикмат инқадарҳо тобупеч аст,*
*Агар гӯӣ, ҳама ҳеҷ аст, ҳеҷ аст.*

Зоти саропо илтифот тағофулпаймои маъруз мабод, ки дар ин айём, ба муқтазои ғаниматшиносиҳои фурсат, фикри назми «Ирфон» ва насри «Чоръунсур»[304г] дар пеш дорад ва нафасе чанд ба василаи ин тахайюлот мешуморад. Ва ба замзамаи:

*Кадом қатра, ки сад баҳр дар рикоб надорад?*
*Кадом зарра, ки тӯфони офтоб надорад?*

диле хуш метавон кард. В-агарна то ғубори бедилиҳо аз назар муртафаъ намегардад, сайқалороии миръоти ҳақоиқ чеҳрапардозии умури муҳол аст ва то нуқсони ҳеҷкасӣ ба илоҷ намерасад, изҳори маъонии камол аз мақулаҳои ваҳму хаёл. Таманнои нашъаи дидор аз он олам нест, ки ба арзи мақол ояд. Иншоаллоҳулъазиз, дар замони асъаде,[304г] ки суруши ҷамъият муждарасони самъи орзу гардад, мустаъиди таҳсили ин давлат асту муҳайёи вусули ин саъодат.[304д]

147. БА МАВЛОНО АБДУЛЪАЗИЗИ ИЗЗАТ

Аз имтидоди таваҳҳуми кудурате, ки беш аз ин ғубори он остон мабод, таманнокешони матлаъи ҳузур дар саводи олами ҳайрат чашм бохтаанд ва ба кисвати мижгони таҳайюр дар таҳияи баландиҳои дасти дуъо пардохта,

*Ки ё Раб, бехалал кун табъи софиэътиқодонро,*
*Каромат соз ҷамъият дили гавҳарнажодонро.*

Ҳаққо, ки андешаи ин ғубор бар хотири хоксорони водии дуъо бо чандин гаронии кӯҳ ҳамсанг ва тасаввури ин кулфат[305а] дар тахайюли орзумандони гулшани дидор бо ҳазор ранг шикасти дил ҳамоҳанг.

Рубоъӣ:

*Зоти Иззат,[305б] ки лавҳи миръоти сафост,*
*Чун акс зи вай ҳақиқати мо пайдост.*
*Аз кулфати табъи равшанаш меҷӯшад*
*Гарде, ки ҳамон суроғи маъдумии мост.*

Табиби амрози дилҳо аз шифохонаи фазл шарбати сиҳҳати ҷовид каромат фармояд ва аз дидори шукуфтагиосор дидаи беморнигоҳони ҳасрат ба мутолааи нусхаи шифо равшан намояд.

148. УЗРИ НОРАСИДАН БА ИСТИҚБОЛИ МИРЗО КОМГОР[306] ВА НАВИДИ МАҚДАМИ ЭШОН

Ба таҳсили саъодати суҳбат, ки биҳишти ҳавохоҳони олами ақидат аст, агар соявор қадам аз ҷабин созад, равост ва агар чун шабнам ба дида парвоз намояд, баҷо. Аммо ба ҳукми норасоиҳо, ки садди роҳи орзу мабод, аз замингирӣ чора нест. Имрӯз оинаи иродат сайқали ин таманно дошт, ки чашме ба анвори бисоти ҳузур кушояд ва аз мушоҳадаи дидори гулшаносор рангу бӯи обрӯе даста намояд. Рахши толеъ ба тавсанӣ[307] расид ва шабранги бахт ҳарунӣ[308] варзид. Пеш аз таҳияи ин иқбол[308а] аспони тавила ба иқдоми хидмат домани ҷаҳд барзада буданд ва камарҳо бар миён танг намуда. Хонаи зине, ки гунҷоиши ин хонабардӯш тавонад буд, наёфт, то ҳамъинони барқтозони асокири ихлос тавонад шитофт. Ба саъйи ҷустуҷӯ ҳар қадар дар арсаи тадбир давид, дасти норасо ҷуз ба фитроки яъс нарасид ва ҳар чанд инон ба чанги бетоқатӣ супурд, чун нақши ҷидор[309] роҳ ба ҷое натавонист бурд. Чун аз пешбандиҳои[310] ин муқаддима ба ранги ҳинои зин[311] ранги ихтиёре надошт, дидаи муштоқро ба ҳамчашмии хаёли рикоб маҳви побӯси таҳайюр гузошт. Ангушти таассуфе лаҷоми хамёзаи[312] хасратҷавлон гардонид ва доғи таваққуф ба пои шавқи наъл дар оташ[313] мувофиқ дид. Яъне чун суми асп бо сахтҷонӣ сохт ва чун ёли фарас ба сарнигунӣ пардохт. Ҷавлони фитрати он шаҳсавори арсаи асрор аз ҳоли ғубори бесарупо ғофил мабод, ки маҳрумии нотавонон аз ин олам боъисе бисёр дорад ва аксаре ба ин ранг бедаступой сар аз парда бармеорад.

Ҳарчанд ба пои чамантирозони маҳфили унс[319а] чун гул пиёда ҳам саре метавонист кашид, навиди мақдами баҳортавъам доми тааммул гардид, ки ҳар гоҳ паравти офтоби иқбол бар ҳамин вайрона хоҳад тофт, сояи хокнишин худ ба худ боли парвоз хоҳад ёфт.

То инони аблақи айём дар дасти фориси тақдир аст, рахши давлату борагии[314] ҳашмат маҳкуми мавкиби ҳумоюн бод.

149. БА ШОКИРХОН, ДАР ИРСОЛИ ХАРБУЗА ВА РАВҒАНИ БОДОМУ РАВҒАНИ ГУЛ

*Дил на танҳо туҳфаи фикри нисорат кардаам,*
*Дидаро ҳам фарши роҳи интизорат кардаам.*

Ваъдаи зиқаъда пеш аз зилҳаҷҷа[314а] моро дар чашми қурбонӣ хобондааст ва таманнои Каъбаи мақсуд, чун санги нишон, дар сари роҳ нишонда. Ё Раб, ки замони вусул фурсатшумори тааммуле дигар мабод ва соғари чашми қурбониён беш аз ин маҳрумии мақдами нашъатавъам мабинод. Ба фарёди талхкомони ҳасрати дидор харбуза halметавонад расид ва илоҷи хушкмизоҷони бодияи интизор равғани гул наметавонад гардид.

Қитъа:

*Дур аз бисоти васли ту моему дидае,*
*Чун шамъи кушта доғи нигоҳи рамидае.*
*Боз о, ки дорам аз нигаҳи вопасин ҳанӯз*
*Таҳҷуръае ба шишаи ранги паридае.*

150. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[315] ДАР ШУКРИ ИРСОЛИ ШИШАҲОИ ГУЛОБ

Пажмурдагиҳои гули интизорро ирсоли шишаҳои гулоб шабнамиҳо намуд ва ғунудагиҳои дидаи бехобро файзи ин рашаҳот бар рӯи давлати бедор кушуд. То минои афлок қатрапаймои чашмаки савобиту сайёр тавонад буд, таровати баҳористони алтоф ғуборолуди таваҳҳуми беобӣ мабод.

151. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[316]

Худовандо, аз улфатпарварони наъмои алтофем, файзи хони эҳсон муттаҳами[316а] камӣ мабод ва аз вазифахорони заллаи инъомем, домани моидаи карам чини тангӣ мабинод. Агар оинаи тоқати инсонӣ ҷавҳари расоӣ медошт, сарриштаи «раъайту раббӣ» ба «юъминуна билғайби»[317] намекашид ва агар саъйи иродаи башарӣ шоистаи қудрате мебуд, лаззоти неъмати висол ба қаноъати бӯи пироҳан[318] намеанҷомид. Ба сурате ки[318а] дар олами одоби ҳузур[318б] забони бенаво василаҷӯи гардиши чашм аст, то аз нусхаи шуҳуд асари чӣ маънӣ истинбот[319] намояд ва дар зовияи ҳифзулғайб[320] ҳамчунон нигоҳи мутаҳаййир камингари таҳрики забон, то ба парвози хаёли дидор боли кадом дуъо кушояд,

(Фард)

*Чӣ имкон аст ваҳми ғайр гунҷад дар хаёли ман?*
*Туӣ манзур, агар чашмам, туӣ масмӯъ, агар гӯшам.*

152. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[321] ДАР ТАЪЗИЯТИ МАТЛУБАИ ЭШОН

Дар ҷаноби оинақибобе,[321а] ки тимсоли ҳақиқати ашё равшантар аз офтоб бошад, арзи ибрат[321б] хаффошист ва дар назари шуҳудманзаре, ки маънии зуҳур макшуфтар аз вузӯҳи сурати офоқ аст, тӯмори огаҳӣ кушудан ғафлаттарошӣ. Ҳақиқатшиносо, чӣ миқдор оҷизист, ки агар бо таъаллуқ пардозем, доғи афсурдагӣ ҳосил аст ва агар доман аз асбоб барчинем, сози зиндагӣ ботил. Тағофул аз худ номумкин ва дар таваҷҷуҳ кудуратҳо мутазаммин. Нолаи сипанде аз ин миҷмар[222] наҷаст, ки дуде ба димоғи аҳли маънӣ нахурд ва шуълаи чароғе аз ин анҷуман доман начид, ки доғе бар дили улилабсор[223] нашумурд.

Фард:

*Чиҳо афшонд аз худ дона, то ваҳшат кунад покаш?*
*Напиндорӣ, дил аз асбоб бархезад ба осонӣ.*

Ризои Ҳақ бар ҳама аҳвол муқаддам асту ҷамъияти худ дар ҷамеъи авқот муғтанам.

Рубоъӣ:

*Хоки инсон, ки сад риҷо дораду бим,*
*Бар чеҳра нишаста гарди аҷзаш зи қадим,*
*Гуфтанд: Туро куҷо тавон кардан сарф?*
*Оҳе заду гуфт: Дар бинои таслим.*

Фазли эзидӣ ҷамъияти зоҳирию ботинии эшонро дастгоҳи шукру сипоси бедилон гардонод.

153. ДАР ТАЪЗИЯТИ ШУКРУЛЛОҲХОН, БА ШУКРУЛЛОҲХОНИ СОНӢ, ХАЛАФИ ЭШОН

*Вомондани дил санги нишон кард маро,*
*Гарди дунболи корвон кард маро.*
*Ҳамдӯши рафиқон нагузаштам аз хеш,*
*Бори нафасе чанд гарон кард маро.*

Олам тамошокадае нест, ки аз шарми ибратҳо шӯхии во кардани мижгон бар табиъат ҷоиз тавон дошт ва мазраъе надорад, ки ғайр аз тухми беҳосили ашк чизе ба умед тавон кошт. Дар ҳар чӣ маъмурем, маъзурем ва дар он чӣ мекӯшем, маҷбурем. То нафас боқист, намедонем, чиҳо хоҳем кашид? ва то дида боз аст, ҳайронем, ки чӣ мебояд дид? Мӯри дар қулзум афтодаро шино аҷзошноист ва зарраи бодбурдаро ҷамъият ҳамон бедаступой. Таслим изтирорист[224] ва ризо беихтиёрӣ.

Матлаъи дидоре, ки фирдавс аз гулчинони баҳораш буд, ин замон дар оташ нишондаи ӯйем ва чароғи суҳбате, ки дида дар фурӯғаш ба ҳазор анвор меҷӯшид, алҳол дар доғи дилаш меҷӯйем.

Рубоъӣ:

*Бо дил гуфтам: Ҳайф, назад даври ҷадид*
*Он нашъаи суҳбати найу чангу набид.*
*Нолид, ки он ҷумла ту будӣ, аммо*
*Рафтӣ ҷое, ки боз натвон гардид.*

Ҷамъиятбахши дилҳо соҳиби дилнавози моро ба маъмурии интизоми кори халоиқ масрури шукру сипоси худ гардонод ва аз тафриқаҳои хаёли ҳаводис ба мақоми сабру ҷамъият расонод. Бедили худро ҳама вақт аз муқимони зовияи дуъо шуморанд ва мустаманди аҷзро дар ҳама ҳол саҷдафарсои он остони ниёз ангоранд.

154. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[225]

*Ҳар хирасаре, ки сар зи ҳукмат бартофт,*
*Дигар сари худ ба дӯшу гардан кам ёфт.*
*З-ин ҷост, ки бисмили қазо, ҷуз дили хок,*
*Ҳарчанд ба хун тапид, роҳе нашикофт.*

Баракоти оини маъдалат – муъини дараҷоти фатҳу зафар, майманати тариқи инсоф мумидди[325а] ҷамъияти сайру сафар, замзамаи дуъои фуқаро – муждаи саломати аҳвол, роиҳаи анфоси бедилон – насими олами иззу иқбол.

Байт:

*Дигар мапурсед аз шавқи дидор,*
*Андеша об аст аз шарми изҳор.*

155. МУБОРАКБОДИ ФАТҲ, КИ БА ҲУКМИ БАШОРАТИ ФУҚАРО, АЗ ОЛАМИ РУЪЁ, БА ШУКРУЛЛОҲХОН НАВИШТА ВА УЗРИ ИТНОБИ ТАҲРИР ХОСТА[326]

Рангиниҳои баҳористони футӯҳ, ки хилъатест хоси он пайкари ҷомазеб ва хуррамиҳои чаманистони иқбол, ки оинаест шоистаи он лиқои дилфиреб, ё Раб, ки андешаи ҳароши ҳаводис мабинод ва таваҳҳуми зангори кулфат мачинод.

Ҷамеъи афъоли қудратиштимол офаринишшоди ҷумҳури аном,[327] кулли аҳволи зафартимсол муборакбоди[328] таълими хавосу авом, биннабӣ ва олиҳи алкиром.

Агар дуъои фуқарои оҷизнафас дар ҳаққи карим асари иҷобате дорад, нашъаест аз ламаъоти караммутасоъид[328а] ва агар хаёли бедилони бехабаримаол қосиду пайғоми башорате тавонад буд, ҳақиқате аз хавоси тинати файзмаворид.[328б] Аз он ҷаноб маъзарати тӯли калом мадди эҳсони бениёзист ва инфиъоли итноби

иборат расоии алтофи бедилнавозӣ. Зайли ин силсила расо ва мадди ин эҳсон беинтиҳо. Муъоширони[328в] маҳфили унс таҳният оҳанги замзамаи марҳабо шуморанд ва ғозиёни мавкиби зафар ъаламдорӣ дасти дуъо ангоранд.

156. БА МИР ЛУТФУЛЛОҲХОН, МИР ИНОЯТУЛЛОҲ ВА КАРОМАТУЛЛОҲ

*Шукр имрӯз дар баҳори вифоқ*
*Рангу бӯи шукуфтагӣ баҳаманд.*
*Эй Худо, фазл кун, ки ин гулҳо*
*Ҳама лутфу инояту караманд.*

Агарчи аз муҳаммадиёнем, парастиши солиси салоса[329] имонист ва ҳарчанд аз ваҳдатиёнем, шуҳуди маротиби асмо[330] ирфонӣ. Чароғи фонуси хаёл ламаъоти андешаи ҳузур асту баҳори гулшани тасаввур равоиҳои ёди биҳиштсурур. Масъалати[331] ишрати абадӣ – матоъи қофилаи дуъо ва истидъои[331а] ҷамъияти сармадӣ – сурати оинаи муддаъо. Ҳақ ҷалла ва ъало ғубори тафриқа гирди он аҷзои ҷамъият[331б] магардонод ва натоиҷи рангинӣ ба он глдастаи муҷтамеъфайз расонод.

157. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[332]

*Хуш он матлаб, ки чун оинаи изҳор бардорад,*
*Нафас аз лаб ниқоби ҳасрати дидор бардорад.*

Сомиъаро аз ахбори нусратосор ба сад тасаллӣ нозидан аст ва нотиқаро аз муждаҳои тариқи маъдалат ба ҳазор шукр болидан. Кӯси иқболи ин иштиҳор[332а] офаткамини хамӯшӣ мабод ва сози ҷамъияти ин наво хориҷоҳангӣ мабинод.

158. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[333] ЗАМОНЕ КИ МИР ИНОЯТУЛЛОҲИ ШОКИРХОН ПЕШ АЗ ФАҚИР БА ХИДМАТИ ЭШОН РАСИДАНД

Ҳайратзадаи коргоҳи иттифоқ – Бедили дидормуштоқ ин ҳама шоистагии ҷавҳари вақр надорад, ки ба санги тарозуи ёде тавон санҷид ва он қадар таваҷҷуҳқобили дилҳо нест, ки ба қиммати тазйеъи авқоте тавонад арзид. Вуруди ин як-ду байти ҳолӣ[334] арақи ҷабҳаи бекорист ва вуқӯъи ин хаёли ҳайраттимсол василаи ароизи аҷзосорӣ.

Қитъа:

*Ғайр аз ҳаё чӣ пеш тавон бурд дар арақ?*
*Чун ашк саъйи мо қадам афшурд дар арақ.*
*Бо ин ҳуҷуми аҷз ба ҳар ҷо қадам задем,*
*Хиҷлат бисоти обила густурд дар арақ.*
*Навмеди васл буд дил аз сози инфиъол,*
*Оинаат зи мо ғалате хурд дар арақ.*

Лиллаҳилҳамд, мирсоҳиби иқболмуносиб[335] мавсули таҷалликадаи олами дидоранд ва гулчини мушоҳадаи ҷамоли фирдавсосор. Ё Раб, ки гавҳари умеди бедилон низ ҳамриштаи мунсаликони[335а] он ҷаноб барояд ва дидаи орзу ҳамчашми он накши по парда кушояд.

159. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[335в]

Равоиҳи вуруди навозишнома чӣ ҷонбахшиҳо, ки наменамояд?! ва тасалсули ҷуръаи илтифот чӣ майи хуррамиҳо ки намепаймояд?! Силсилаи анфоси шукриқтибос ба қадри хутуту сутур расост ва оинаи табиъати баҳртинат ба андози партави алтоф тимсолнамо. Воҳиби ҳақиқӣ дар зоти файзоёти соҳиби мо тавфиқе ба вадиъат[335в] гузошта, ки дар ҳеҷ ҳолате аз миръоти ихтиёрафъолуаъмол ғайр аз ҳусни маротиби камол маръӣ[335г] наметавон ёфт, ҷои он дорад, ки дилҳои мухлисон ба хаёлу шуҳуди худ бинозад ва аз муъаммои тасаввури авзоъу атвор ҷуз асмои дараҷоти хайр ба зуҳур намепайвандад, сазовор аст, ки табойеъи хайрандеш ба суҷуди тааммули худ пардозад. Шукри атои табъи салим ҳамон истиқомати[335г] табъи салим аст ва саной иқболи зеҳни мустақим ҳамчунон матонати зеҳни мустақим.

Рубоъӣ:

*Бедил, ҷаҳде, к-аз ъамали бад гуфтан*
*Мутлақ накашад нанги муқайяд гуфтан.*
*Ҳарчанд ки тақдири баду нек аз ӯст,*
*Коре накунӣ, ки бояд аз х(в)ад гуфтан.*

Инояти ҳалилаву ҷадвор[336] шоҳиди осори сиҳҳатпарварист ва далели имдоди шифогустарӣ. Инбисоти табъи ҳавохоҳон кудуратандеши инқибоз[337] мабод ва тафреҳи мизоҷи дуъогӯён самуми мухолафати анфос мабинод.

160. ҶАВОБИ ШУКРУЛЛОҲХОН[338]

*Умрҳо шуд ҳасратам хунгаштаи побӯси туст,*
*Сафҳа мебояд ҳиноӣ кардан аз иншои ман.*

Маншури сарафрозии бедилон[339] аз адами ирсоли ароиз сатри интибоҳе[340] дошт, ҳошо, ки ҷуз поси анфоси адаб дар мазраъи хаёл решаи такоҳуле[341] тавон кошт.

Қитъа:

*Ман, ки ҷуз бо ту напардохтаам,*
*Гар ба худ сохтаам, сохтаам.*[341а]
*Шахсам аз хиҷлати тимсол гудохт,*
*Оина пеши ту андохтаам.*

Ғуборе дар он ҷо бол намеафшонад, ки аз тапишҳои дили ҳасратманзил паёме нарасонад ва насиме ба он ҳудуд намегузарад, ки аз нафаси улфатқафас вадиъати дуъое набарад. Ба доди ҳар мазлуме, ки вомерасанд, илоҷи тазаллуми Бедил аст ва фарёди ҳар шикастае, ки мешунавад, ғайр аз афсонаи ин бенаво, ботил.

Қитъа:

*Шаҳидони вафоро дарси дидорест пинҳонӣ,*

*Саводи ҳайрате дорад баёзи чашми қурбонӣ.*
*Наям навмед, агар гирди сари шамъат намегардам,*
*Пари парвонае дорам ба қадри ранггардонӣ.*

161. БА ШУКРУЛЛОҲХОНИ СОНӢ, ДАР АЗОИ РЕҲЛАТИ ШУКРУЛЛОҲХОН ВА АРЗИ БЕМОРИЮ НОТАВОНИИ ХУД

*Бедил, то кай зи ҷаҳли деринлангар*
*Киштӣ тӯфонасиру сангин лангар?*
*Шуд умру ҳанӯз парфишони нафасӣ,*
*Рақси бисмил кӣ дид бо ин лангар?*

Аз даст рафтани домани давлате, ки силсилаи мувофақаташ дувоздаҳ сол[342] муҳаррики ишратоҳангии сози анфос буд, чашми ибрат якбора бар рӯи идбори танҳоию бекасӣ кушуд. На суҳбати мушфиқе, ки ба илоҷи тафриқаи дил тавон пардохт ва на тоқати ҳаракате, ки ба шуғли сайру сафар тарҳи оворагӣ тавон андохт. Ҳар нафас, чун субҳ, нардбони хаёле мерояд, то ба ин сурат андаке аз худ барояд, пеш намеравад ва ҳар соъат, чун шафақ, ғубори шикасти ранг ба гардун мебарад, то ба ин ваҳшат боле дар худ кушояд, муяссар намешавад. Заъфи дил ба паҳлу нишаста ва ашӯби димоғ дар сар шикаста. Ба шубҳаи ташнагӣ, агар обе то лаби тасаввур орад, тӯфони қиёмат истиқбол дорад ва ба ваҳми гуруснагӣ, агар луқмае ба коми андеша мегузорад, хушкиҳои назъ гулӯ меафшорад. Ёди ғоибон оинадори як олам ташвиши хаёл ва ваҳшати ҳозирон чеҳрапардози ҳазор ранг кулфату малол.

Қитъа:

*Кас ба чунин вартае[342а] фоли чӣ роҳат занад?*
*Маслаху уммеди амн? Маҳшару сомони хоб?*
*Оинаи ибратем, лек ба ҳукми вафо,*
*Дил ба ҳаво бастаем, хонаи улфат хароб.*

162. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[343] ДАР ШУКРИ ИРСОЛИ МУРАББО

Шукри атийёти мураббо аз ҳар буни мӯи мустамандон забоне эҷод мекунад, ки ҳаргиз ба саъйи забти нафас талхии нанги хомӯшӣ натавон кашид ва ҳарчанд лаби ҷуръат бар ҳам бандад, шӯри қивоми[344] ширинии сано баландтар хоҳад шунид. Ҳар ҷо моидаорои наъмои тараб ҳастанд, ҳаловати ёди бедилон ба ком ва ҳар куҷо зоиқапардози шаҳди ишратанд, чошнии шавқи ҳақиқӣ ҷовидқивом.

Байт:

*Бар ту бикшояд Худой ҳар ниҳону ошкор*
*Кӯчаи Мисри ҳаловат аз Ҳарӣ то Ҳардвор.*[345]

163. БА ЗАЙНУЛЪОБИДИНИ АҲМАД, ДАР ҚАБУЛИ НИЁЗИ[346] ЭШОН

Рафъи инқилоби ҳар давре ба зоти истиқоматоёти собитқадамони тариқи вафо вобаста аст ва ҳалли мушкили ҳар бедаступое дар камини ишорати шафқатнигоҳон нишаста. Дар ин авқот, ки арсаи ахлоқ аз фишори дилҳои танг он сӯи тахайюл бисоти вусъат чидааст[346а] ва тимсоли умеди якдигар яққалам бо сафои оинаи мурувват аз миён парида, ғуборе бар фарқи олам нашикаста, ки касе чашм ба ҳоли шикастае тавонад кушуд ва шӯри қиёмате дар гӯшҳо нанишаста, ки димоғи шунидан ба фарёди бенавоии вафо тавонад намуд. Шукри ин неъмат, ки аз фаромӯшони хотири тараҳҳумманозир нест, то куҷо ба ҷо орад? ва сипоси ин атия, ки нақши ҳошиянишинони хаёли эҳсонмаол аст, ба кадом иборат вонигорад? Дар қабули инъоми амим ба ҳукми итоъатҳои қадим сар бар хати амр гузоштан аст ва дасти дуъое, ки пайваста дар ҳавои таслим баланд аст, ба таҷдиди таъкид бардоштан. Нигоҳи улфатпаноҳ моили сайри тағофул мабод ва гӯшаи абрӯи таваҷҷуҳ чини туҳмати инҳироф мабинод.

164. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[347]

*Дил фатҳу даст фатҳу назар фатҳу кор фатҳ,*
*Гулҷӯши ҳар нафас заданат сад ҳазор фатҳ.*
*Ё Раб, чу офтоб ба ҳар ҷо қадам занӣ,*
*Гарди раҳат, чу субҳ, кунад ошкор фатҳ.*

Дар ҳар мақоме, ки муқиманд, тазалзул ботил ва ба ҳар коре, ки машғуланд, амри эзидӣ шомил. Ба ҳусули ҷамеъи муродот дуъои бедилон оинадори иҷобат ва ба вусули кулли мақосид анфоси ҳавохоҳон насими муждаи қаробат. Инналлоҳа қарибун муҷиб.[348]

165. БА ЧИНҚИЛИЧХОНБАҲОДУР, ДАР ҶАВОБИ ИСТИДЪОИ АШЪОР[349] ВА ТАМСИЛИ МИСРАЪИ ЭШОН

Лиллаҳилҳамд, ниёзи[350] фуқарои бедил ба оинадории қабули он ҷаноб[350а] ҳусни иқболе пардохт, ки туҳфаороёни бисоти аҷзро ба он васила то ҳашр қадри бебизоъатӣ бояд шинохт. Аз муқайядони силсилаи карамтаъсирем ва мусаххари ахлоқи офоқтасхир. Ба таҳқиқ пайваст, ки мисраъи «Фитроки сайдафкани мо бешикор нест»[351] осори мароҳим дар тааммули ашъори камолотанвор ишъоре дошт. Ҳошо ки қалами матонатрақам дар тариқи сабот лағзише паймояд ё муттаҳами инҳирофе барояд. Магар ба муқтазои каммашқӣ ва бепарвоӣ дар ин ҳама мазомини тароватоин ду-се нукта ташнаи вузӯҳ буд, ки маъруз доштанаш ба шодобии килки таслимсилк имдоди ҷуръат фармуд. Таъйиди фазл дастгоҳи маъниэҷодӣ ба рутбаи камол расонод ва бедилони муштоқро мамнуни самоъи дараҷоти маъориф гардонод.

166. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[352]

Хор-хори саҷдаи он остон бар саропои таманнокеш хуҷуми шавқе нагумошта, ки калиди қуфлҳои маъзарати обилапоӣ нашавад[352а] ва ба ҳавои гулшани дидор дар тасаввуркадаи орзу ҷӯши нумӯе накошта,[352б] ки гаравтозии решаи мижгон пеш-пеши саъйи нигоҳ надавад. Арақи шарм ба ҳамъинонии асар, ки мавъуди[352в] ғуборнишониҳои роҳи ниёз аст, ба андак интизорӣ ишора мефармояд, умед ки то ғурраи моҳ сурати ин ваъда аз оинаи лиқо равшан намояд.

167. БА МИР АБДУССАМАДИ СУХАН[353]

Рангинии баҳори сухан лоязол[353а] бод!

Вуруди илтифотнома ба ишъори[353б] сеҳрбаёниҳои ашъор соғари кайфияте намепаймояд, ки шавқи дидорпараст ғайр аз шуҳуди ҷамол чашм ба имтиёзи хаёл кушояд. Хушкии димоғи ҳайратсуроғ ба чашмаки роиҳаи бодоми парварда[353в] бисоти афсурдагиҳо дарнавардид ва тариҳои мизоҷи мунфаъил ба иқболи шамомаи фӯфил[354] оинаи баҳори эътидол гардид.

Фард:

*Номаат оинае дорад, ки то во мешавад,*
*Дастгоҳи олами дидор пайдо мешавад.*

Маъниогоҳо, шикасти шишаҳои эътибор бисоти ибрате начидааст, ки шӯхии нигоҳ беруни мижгон сарфаи қадаме тавонад бурд ва инқилоби авзоъи имкон шӯрише ба ҷунун наёварда, ки ғайр аз забти нафас нақди ҷамъияте тавон вошумурд. Агар ба улфати ин ваҳшиён[355] напардозем, дар олами таъаллуқ ваҳшати танҳою бекасиро чӣ илоҷ? ва агар бар хаёли якдигар доман афшонем,[358] умеди дурӯза истиқомат ба қуввати кадом ихтилоту имтизоҷ?

Мисраъ:

*Ишқ аст, ба ҳар ранг ки мебояд зист.*

**<u>Ду руқъа дар пеши азизе, ки пеш аз ин ба таҳрир омада буд, ба назар даромад, дохили «Руқаъот» намуд.</u>**

(168). ИН РУҚЪА НАСР ДАР НАЗМ АСТ, АММО НАЗМ БИЛОҚАЙДИ МАЪНӢ

Соҳиби ман, дар орзуи муло/замат дил на он қадар бето/битироз асту дида ҳайратсоз, ки ба саъйи забони хома баё/наш тавон кард ё ба кӯшиши таълими таҳрир инҳисори мато/либҳо метавон намуд. Охир ба ҳамин вазъ инкисоре до/рад. Ҷабини ниёз вақфи суҷуд карда ва дасти аҷз сарфи дуъо сохта, субҳу шом аз даргоҳи чорасози ҷаҳониён мутақо/зист, то давлати ҳузури висол ба дил орад фараҳ, ба дида ҷило.

(169). РУҚЪАЕ БЕ ТАКАЛЛУФ НАЗМ ВА НАСР ДОРАД

Нусрату фатҳ қарини аҳвол/бод бо давлати иззу иқбол,/ мавкиби файзиливои ҳашмат чун инони шарафи ҷоҳу ҷалол/ҷониби Агра[357] маътуф намуд, ҳамгинонро қадами истиқбол/афсар фарқи саъодат гардид, то ҷаҳонро асари нақсу камол/ бошад, Эзид бакамоли алтоф зумраи аҳли ҳасадро помол/дорад ва фирқаи хайрандешонро амн бахшод аз ошӯби вубол,/ ин яке дар канафи[358] файзи азал роҳат андӯзаду он дарду малол.

170. БА МАВЛОНО АБДУЛЪАЗИЗИ ИЗЗАТ[359]

Тарроҳи маъмураи ҳарами дилҳо, ходими[360] асоси ҳирсу ҳаво ҳамвора мавсули вусули давом дорад. Соликан ва восилан[360а] ду-се мисраъи сода,[361] ки алҳол дили савдомаол тарҳ карда ва килки видодсилк[362] дар иҳотаи доми мистар даровардa, тамаъ дорад, ки дар даргоҳи мутолаъаи ислоҳоро ҳамсилки гавҳари камол гардад.

Ғазал:

*Дил агар маҳви муддаъо гардад,*
*Дард дар коми мо даво гардад.*
*Туъмаи дард агар расад дар ком,*
*Ҳар магас ҳамсари ҳумо гардад.*
*Маҳви асрори турраи ӯро*
*Раги гул доми муддаъо гардад.*
*Гар сиголад видоъи силки ҳавас,*
*Гираҳи дил гуҳардо гардад.*[363]
*Гусилад гар ҳавас салосили ваҳм,*
*Кӯҳу саҳро ҳама ҳаво гардад.*
*Маҳв гардад саводи мисраъи сарв,*
*Мадди оҳам агар расо гардад.*
*Мову эҳроми оҳи дардолуд,*
*Ҳам ҳаво гардро асо гардад.*
*Дили осуда ку? Магар васвос*
*Гираҳ орад, ки доми мо гардад.*
*Дар тулӯъи камоли Бедили мо*
*Моҳ дар ҳолаи Суҳо*[364] *гардад.*

171. БА ШОКИРХОН, ДАР АРЗИ НАҚОҲАТИ[365] ОЗОРИ ДАСТ

*Хаёли норасотоқат ниёзандеши иншо шуд,*
*Суҷуди хомае лағзиду сатре чанд пайдо шуд.*

Ҳақиқатшиносо, агар таманнои дидорро васила наяндешад, муддате ба машқи шино бояд пардохтан, то ба арақи шарми фузулӣ дасту пое, ки надорад, даъвии талош пеш тавонад бурд ва агар ба сабри авзоъи нокасӣ пардозад, саъйи беҳиссӣ зарур аст, то шарарворе дар табъи санг ба такаллуф бояд афсурд.

Рубоъӣ:

*То чанд бад-ин ҳастии ғоратбурда*
*Мебояд зист беҳису афсурда?*
*Хиҷлаткаши туҳмати зуҳурем абас,*
*Чун нохуну мӯ на зиндаву на мурда.*

Имрӯз ба ин миқдор, ки мақдури ҷунбиши хома дар сарпанҷаи тахайюл мушоҳада менамояд, баландиҳои яди қудрат ъалами мубоҳот бармедорад ва ба қадри тоб додани ноли қаламе, ки дар банони[366] тоқат маҳсус мебинад, ғурури рустамӣ шохи гови замин аз бех мебарорад.[366а] Ба тафсили ошуфтаҳолӣ, ки бедилон аз ин олам ҳазор шуъба дар нафас муҳайё доранд, мусаддеъи[366б] соҳибдилон наметавон гардид. Дасти нотавонон ба дуъои ҷамъияти он ҷаноб баланд ва забони бенавоён ба санои иқболи он зот улфатпайванд.

172. БА МУЛЛОБОҚИРИ ГЕЛОНӢ (мактуби бенуқта)

*Ҳар дам ҳавас олудаи сад саҳро гард,*
*Ҳар ламҳа[367] дил омодаи сад олам дард,*
*Дар даҳр, ки гул карда саросар васвос,*
*Дорам саҳаросо ҳама оҳу дами сард.*

Ҳасри ҳудуди тӯли амал дар иҳотаи идрок ъамали муҳол ва ҳамли[368] давоми умр дар дили огоҳ воситаи гарди малол. Ҳар кас сар дар муҳоватаи[368а] олами мавҳум даровáрда, маоли кор рӯ дар роҳи адам карда. Тарҳи асоси маъмураи даҳр дар гарди саводи адам маъмур ва аҳли олам ҳама дар эҳсоси ҳавову ҳавас масрур. Матлаъи атвори салоҳу садод[369] дар савдокадаи ҳирсу ҳасад маъдум, улувви камоли идрокҳо ҳасри масолеҳи исму русум. Маҳмили ороми дилҳо саҳрогарди маслаки васвос, роҳилаи ҳимам[370] гардолуди арсаи ваҳму ҳарос. Илмҳо маҳв дар атвори русум ва ҳосили мардуми олим маълум. Ҳамаро дарси сулуки атвор мавкул[371] дар дарки ҳусули асрор. Ҳар гоҳ одами комил видоъи васвасаи авҳом кард, маҳрами асрори карам омад ва агар сувари мавҳумаро дар дил роҳ дод, мавриди дарду алам.

Килки илҳомсилк дар аҳволи суъадо[372] ва акси кирдори сулаҳо дар ду-се сатр гувоҳ оварда ва тӯмори видоъи авҳомро во кард. Ва огоҳ кард, ки ҳар кас аҳкоми муддаъо ҳамвора дар ҳусули муроди мардум гуморад, гумроҳ ва ҳар киро имдоди кори аҳли расм дар икроҳ[373] дорад, огоҳ. Ҳосилуламр, агар исми молики вадуд[374] вирди ҳол кард, комгори толеъи масъуд ва агар сар дар роҳи ҳавову ҳавас суд, дар ҳарду саро маҳруму мардуд.

Маснавӣ:

*Ваҳмҳо дар камоли мудрика[375] кам,*
*Маслаки мо ҳавасмаоли адам.*
*Ҳирс дар кору умр маргэҳром,*
*Дили осуда ку? Кадом ором?*

*Вассалом.*

173. БА ШУКУРУЛЛОҲХОН, ҲАНГОМЕ КИ ФАҚИР АЗ МАТҲРО БА ДЕҲЛӢ РАСИД ВА НАВВОБ ОҚИЛХОНРО[376] ДИД

Умрест саводномаи утуфатшамома дидаи интизорро ба сурмаи илтифоте мунаввар насохта ва паёми хайриятанҷом гӯши маҳомидниюшро ба замзамаи марҳамате нанавохта. Мавонеъ ҷуз бениёзиҳои шеваи иноёт мабод.

Байт:

*Ба аҳволи мани бедил касе дигар чӣ пардозад?*
*Зи бас беҳосилам, аз хотири худ ҳам фаромӯшам.*

Фарёдрасо, ба ҳасби инқилоби аҳволи олам, хоса таҳлукаи навоҳи Исломобод,[377] ки дар ин айём поси номуси соҳибқудратон ҳам дар он сарзамин бетаъаззуре[377а] нест, то ба ғурабои бедаступо чӣ расад, муъованати фазли эзидиро шомили ҳоли ҳайратмаол андешида, бо пошикастае чанд,[378] ки бори гардани зиндагианд, рахти саломатӣ берун кашд ва бисту ҳафтуми ҷимодиулохир[379] дохили дорулхилофат[380] гардид. Боре саъодати зиёрати Каъбаи таҳқиқӣ[381] бар фарёди саргаштагиҳои водии нуҳусат расид ва ба мусоъадати замони фурсат дар ҳафтае як рӯз мавъуди[381а] таҳсили саъодат асту манзури алтофу марҳамат. Расоиҳои сарриштаи омол, ки анфоси мавҳумаро бо печутобаш пайванди беихтиёрист, ба уқдаи ин савдо кашида, ки ҳарчанд ризқи муқаддар дар ҳама ҳол ва ҳама ҷо муъайян ва муқаррар аст, аммо ошёни ҷамъияти парешонӣ мафқуд ва номуяссар.[381б] Агар дар ин савод мавзеъе канори дарё ё лаби наҳр ба суҳулат дари иттифоқ кушояд, потақяе[381в] ихтиёр намояд ва мобақии муддати муҳлате, ки аз назари яқин мухтафист, бе ташвиши тағйири макон[381г] ба сар барад. Ва агар аҳёнан толеъи бедилӣ аз даври аслӣ барнагардад, домани «арзуллоҳу восиъатун»[382] занҷири пои ҳарзаҷавлонӣ нест.

Байт:

*Мадди умрам,[382а] чун нигаҳ, Бедил, ба ҳайронӣ гузашт,*
*Гӯшаи чашме нашуд пайдо, ки ҷо пайдо кунам.*

Аз ҳасратҳои гиромидидор чӣ арз намояд? ки парвози мижгон ба ҳукми норасоӣ ҳамон муҳтоҷи тапидан асту ҷавлони ашк ба муқтазои нотавонӣ ҳамчунин мунтазири чакидан. Бе такаллуф, дар ҳавои маҳфили ишфоқманзил роҳе ба тасаввур мепаймояд ва дар ёди остони ахлоқошён ҷабҳае ба хаёл месояд. Дар ҳар ҳол оҷизнавоӣ қонуни арзи дуъосту шикастаболӣ парвози изҳори сано.

174. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР АРЗИ АҲВОЛИ МИЁН лАЪЛМУҲАММАД,[383] КИ АЗ ҒАЙРАТИ ҲУКУМАТИ ДУНОН ХУДРО КУШТ

Хамидагиҳои авзоъи таслим пирояи дӯшу гардани даъвост ва шикстагиҳои атвори ниёз сармояи ҷайбу домани таманно. Дар ин айём, ки ифроти ҳарорати фасл моили сози эътидол гардида ва шӯхиҳои самум ба шабнами арақи инфиъол расида, табиъати дидормуштоқ маҳмилорои бетобист ва ҳайрати оинаи орзу тапишкисвати симобӣ. Аммо аз истимоъи таваҷҷуҳи қудратиштимол, ки моили харқу истисоли шаётини роҷпутия[384] аст, фурсати интизориҳои навиди муроҷаъат андаке домангири тааммул мегардад. Умед, ки муждаи рафъи ин ғубор шавқи саропоинтизорро ба сарманзили вусул роҳ намояд ва дидаи лиқопарастро ба матлаъи олами дидор ҳидоят фармояд.

Маънипаноҳо, ба арз расида бошад, ки чароғи маҳфили ахлоқ миён Лаълмуҳаммад, ба ҳукми доманфишониҳои фарсати анфос, кисвати фонуси хафо пӯшид ва баҳори дидафиреби он чаманистони ишфоқ бо шикасти ранги эътибор ҷӯшид. Ҳарчанд шахси зиндагитимсоли фано аз оинаи зуҳури ҳар кас бе воситаи аворизи асбоб ҷилвагар аст, аммо диққати тааммулро дар вуқӯъи осори ин кайфият[384а] ғубори сабабе дар назар. Ин ҷо он чӣ маълуми назокатогоҳони маънии таҳқиқ гардид, ғайр аз ин ҳақиқат ба инкишоф нарасид, ки табаъияти[384б] ноқадрдонон шиканҷаи марги соҳибдилон мебошад ва итоъати ноқисон далели фанои комилсифатон. Дар ҳама ҳол зиндагии мавҳум ба қабули таҳаккуми дунон намерзад, зиёда ҷуз суҷуди таслиму ризо чӣ варзад?

Қитъа:

*Магӯ, гузаштарафиқон зи дил фаромӯшанд,*

*Кадом нола, ки дар пардааш намеҷӯшанд?*
*Чароғи анҷумани ҳайрати назар буданд,*
*Кунун ба пардаи дил доғҳои хомӯшанд.*
*Нарафтаанд аз ин базм, то сухан боқист,*
*Зи дидарафта ҳарифон ҳанӯз дар гӯшанд.*[385]

175. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[386]
*Чун ҳилолам бе хами таслими он ахтарҷабин,*
*Ғӯта дар хатти ҷабин зад, баски шуд лоғар ҷабин.*
*Ё Раб, ин миқдор бетоби суҷуди кистам?*
*Мечакад умрест, чун шамъам, зи чашми тар ҷабин.*

Худовандо, агар тараҳҳуми аҳволи бедилон манзури ҷаноби бениёзист, ҳавои он остони файзнишон аз сари мо вомагир ва агар раҳмат баҳонаҷӯст,[387] дар ҳаққи ҷамъиятмансубони он анҷуман дуъои мо ҳам бипазир. Сиҳҳату ишрати ҷовид қарини авқоти саъодатоёт ва иззу иқболи давом тавъами улувви муносибдараҷот бод.

176. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[388]
*Имрӯз ба ёдем тасаллӣ, чӣ тавон кард?*
*Моем, ки рӯзе ду аз ин пеш ту будем.*

Ҳасрати дидор нақше нест, ки аз сафҳаи андеша тавон зудуд ва орзуҳои висол сурате надорад, ки ҷуз тимсоли он дар оинаи тасаввур тавон намуд. Агар хомӯшем, хаёл мутаранними замзамаҳои саност ва агар гӯем, нотиқа машғули маротиби дуъо. Ҳеҷ сурате бе шуҳуди осори шафқат тахайюл нанамоянд ва ҳеҷ ҳолате бе ҳузури анвори иноят тасаввур нафармоянд.

177. БА ОҚИЛХОН[389]

Ба таваҷҷуҳободи қиблаи ҳақиқӣ василаи дуъои маҳрумон дастест, ки аз шарми нокасӣ, бар рӯи изҳор кашидаанд ва Хизри умеди гумгаштагони мутаҳаййир пойе, ки аз хиҷолати беҳаракатӣ, ба домони норасоӣ печида, Вусъатоғӯшии дарёи раҳмат ҷуръатомӯзи қатраи бедаступо мегардад, ки шайх Алоуддини Мутаваккил,[390] ба иллати беинсофии шурако, бо вуҷуди машқи инзиво, масдари таъабу ташвиши куллист. Агар ҳасбуламр мансубе аз остони маъдалатошён ба иттилоъи аҳволи мумийилайҳ[391] форуқи ҳаққу ботил гардад, аз мароҳиме, ки сояафкани мафориқи ғурабост, баъид нахоҳяд буд. Зиллукум мамдуд бод.[392]

## ТАВЗЕҲОТ ВА ШАРҲИ ЛУҒОТ

235. Мавҳибӣ – худодод
236. Авотиф - ҷамъи отифа, яъне илтифоту шафщат.
237. Мутасоъид – болораванда, баландшаванда
238. Балабан – як навъи соз, ки онро бо лаб навозанд.
239. Он сарзамин – ишора ба шаҳри Матҳрост, ки Лаълмуҳаммад ҳокими он буд
240. Хони баҳодурлақаб – ҳокими Илоҳобод Ҳимматхони Баҳодур дар назар аст.
241. Аҷмир – шаҳрест дар штати имрӯзи Роҷистон.
242. Хони истиғнонишин – Ҳимматхони Баҳодур.
243. Макорими ахлоқ – макорими ахлоқи миён Лаълмуҳаммад.
244. Толиби Омулӣ (1580-1627) – яке аз бузургтарин шоъирони форсизабони Ҳиндустон, муаллифи девони ашъор, маснавиҳои «Сузу гудоз», «Қазову қадар» ва «Ҷаҳонгирнома».
245. Мамдуҳи арбоби камол – ишора ба Лаълмуҳаммад.
245 «а». Ба ин тақриб – ба ин муносибат.
246. Рафеъхони Бозил – яке аз амирон ва шоъирони намоёни аср. Асли Бозил аз Машҳади Эрон аст. Ӯ дар Шоҳиҷаҳонобод ба дунё омада, дар ҳамон ҷо ба камол расидааст. Бозил ибтидо дар хидмати хоҳарзодааш шоҳзода Муъизуддин Ҷаҳондоршоҳ (вай 1124/1712) буд. Баъдҳо фавҷдори Бониси Барелӣ ва қалъадори Гволиёр шуд. Пас аз вафоти Аврангзеб (1118/1707) аз корҳои давлатӣ даст кашида, дар соли 1123 (1711-1712) дар Деҳлӣ даргузашт.

Бозил чун шоъири намоён низ шуҳрат дошт. Ӯ илова бар эҷоди ашъори лирикӣ «Меъроҷуннубуват» ном асарро ба риштаи назм кашидааст, ки бо номии «Ҳамлаи ҳайдарӣ» маъруф аст. Ин асар бар вазни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ иншо гардида, наздик ба 45 ҳазор байтро дар бар дорад.
247. Лоятаноҳӣ – бекарон, бепоён.
247 «а». Аьиббо - ҷамъи ҳабиб.
248. Бӯтанишини гудози ташвир – Бӯта – зарфи ки дар он филизоти гуногун, масалан, тилло ва нуқраро гудозанд. Ташвир – шарму хиҷолат.

249. Таъзир (бо зол) – узр овардан, баҳона ҷустан.
250. Нашъа – ба маънии айём, замон.
251. Мир Сайидмуҳаммад –
252. Мирзо Рӯҳуллоҳ – ин шахс, зоҳиран, бародари Мирзо Ибодуллоҳ аст. (Ниг. ба тавзеҳи №88).
Яъне Мирзо Рӯҳуллоҳ низ писари тағоии Бедил аст.
253. Отифат – лутфу меҳрубонӣ.
253 «а». Бедил – дар ин ҷо ба маънии тарсу ва буздил.
254. Исғо (бо сод) – гӯш ниҳодан, шунидан.
255. Сарчашмаи олами иштиёқ – ишора ба худи Бедил аст.
255 «а». Истеҳқоқи тараҳҳум – сазовори тараҳҳум.
256. Наменамоянд ва намефармоянд – ишора ба Мирзо Рӯҳуллоҳ ва Мирзо Ибодуллоҳ.
256 «а». Анбоштан – пур кардан.
256 «б». Муқими анҷумани тасвир зистан – яъне хомӯш ва бесухан будан.
256 «в». Тахфифи тасдеъ – сабукии дарди аср.
256 «г». Хамирмоя – ба маънии хамир кардан, омехтан.
257. Маъҷун – ҳамроҳи кардан, бо ҳам созиш додан.
258. Мавлоно Абдуъазизи Иззат – ин шахс бо номи шайх Абдулъазизи Иззат низ маъруф аст. Ӯ дар соли 1631 дар Акбаробод ба дунё омада, дар ҳамон ҷо касби камол кардааст. Баъдтар ба дарбори подшоҳи вақт Аврангзеб роҳ ёфта, аз рӯзи аввал мақбули назари подшоҳ гардид ва дар муддати шаш моҳ ба мансаби ҳафтсадӣ расид. Ба қавли муаллифи тазкираи «Миръотулхаёл» Шерхони Лудӣ «борҳо бар забони муборакӣ подшоҳ гузашта, ки моро дар муддати салтанат беҳтар аз ин шогирде ба даст наёмада буд».
Муаллифи тазкираи «Ништари ишқ» Ҳусайнқулихони Ошиқ навиштааст, ки Аврангзеб мехостааст, ки Иззатро вазири аъзам таъин кунад. Аммо марги бармаҳали Иззати, ки соли 1089 (1678-1679) иттифоқ афтод, монеъи ин тасмим гардидааст.
Мероси илмӣ ва адабии Иззат иборат аст аз чанд рисолаи илмӣ, чун «Футуҳулъазиз», «Дар исботи воҷиб», девони ашъор ва соқиномаи кӯчаке дар ҳаҷми 60 байт.
Муаллифи «Сафинаи Хушгӯ» Биндробандоси Хушгӯ аз оғози фаъолияти Бедил сухан карда, навиштааст, дар он вақт машқи сухан карда, навиштааст, дар он вақт машқи сухан дар хидмати Абдулъазизи Иззат менамуд.
258 «а». Сазояш – сазои ғофил шудан аз он даргоҳ.
258 «б». Мақоми маълуф – мақоми асосӣ, мақоме, ки бо он унс гирифтаанд.
258 «в». Мушти ғубор – ишора ба шахси худ.
259. Роёти олиёт – роёт – ҷамъи райат, яъне ъалам, байрақ, ливо. Олиёт – ҷамъи олия, яъне олӣ.
260. Сафед шудани чашм – нобино шудани чашм. Чашм сафед кардан – киноя аз тамаъ кардан. Мутарассд – мунтазир ва умедвор.
261. Удда (бо айн) – чизҳои зарурии зиндагӣ, лавозими маъош, асбобу анҷоми ҳарбӣ. Дар ин ҷо ба маънии охир аст.
262. Долиҳои анбаи наботӣ – сабадҳои анбаи ширин.
263. Тарбузҳои ҳанзалӣ – як намуди тарбуз, ки мағзаш талх бошад. Муаллифи «Ғиёсуллуғот» навиштааст, ки «ҳанзал самари гиёҳест ба шакли харбуза, лекин кӯчактар аз он, бағоят талх бошад».
263 «а». Тубӣ – тубо, дарахтест дар биҳишт, ки гӯянд: ба ҳар хона аз аҳли биҳишт шохе аз он расад ва меваҳои гуногун, аз ҷумла, меваҳои талх ва хушбӯ дорад. Шакли аслии ин калима «тубо»-ст. Вале форсиён гоҳе дар шакли «тубӣ» низ хонанд. Ишфоқ – меҳрубонӣ.
264. Бисоти сислсилаи вифоқ аз Лоҳур то Деҳлӣ орост – яъне воқеъаи хуше, ки дар Лоҳур ба амал омад, то ба Деҳлӣ идома ёфт, Ишора ба воқеъаи издивоҷи Шокирхон, ки дар Деҳлӣ ба миён омада будааст.
265. Хони Карамъунвон – ишора ба Шокирхон.
266. Ҳамдами базми Карамуллоҳхон – ин мисраъ ва мисраъи аввал моддаҳои таъриханд, ки аз ҳар кадомашон санаи 1115 (    ) бармеояд, ки таърихи воқеъ шудани издивоҷи шахси мамдуҳ аст.
Дар «Руқаъот»-и нашрҳои Лакҳнав ва Кобул ба ҷои калимаи «ҷовидон»-и мисраъи аввал калимаи «ходамон» омадааст, ки ғалат аст. Дар ин сурат рақами моддаи таърих нисбат ба рақами матлуб чансад адад зиёд мешавад.
Дар нашри Сафдарии куллиёти шоъир ва нусхаи хаттии №822 китобхонаи миллии ба номи Фирдавсии Тоҷикистон ба ҷои калимаи «ходимон»-и Лакҳнаву Кобул калимаи «ҷовидон» аст ва ҳамин вариант саҳеҳ мебошад, ки ба адади модда таърих мутобиқат мекунад.
267. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони аввал.
268. Мумтаҳан – имтиҳоншаванда.
269. Тақриб – ба маънои муносибат.
270. Оқилхон – Оқилхони Розӣ. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони аввал.
270 «а». Ин саҷдазор ва ин таслимобод – ишора ба номае, ки ирсол мешавад.
271. Отифат – меҳрубонӣ, илтифот.
272. Хонсоҳиби ихлосманоқиб – ишора ба Шукруллоҳхони аввал.
272 «а». Ошёни ҷамъияте муқаррар аст ва обу дона муяссар – ин ҷо ишора аст ба лаҳзае аз ҳаёти шоъир: Бедил, ки дар соли 1096 (1685) дар шаьри Матьро (Матьураи имрӯза) тарки хидмати ҳарбӣ намуда, ба Деҳлӣ омад, ба Шукруллоҳхон, ки ҳокими шаҳри Сикандарободи атрофи Деҳлӣ буд, номае навшта, аз ӯ хоҳиш намуд, ки барояш дар шаҳри Деҳлӣ хонае бихарад (мактуби №    ). Шукруллоҳхон дар беруни Деҳлӣдарвоза, дар соҳили дарёи Чамна барои ӯ хона харид ва ду рупия явмиа низ барояш муқаррар кард. «Ошёни ҷамъияте муқаррар асту

обу дона муяссар» гуфтани шоъир ишора ба ҳамин воқеъа аст.
272 «б». Файзи суҳбатҳо – суҳбатҳо бо Оқилхони Розӣ.
272 «в». Он остон – остони Оқилхон.
273. Хони саъодатъунвон – ин ҷо низ ишора ба Шукруллоҳхони аввал аст.
274. Тилисми ҳайрат – нигар ба тавзеҳи №4.
274 «а». Ба сайқалии таҳрир зудуда – Бедил вақте ки маснавии нахустини худ «Тилисми ҳайрат»-ро ба Шукруллоҳхон ирсол намуд (мактуби №1), Шукруллоҳхон пас аз мутолаъаи маснавӣ, ба мақсади дарки беҳтари матолиби асар, барои бахшҳои алоҳидаи он унвонҳои манзум иншо намуд. Ин унвонҳо дар якҷоягӣ мазмуни мухтасари маснавиро инъикос менамоянд.
275. Мирзо Сулаймон – яке аз амирони аср, тағоии подшоҳи вақти Ҳиндустон Муъизуддин Ҷаҳондоршоҳ (1712-1713). Бино бар қавли муаллифи тазкираи «Миръоти воридот» (таълиф 1146 (1733-1734) Муҳаммадшафеъ Вориди Теҳронӣ, Бедил аз соли 1079 (1668-1669) то соли 1081 (1670-1671) дар ҳузури ҳамин амир хидмат кардааст. Бедил дар таърихи вафоти ин шахс, ки санаи 1090 (1679-1680) аст, рубоъие навиштааст, ки инак иқтибос мешавад:

*Мирзои сулаймонлақаби дарёдил,*
*Чун кард ба мулки ҷовидонӣ манзил,*
*Аз хомаи ҳайратрақами Бедил рехт*
*Таърихи вафоти ӯ «ба ҷаннад дохил» (1090).*

276. Тури маърифат – ниг. ба тавзеҳи №138.
Оқилхон – Оқилхони Розӣ.
276 «а». Маътуф – рӯй овардан, таваҷҷуҳ кардан, майл намудан.
277. Хонсоҳиби ҳақоиқмаротиб ва марҷаъирфони маъонимуносиб – ишора ба Шукруллоҳхони Хофист.
277 «а». Ҷаноби хулдинтисоб – мақоми хулдмонанд.
278. Ариза – мактуб. Хони ахлоқнишон – яъне Шукруллоҳхони Хофӣ. Изҳори ҳақиқати шаъну нузулаш мавқуфи аризаи хони ахлоқнишон аст – яъне дар хусуси ҳусну қубҳи «Гулгашти ҳақиқат» Шукруллоҳхон дар номаи хеш ба Шумо хоҳад навишт.
279. Оқилхон – Оқилхони Розӣ.
279 «а». Сарфа – ба маънии суд, баҳра ва фоида.
280. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
280 «а». Сар бар хат гузоштан – таҳрир кардан, навиштан.
281. Мими муддаъо – ибтидои муддаъо, оғози муддаъо.
281 «а». Тасаввур мекунад – яъне Бедил тасаввур мекунад.
282. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
283. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
Гули зард – унвони собиқаи маснавии «Тури маърифат» (ниг. ба тавзеҳи №138).
284. Норнавл – минтақаест дар байни Майвот ва Деҳлӣ.
285. Фасд (бо сод) – амали рагзанӣ, амали хунгирӣ.
286. Сомӣ – найчаи хунгирӣ.
287. Мусҳил – доруе, ки меъда ва рӯдаҳоро тоза кунад ва нопокиҳоро аз шикам барорад.
288. Яксаду панҷоҳ гул – яъне яксаду панҷоҳ байт.
288 «а». Мутарассид – нигарон, мунтазир. Мустаъид – омода.
289. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
289 «а». Азмина ва амкина – ҷамъи замон ва макон.
290. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
290 «а». Мушъир – хабаррасон, огоҳкунанда. Нашид – суруд.
290 «б». Саллохии забиҳа: саллохӣ – сар буридан ва пӯст кардани чорво. Забиҳа – гӯсфанди забҳшуда, чорвои сарбурида.
291. Мев – яке аз қавмҳое, ки дар Майвот мезистанд.
291 «а». Шарҳа- пораи гӯшт, қитъаи гӯшт.
292. Нарука – қавми дигаре аз қавмҳои Майвот.
292 «а». Хунҳои ҳадар – хунҳое, ки рехтани онҳо ҷоиз аст.
293. Палорак (палорук) – шамшери ҷавҳардор.
294. Бахшӣ – сардори умури дарбор. Баҳодуршоҳ – Шоҳиъолам Баҳодуршоҳ, подшоҳи вақти Ҳиндустон, ки аз соли 1119 (1707) то соли 1124 (1712) салтанат кардааст.
Мирзо Суҳроби Равнақ – дар хусуси ин шоъир маълумоти дақиқ дар даст нест. Аз номаи Бедил ҳамин қадар фаҳмида мешавад, ки ӯ соҳиби назмҳои матин ва насрҳои рангин будааст.
294 «а». Мустаъид – сазовор, арзанда.
294 «б». Далелинтисоб – далолаткунанда, роҳнамо.
294 «в». Ҷаноби хуршединтисоб – мақоми олӣ, мақоми чун мақоми хуршед баланд.
294 «г». Тафаққуд – ҷӯё шудан, дилҷӯӣ кардан, таваҷҷуҳ кардан.
295. Ба Қайюмхон – дар нашрҳои Лакҳнав ва Кобулии куллиёти Бедил унвони ин нома «Ба Футувхон» аст. Ин ном, ғайр аз дар ҳамин нома, дар дигар номаҳои шоъир ба чашм намерасад. Дар нусхаҳои хаттии «Руқаъот», аз ҷумла дар нусхаи №822 Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсии Тоҷикистон ва нусхаи №2559 Институти

шарқшиносии АИ Тҷикистон унвони нома «Ба Қайюмхон» аст. Ба ақидаи мо, ҳамин вариант саҳеҳ мебошад.
Дар «Руқаъот»-и шоъир ба унвони Қайюмхон чанд номаи дигар низ мавҷуд аст. Аз номаҳои Бедил бармеояд, ки ӯ писари Оқилхони Розӣ ва додарарӯси Шукруллоҳхони Хофист. Яъне ба писарони Шукруллоҳхони Хофӣ – Шукруллоҳхони Сонию Шокирхон, ки номаи ҳозира аз тарафи онҳо навишта шудааст, тағо мешавад. Қайюмхон шоъир низ буд ва «Фидоӣ» тахаллус мекард. Соли таваллуд ва дигар лаҳзаҳои ҳаёташ маълум нест. Аз як рубоъии Бедил бармеояд, ки Қайюмхон дар соли 1124 (1712) вафот кардааст. Рубоъӣ ин аст:

*Абдулқайюмхони дарёҳиммат,*
*Чун кард аз ин саройи фонӣ реҳлат,*
*Таърихи вафоташ ба ҳисоби таҳқиқ*
*Шуд: «гавҳари мақбули муҳити раҳмат» (1124).*

Шукруллоҳхон – Мирлутфуллоҳ Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст.
296. Шайх Ғулом мустафои Нотиқ – дар ин шахс маълумоти аниқе ба даст наёмад.
297. Мирзо Зайнулъобидин – нигар ба тавзеҳи №206.
297. Мунҳасир – дар инҳисор, дар иҳота.
298. Иттисолу инфисол – бо ҳам пайвастану аз ҳам ҷудо шудан.
299. Мирзо Атоуллоҳ – Мирзо Атоуллоҳи Атотахаллус аз сокинони Муродободи тобеъи Деҳлист. Яке аз шогирдон ва ҳамсуҳбатони Бедил буд.
300. Тӯдаи ғуборолуда, яъне омоҷи иштиёқфарсуда – ишора ба худи Бедил аст.
300 «а». Кинакашӣ – кинварӣ, итиқомҷӯӣ. Яъне тирро аз сина намекашам,ки мабодо, аз паси тир кина берун ояд.
301. Мирзо Зайнулъобидин – нигар ба тавзеҳи №206.
301 «а». Дар тамҳиди он – дар шарҳу баёни он.
301 «б». Носияи аҷз андӯхтан – яъне оҷиз мондан.
301 «в». Замоир – ҷамъи замир, ботин, дил, хотир.
301 «г». Ҳузури давом – суҳбати доимӣ.
302. Ба Оқилхон, аз ҷониби Шукруллоҳхон ва Шокирхон – ин нома дар нашрҳои Лакҳнав ва Кобул ба унвони «Ба Оқилхон, аз Шукруллоҳхон» омадааст. Вале дар баъзе нусхаҳои хаттӣ, аз ҷумла, дар нусхаи №1653 Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсии Тоҷикистон, унвони нома «Ба Оқилхон, аз ҷониби Шукруллоҳхон ва Шокирхон» аст. Ва ҳамин шакли унвон саҳеҳ ба назар мерасад. Зеро аз мазмуни нома бармеояд, ки он аз ҷониби як нафар нею аз номи чанд нафар навишта шудааст. Ин маъниро аз иборaҳои «навиди мунтазирони ташрифи марҳамат», «аз ҳар сари мӯи таслимкешон», «аз ҳар ҷузви бинои суҷудандешон», «ташрифи ҷамъияти ҳоли мо», «сояи он остонро аз саропои мо кам макунод» ва ғайра пай бурдан мумкин аст. Дар ин сурат, мурод аз Оқилхон мир Карамуллоҳ Оқилхони Сонисту мурод аз Шукруллоҳхон Шукруллоҳхони Сонӣ.
302 «а». Сарпеч – дастор, салла, амома.
303. Минтақа (бо итқӣ) – камарбанд, миёнбанд. Минтақаи афлок – хате дар афлок, ки монанд ба камарбанд аст.
303 «а». Хашин – матоъ ва либоси дурушту дағал.
303 «б». Пардаи зуҳур – олами ҳастӣ, дунёи моддӣ.
304. Шукруллоҳхон – нома ба номи Шукруллоҳхони Хофист. Дар нома ишора ба матлаъе (Ҷаҳонтоб матлаъе) шудааст, ки онро Шукруллоҳхони шоъир, яъне Шукруллоҳхони Хофӣ гуфтааст. Ҳамчунин Бедил дар ин нома хотирнишон кардааст, ки ӯ дар ин айём дар фикри таълифи маснавии «Ирфон» ва асари насрии «Чоръунсур» мебошад. Оғози замонии таълифи ин ду асар ба солҳои 1095-1096 (1684-1685) рост меояд, ки замони дар қайди ҳаёт будани Шукруллоҳхони Хофӣ аст. Истидъо – талаб ва хоҳиш.
304 «а». Шофӣ – шифобахш.
304 «б». Ба тақриби – ба муносабати.
304 «в». Оинадорӣ – оина пеши касе доштан, то ба чеҳра ва қадду қомати худ назар кунад. Дар ин ҷо ба маънии баробарӣ ва истодагарӣ.
304 «г». Назми «Ирфон» - ишора ба асари манзуми шоъир «Ирфон» аст, ки таълифаш дар соли 1095 (1684) оғоз ёфта, дар соли 1124 (1712) ба поён расидааст ва 11 ҳазор байтро дарбар дорад. Насри «Чоръунсур» асари насрии Бедил, ки таълифаш дар соли 1116 ба поён расидааст.
304 «ғ». Замони асъад – замони саъид, замони саъодатманд.
304 «д». Ин давлат ва ин саъодат – яъне давлат ва саъодати дидор.
305. Мавлоно Абдулъазизи Иззат – ниг. ба тавзеҳи №258.
305 «а» Ин ғубор ва ин кулфат – ишора ба таваҳҳуми кудурате, ки дар сатри аввал омадааст.
305 «б». Зоти иззат – ишора ба Абдулъазизи Иззат.
306. Мирзо Комгор – Мирзо Комгорхон, яке аз амирони аҳди Аврангзеб (1658-1707), ки то соли 1111 (1699-1700) дар қайди ҳаёт буд. Бедил, ки солҳои 1081-1083 (1670-1673) дар Акбаробод мезист, бо ин амир ошно шуда буд.
307. Тавсанӣ – саркашӣ, нофармонӣ.
308. Ҳарунӣ – сарпечӣ, гарданшахӣ.
308 «а». Ин иқбол – яъне ба пешвоз баромадан.
309. Ҷидор – девор.
310 Пешбандӣ – таҳия ва омода сохтани васоил барои коре.
311. Ҳинои зин – қоши зин.
312. Хамёза – орзу.
313. Шавқи наъл дар оташ – шавқи беқарор.

313 «а». Чамантирозони маҳфили унс – зиннатбахшони маҳфили ошноӣ.
314. Борагӣ – асп, фарас.
314 «а». Зиқаъда – зулқаъда, моҳи ёздаҳуми солшумории ҳиҷрии қамарӣ. Зилҳаҷҷа – зулҳиҷҷа, моҳи охирини солшумории ҳиҷрии қамарӣ, ки маросими ҳаҷ дар даҳаи аввали ҳамин моҳ баргузор мегардад.
315. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ.
316 Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
316 «а». Муттаҳам – туҳматзада, хиҷолатманд.
317. Раъайту Раббӣ – дидам Парвардигори худро. Ишора ба ҳадиси набавии «Раъайту Раббӣ фӣ ҳуллияти ҳамрои – дидам Парвардигори худро дар либоси сурх. Юъминуна билғайби – нигар ба тавзеҳи №224.
318. Бӯи пираҳан – нигар ба тавзеҳи №159 «а».
318 «а». Ба сурате ки – дар сурате ки, дар ҳоле ки.
318 «б». Дар олами одоби ҳузур – яъне дар вақти ҳузур, дар ҳоли ҳузур.
319. Истинбот намудан – берун овардан, дарёфт намудан.
320. Ҳифзулғайб – нигар ба тавзеҳи №65. Дар зовияи ҳифзулғайб – дар ғайбат, дар ғоиб.
321. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
321 «а». Қибоб – ҷамъи қубба. Қубба – бинои гунбаздор, сақфи барҷаста, хиргоҳ.
321 «б». Арзи ибрат – панд додан, насиҳат кардан.
322. Миҷмар – оташдон, киноя аз дунё.
323. Улилабсор – аҳли биниш, бинодилон.
324. Изтирорӣ – зарурӣ, ҳатмӣ.
325. Ба Шукруллоҳхон – дар нашри лакҳнавии куллиёти Бедил унвони ин нома «Ба Шокирхон» аст. Нома агар ба Шукруллоҳхон бошад, пас ба Шукруллоҳхони Сонист.
326. Шукруллоҳхон – ин нома, зоҳиран, ба номи Шукруллоҳхони Хофӣ аст. Итноби таҳрир – пургӯӣ, дарозсуханӣ.
327. Афъоли қудратиштимол – афъоли шомили қударт. Офариниршод – офарандаи раҳнамой, эҷодгари раҳнамоӣ. Ҷумҳури аном – тамоми мардум, ҷамеъи халоиқ. Ҷамеъи афъоли қудратиштимол офариниршоди ҷумҳури аном – яъне тамоми фаъолиятҳои қудратшомили Шумо эҷодгари хислати раҳнамоӣ бар ҳама мардум бод.
328. Муборакбод – ин калима дар ин ҷо ба маънои сарфшаванда ё худ марсуф аст.
328 «а». Караммутасоъид: мутасоъид – суъудкунанда, болораванда, авҷгиранда. Дар ин ҷо ба маънои афзуншаванда.
328 «б». Файзмаворид: маворид – ҷамъи маврид. Маврид – ҷои вуруд омадан, маҳалли вуруд. Тинати файзмаворид – тинати бофайз, тинате ки маҳалли вуруд омадани файз аст.
328 «в». Муъоширон – ҳамдамон, ҳамнишинон.
329. Солиси салоса – воҳиди сегона, сегонапарастии масеҳиён, таҷассуми зоти бечун, ҳазрати Исо ва рӯҳи муқаддас дар шахси як Худо. Муаллифи «Ғиёсуллуғот» дар шарҳи ин ақида навиштааст, ки «қавми насоро ба се Худо қоиланд: Ҳақ таъоло, ҳазрати Исо ва ҳазрати Марям».
Дар «Фарҳанги форсӣ»-и дуктур Муъин таъбири аҳоними салоса, ки ба маънии солиси салоса аст, чунин тавзеҳ ёфтааст: «Назди масеҳиён иборат аст аз аб (падар), ибн (писар) ва рӯҳулқудс».
330. Шуҳуди маротиби асмо – мушоҳидаи мартабаҳои асмо, асмои ҳусно, исмҳои ҳазрати Борӣ.
331. Масъалат – пурсиш, талаб, таманно.
331 «а». Истидъо – талаб ва хоҳиш.
331 «б». Аъзои ҷамъият – ишора ба адресатҳои нома.
332. Шукруллоҳхон – дар нашри лакҳнавии куллиёти шоъир унвони ин нома «Ба Шокирхон» аст. Нома агар ба Шукруллоҳхон бошад, ба Шукруллоҳхони Сонист.
332 «а». Иштиҳор – шуҳрат ва маъруфият, ишора ба ахбори нусратосор, ки дар ибтидои нома омадааст.
333. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ. Дар нашрҳои Лакҳнав ва Кобул таъбири «мир Иноятуллоҳи Шокирхон» дар шакли «мир Иноятуллоҳу Шокирхон» омадааст, ки ғалат аст. Зеро Мир Иноятуллоҳ ҳамон Шокирхон аст (ниг. ба тавзеҳи №4).
334. Байти ҳолӣ – ин таъбирро ба ду маънӣ фаҳмидан мумкин аст. Якум, ба маънии байти муносиби ҳол, байти ифодагари аҳвол. Дуввум, ба маънои байти тозаэҷод, байте ки ҳоли ҳозир иншо шудааст. Ғолибан, муроди шоъир маънии аввал аст.
335. Мирсоҳиби иқболмуносиб – ишора ба Иноятуллоҳи Шокирхон.
335 «а». Мунсаликон – дар ин ҷо ба маънии ходимон ва ҳавохоҳон.
335 «б». Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ.
335 «в». Вадиъат – амонат.
335 «г». Маръӣ – намоён, чашмрас.
335 «ғ». Истиқомат – матонат ва устуворӣ.
336. Ҳалилаву ҷадвор: ҳалила (бо ҳ-и ҳаваз) – дарахтест, ки меваи байзашакли санҷидмонанд дорад. Меваи хушкидаи онро ба ҳайси давои дарди дарунрав, нигаҳдорандаи исҳол ба кор мебаранд. Ин дарахт бештар дар Ҳиндустону Ҳиндучин мерӯяд. Ҷадвор – номи дигараш зурунбод аст. Гиёҳест аз гурӯҳи занҷабилҳо, ки соқаи теризаминии борику дароз дорад. Меваащ дорои донаҳои муъаттар аст. Дар тиб чун доруи қувватбахш ва бодшикан истифода мешавад. Дар мамолики гарме чун Ҳиндустону Малазиё мерӯяд.
337. Инбисоти табъ – болидагии табъ. Инқибоз – қабзшуда, дарҳамкашида, муқобили инбисот.
338. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ.
339. Маншури сарфарозии бедилон – киноя аз номаи Шукруллоҳхон.

340. Ароиз – ҷамъи ариза, яъне нома. Интибоҳ – огоҳӣ ва танбеҳ.
341. Такоҳул – коҳилӣ, танбалӣ, бепарвоӣ.
341 «а». Сохтаам – «сохтаам»-и дуввум ба маънии сунъӣ ҳастам, ғайри табиъӣ ҳастам.
342. Дувоздаҳ сол – таърихи ошноии бевоситаи Бедил бо Шукруллоҳхони Хофӣ соли 1096 (1685) аст ва таърихи вафоти Шукруллоҳхон 1108 (1696).
342 «а». Варта – ҷои хатарнок.
343. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ.
344. Қивом – поя, сутун, бунёд.
344 «а». Ҷовидқивом – абадбунёд.
345. Аз Ҳарӣ то Ҳардвор – Ҳарӣ – номи дигари шаҳри Ҳирот. Ҳардвор – шаҳрест дар Ҳиндустон. Масофаи байни Деҳлӣ то Ҳардвор чилучор куруҳ (88 км) будааст. Нигар Ғиёсуллуғот, моддаи Ҳиндустон.
346. Зайнулъобидини Аҳмад – нигар ба тавзеҳи №206. Ниёз – туҳфа, пешкаш, инъом.
346 «а». Арсаи ахлоқ он сӯи тахайюл бисоти вусъат чидааст – яъне вусъати арсаи ахлоқ дар хаёли кас ҳам намегунҷад.
347. Шукруллоҳхон – зоҳиран, Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст.
348. Иналлоҳа қарибун муҷиб – Ҳар оина Аллоҳ наздик аст ва дуъоҳоро иҷобат мекунад. Ояти Қуръон аст. Вале дар Қуръон дар шакли «Инна Раббии қарибун муҷиб» омадааст. Ниг. сураи «Ҳур», ояти 61.
349. Чинқиличхонбаҳодур – дар нашрҳои Лакҳнав ва Кобул ба ҷои «Чинқиличхонбаҳодур» «Ҳусайнъалихонбаҳодур» омадааст, ки ғалат аст. Дар баъзе нусхаҳои хаттӣ, аз ҷумла, дар нусхаи №2559 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон, «Чинқиличхонбаҳодур» аст ва дар ҳамин шакл дуруст аст (нигар ба тавзеҳи №49). Истидъои ашъор – талаби ашъор.
350. Ниёз – дар ин ҷо ба маънои инъом ва ҳадя. Манзури шоъир ашъори худи ӯст, ки писанди хотири адресат гардидааст.
350 «а». Ба оинадории қабули он ҷаноб – ба сабаби писанд омадан ба он ҷаноб.
352. Фитроки сайдафкани мо бешикор нест – мисраъи Чинқилихонбаҳодур, ки ба Бедил писанд афтодааст.
352. Шукруллоҳхон – зоҳиран, Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст.
352 «а». Калиди қуфлҳои маъзарати обилапоӣ нашавад – маъзарати обилапоиро аз байн набарад. Яъне орзуи саҷдаи остони Шумо на ба ҳаддест, ки узри обилапоӣ пеш оварам ва ба хидмати Шумо нарасам.
352 «б». Накошта – яъне худи Бедил накошта.
352 «в». Мавъуд – ваъдадодашуда, ваъдакардашуда.
353. Мир Абдуссамади Сухан – аз шоъирони маъруф ва аз шогирдони Бедил аст. Тахаллуси хеш низ аз ӯ ёфтааст. Аслаш аз Эрон аст. Дар Акбаробод ба дунё омада, дар ҳамон ҷо касби камол кардааст. Чанде дар шаҳри Гволиёр дар вазифаи нозири ҷизя хидмат намуда, баъд аз он ба шаҳри Акбаробод рафта, дар он ҷо низ машғул ба корҳои маъмурӣ буд. Билохира ҳамроҳи субадори Аҳмадободи Гуҷарот Муборизулмулки Сарбаландхон ба он ҷо рафта, дар соли 1141 (1728-1729) дар ҳамон ҷо вафот кард.
353 «а». Лоязол – бардавом, беохир.
353 «б». Ишъор – огоҳӣ ва ишора кардан.
353 «в». Бодоми парварда – бодоме ки дар асал ё қиёми шар парварда шудааст, омехта шудааст, қандалот.
354. Фӯфил – меваи як намуд дарахти хурмомонанд.
355. Ин ваҳшиён – яъне шикасти шишаҳои эътибор ва инқилоби авзоъи имкон.
356. Бар хаёли якдигар доман афшондан – аз якдигар дурӣ ҷустан, аз ҳамдигар безор будан.
357. Агра – яке аз шаҳрҳои бузург дар шимоли Ҳиндустон, ки бо номи Акбаробод низ маъруф аст.
358. Канаф – ҳимоят, паноҳ, нигаҳдорӣ.
359. Мавлоно Абдулъазизи Иззат – ниг. ба тавзеҳи №258.
360. Ҳодим – вайронкунанда, нобудкунанда.
360 «а». Соликан ва восилан – соликона ва восилона
361. Сода – бенуқта.
362. Видод – дӯст доштан, дӯстӣ, муҳаббат.
363. Сиголидан – андешидан, ба хаёл овардан. Яъне дил агар дар фикри видоъи силки ҳавас афтад, гиреҳаш монанди гавҳар ҳамвор хоҳад шуд.
364. Суҳо – ситораест хурд ва ноъаён, ки дар паҳлуи ситораҳои Банотуннаъш (Ҳафтдодарон) ҷойгир аст. Онро бо чашми ғайри мусаллаҳ дидан душвор аст.
365. Нақоҳат – беҳбудӣ, шифоёбӣ.
366. Банон – ангуштон.
366 «а». Имрӯз ба ин миқдор… аз бех мебарорад – ишора ба беҳбудии дарди даст.
366 «б». Мусаддеъ – дардисардиҳанда.
367. Ламҳа – лаҳза.
368. Ҳаср – иҳота, фарогирӣ. Ҳамл – бардоштан, таҳаммул кардан.
368 «а». Муҳовата – ҳота, доира.
369. Садод – ростию дурустӣ.
370. Ҳимам – ҷамъи ҳиммат.
371. Мавкул – вогузошта, супурдашуда.
372. Суъадо – ҷамъи саъид, яъне хушбахт.

373. Аҳли расм – аҳли дувал, аҳли дунё. Икроҳ – макруҳ, нохуш, нороҳат.
374. Молики вуҷуд – молики меҳрубон, киноя аз зоти бечун.
375. Мудрика – қувваи дарккунӣ, фаҳму идрок.
376. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Хофӣ.
Матҳро – шаҳри Матҳураи имрӯза, ки дар шимоли Ҳиндустон воқеъ гардидааст. Матҳро яке аз шаҳрҳои муқаддаси ҳиндуҳо ба шумор меравад. Наввоб Оқилхон – Оқилхони Розӣ.
377. Исломобод – номи дигари шаҳри Матҳро.
377 «а». Таъаззур – душворӣ, ва душвор шудани кор.
378. Пошикастае чанд – ишора ба ҳамсарони шоъир. Бино бар шаҳодати муаллифи тазкираи «Сафинаи Хушгӯ», Бедил чор маротиба издивоҷ карда будааст.
379. Бисту ҳафтуми ҷимодиюлохир – ҷимодиюлохири соли 1096 дар назар аст, ки баробар ба 31 марти соли 1685 мебошад.
380. Дорулхилофат – шаҳри Шоҳиҷаҳонобод.
381. Каъбаи таҳқиқӣ – ишора ба Оқилхони Розӣ, ки ҳокими Шоҳиҷаҳонобод буд.
381 «а». Мавъуд – ваъдаёфта, ваъдакардашуда.
381 «б». Ошёни ҷамъияти парешонӣ мавқуд ва номуяссар – ишора ба манзили доимӣ надоштани шоъир аст.
381 «в». Потакя – такягоҳи пой, ҷои оромию осудагӣ, яъне манзили зист.
381 «г» Тағйири макон – сабаби тағйири макон кардани Бедил хидмати ҳарбӣ буд. Ӯ аз соли 1085 (1674) то соли 1096 (1685) дар лашкари Муҳаммад Аъзамшоҳ хидмат менамуд.
382. Арзуллоҳу восиъатун – замини Худо танг нест. Ин ҷумла ҷумлаи қуръонист, маъхуз аз ояти 10 сураи Зумар.
382 «а». Мадди умр – бештари умр, қисми зиёди умр. Замоне ки Бедил тарки хидмати ҳарбӣ намуд, 41 сол дошт.
383. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ. Миён Лаълмуҳаммад – ниг. ба тавзеҳи №234.
384. Харқу истисол: харқ – дарронидан, пора кардан. Истисол – решакан кардан. Роҷпутия – қавме аз қавмҳои Майвот.
384 «а». Ин кайфият – яъне ҳодисаи фавти Миён Лаълмуҳаммад.
384 «б». Табаъият – тобеъият, фармонбардорӣ.
385. Зидидарафта ҳарифон ҳанӯз дар гӯшанд – ин порчаи шеърӣ аз қитъае гирифта шудааст, ки дар унсури якуми «Чоръунсур» дар ҳаҷми ҳафт байт мавҷуд аст. Дар он ҷо ба муносабати вафоти яке аз устодони Бедил Шоҳяккаи Озод оварда шудааст.
386. Шукруллоҳхон – зоҳиран, Шукруллоҳхони Сонист.
387. Баҳонаҷӯ – баҳона, илова бар маънои маъмулаш, ки узри беҷо овардан аст, ба маънои дастовез низ истеъмол мешавад. Дар ин асос баҳонаҷӯӣ ба маънии дастовез ҷустан, аз пайи дастовез афтодан аст. Яъне баҳонаҷӯ шахсест, ки мехоҳад, ба касе чизе бадиҳад, ба касе некӣ ва хайру эҳсон намояд. Пас баҳона ҷустани раҳмат ба кадом маъност? Баҳонаҷӯии раҳмат, яъне раҳмати Худованд, ба маънии фарогирифтани он тамоми мардумрост.
388. Ба Шукруллоҳхон – дар нашрҳои Лакҳнав ва Конпур унвони ин нома «Ба Шокирхони» аст. Нома агар ба номи Шукруллоҳхон бошад, ба Шукруллоҳхони Сонист.
389. Оқилхон – Оқилхони Розӣ.

*Давом дорад*

*Мирзо Абдулқодири БЕДИЛ*

# РУҚАЪОТ[4]

178. ДАР ТАНБЕҲИ ШОҲИДИ МУЛҲИД[393]

Бӯзинаи ҳақношиноси моидаи муфтахорӣ, хирси ғуладинги силсилаи наснососорӣ,[394] мӯчинаи зиҳористони[395] иҷтимоъи уюб, гандадаҳони ҳарзабаёнӣ миён[396] Шоҳиди номарғуб дар паноҳи сарчангиҳои[396а] хаёлоти фосида махзул ва манкуб[397] бошанд. Забонии Шоҳ Муртазо мукаррар зоҳир мешавад, ки он мунҳарифи ҷодаи одамиятро тайхайюли авзоъи мо гоҳ-гоҳ ба носури ибрате мехарошад ва араќи инфиъол аксар бар сару руи каллахӯрда[397а] мешошад. Яъне таври таҳрири фалонӣ дар муросалоти Шукруллоҳхону[398] Шокирхон, ки нисбати шогирдӣ доранд, бетамаллуке ва даноате нест. Фуқароро ин ҳама инкисори қадр ҷавҳари фақр нашинохтан аст ва обрӯи эътибори дарвешӣ ба хок андохтан.

Поҷинасабо,[399] тааммуле, ки бар чӣ паҳлу афтодаед? ва моро аз куҷо муъаллим қарор додаед? Фарз кардам, ин бузургон ба ҳукми ахлоқ худро шогирд вонамоянд, ғубори кӯрӣ аз чашми беҳаёи шумо ахз накардаем, ки аз ҳар кӣ осори рубубият мушоҳада намоем, дар муқобил ба даъвии устодӣ бароем. Бо вуҷуди ҳаромтӯшагӣ,[392а] агар намаке аз тамиз медоштед ва одоби таҳрири эшон медидед,ба ҳуқнаи[400] инсоф, албатта, бар фарқи эътиқоди худ меридед. Ҳар гоҳ макотиби ин карамтинатон, бо он ҳама исору эҳсон, мушъири[400а] убудият ва заминбӯс бошад, фақири муҳтоҷро дар ҷавоб агар хок гаштан муяссар наёяд, дар об гаштан чӣ монеъ аст? Соҳибнеъмате, ки тобеъи худро ба матбӯъӣ[400б] воситояд, иршод фармоед, ки дар ҳаққи ситоиши ӯ шоистаи тобеъ чӣ мебояд?

Агар дар хидмати Ҳисомуддини Бухра фатилаи чорокушӣ наёфтаед, ин ҳама беҳифозатии маротиби адаб

---

[4] Давомаш, аввалаш дар шуморахои гузашта.

чарост? ва агар дар суҳбати Ҳарнатх Севара[401] аз мазоқи агҳорӣ[401a] лаззат наёфтаед, инҳо ки нушхор мекунед, аз куҷо? Ба ин бизоъате, ки мо, ғайр аз таъаллуқаи тамҳиди дуъо, хидмате дигар ба ҷо намеорем, дар адои ҳуқуқи эшон умрҳост аз вартаи инфиъол баромадан надорем.

Он пашмуддини коргоҳи боди бурут олати чӣ ғайрат дар мушт дорад? ва аз он тизбофи мошураи[402] газоф ин қадар бебок воҷаҳидан ба имдоди кадом ангушт сар бармеорад? Барқи лаънат номзади маъмурае, ки амсоли шумо хирсонро кадхудои таъайюн баровардааст ва оташи нафрин вақфи биёбоне, ки ин ҷинс ғӯлонро ба номи одам парварда. Кош ғалатандозии дастбурди шуъуре лунгутаи[403] қаландарии шумо медарид, то ба он нақби расвоӣ дар фикри гиребончокии нанг меафтодед ва доди номуси ҳақшиносӣ медодед, ки ҳар ҷо иборати фуқаро масруфи маънии аҳадият аст, манзур ҷуз бениёзиҳои ҳузури мутлақ нест. Дар ҳар сурат, кӯчакдилиҳои[403a] мо ба ин дараҷа иқтизо намуд, ки ҳар сагу гурбаро носеҳи атвори мо бояд буд. Мазо мо мазо,[404] баъд аз ин ба истиғфор бояд кӯшид, вагарна, медонед, ки Бедил Абдулқодир аст, Вассалом.

## 179. АЗ ҶОНИБИ МИЁН МУҲАММАДНАЪИМ БА МИР ШАРАФУДДИН[405]

Соҳибдимоғо, касофати[405a] котиби кӯкнорӣ дабистонро мазбалистон ва мактабро ба мабраз[405б] баровварда. Аз иқтизои табиъати макрӯҳ, ҳар гоҳ ба итлоқи[406] хату китобат мепардозад, алвоҳу авроқи покро ба ғоят чиркин месозад. Шангарфи самғолуди мукаддараш бурозест[407] махлути хуну балғам ва сиёҳии нопоки лифафарсудаш[408] ба хушкӣ гуҳи саги мешам.[408] Аз бетаҳоратии зоҳири касифаш олати хома дар сафаҳоти коғаз кулӯхи истинҷо меҷӯяд ва аз тирагии ботини палидаш куни давот гуҳи сиёҳ бармеораду мебӯяд. Ҳар қаламеро, ки ба мураккаби гандида тар кардааст, ангуштест мулаввас,[410] ки аз мақъади худ баровварда. Мураккаби ғализаш ҳаргиз рӯи равонӣ надидааст, гӯё, ин малъун дар давот меридааст. Миҳбаре[411] дорад аз ҳуфраҳои[412] гуҳдони кӯҳна бенамтар ва қаламтароше аз сафолпораи мазбалаҳо тездамтар. Ё Раб, ки хушкиҳои мижгони хома аз сиёҳии чашмаш равонӣ пазирад ва кундиҳои гизлик[413] аз сахтиҳои ҷигараш фасон баргирад. Ба он гизлик агар банд-бандаш ҷудо намоянд, ислоҳи баҷост ва он сиёҳӣ агар бар рӯяш давонанд, ҷилои рақами муддаъо. Ҷузвдони номатбӯъаш ҷуллест фушурда аз шанҷарфу сиёҳӣ ғозавусур – маандӯз ва давоти номавзунаш куне ба ҳиккаафшурда[414] хомаҳоро равиши иғломомӯз.[415] Филҳақиқат, ҳаммомист, на китоб, ки аксар авқот дар мӯизиҳорихутутташидане мегузорад ва аз луъоби даҳан нура[415a] бар пашми алфоз молидан беҳ медонад. Бе такаллуф, ҳалолхӯр[416] аст. Пайкари касифаш дар шуғли гуҳкашӣ фарсуда ва аъзои мафлуҷ ба хизоби наҷосат олуда. Бо ин ҳама гандагӣ беҳаёест, ки то ба куни миқрозаш ангушт расонанд, микрозвор даҳан ба фаҳш кушодааст ва ё бар пушти сафҳааш даст кашанд, чун сафҳаи тар дарафтода. Аз асари сарояти табъи сусташ мақъади лифа аз дарун рафтани куни давот пушаймон аст ва аз бадҳазмии вазъи наҷас ноли хома чун харотини[417] меъда беруни дар ҳайрон. Хутути парокандаи маъибаш яккалам ҷӯши магас аст ва сарири килки ба гуҳ қарибаш тиззу бас. Вазъи тааммулаш машқи ҳайрат асту тақрир тасалсули диррат.[418] Аз ҳамчу муфсиде чашми ислоҳ доштан, айни фасод аст ва ин ҷинси маҷҳулро ба таълими атфол гумоштан, маҳзи бедод. Бо камоли тезии табъ ҳайф аст, дасти ӯро қалам наменамоянд[419] ва бо вуҷуди ҳиддати[420] зеҳн аҷаб аст, ки нӯки биниашро андаке қатт намефармоянд. Чун номи арбоби фазлро ба вазъи палиди худ ҳаҷве сареҳ намуда, ба гуҳ задааст, агар ба найзаи қалам бар дораш кашанд, сазост ва агар ба каманди риштаи мистар аз ҳалқаш овезанд, баҷо. Алқисса, ҳеҷ бинанда тоби мушоҳадаи ин касофатҳо намеорад, магар табъи ҳамин каннос, ки ҳамаро ба завқ бармедорад. Вассалом.

## 180. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[421] ВА ШОКИРХОН, ЗАМОНЕ КИ БОҲАМ БУДАНД

*Аз бас ба созу барги дурангӣ низоъи мост,*
*Як саҷда бар ду қибла ҳам аз ихтироъи мост.*

Лиллаҳилҳамд, имрӯз дузабонии хома[421a] сарири маънии яктоӣ ба гӯш мерасонад ва таҳрики ду лаб як сафири дуъо баланд мегардонад. Нишоторои ду чашм ба якнигоҳии осори мувофақат муфти тамошои олами ҷамъият ва ишратпироии ду гӯш ба муждаи иқболи якоҳангӣ ғанимати замзамаҳои маҳфили саъодат. Фурӯғи ду шамъ ба равнақафрӯзии як анҷуман сомони анвори ҳузур ва шодмонии ду гул ба тарабандӯзии як чаман мояи баҳористони сурур. Шабистони офоқ ба партави ин шамъҳо то шоми абад равшан ва ҳадиқаи имкон ба шукуфтагии ин гулҳо[421б] то субҳи ҳашр нишотхирман. Пушту рӯи айнаки вифоқ нақши инҳироф мабинод ва рангу бӯи гулшани иттифоқ туҳмати ихтилоф мачинод.

## 181. МУБОРАКБОД, БА ШУКРУЛЛОҲХОН[422]

*Надонам, домани зулфи кӣ аз каф додаам, ё Раб?*
*Садои даст бар ҳам суданам пур мушксуд омад.*

Агар таманно суҷудмоили нақши пое набошад, сар аз гиребон баровардан, ҷуз савдои доғи инфиъол, чӣ дорад? ва агар орзу ниёзандеши қиблаи ҳузуре нест, чашм аз хоб во кардан, ғайр аз захми надомат, чӣ бор орад? Бедилонро агар надоматест, ҷудоиҳои саъодати хидмат аст ва агар инфиъолест, дуриҳои давлати суҳбат. Забонро, ҷуз сипоси он ҷаноб, нафас кашидан хиҷолати гӯёӣ ва дидаро, ҷуз тасаввури он ҷамол, оғӯш кушудан яъси биноӣ. Поябахши мадориҷи камол (ба) муборакбоди изофаи иқтидор расонод ва ҳавохоҳони чамани иқболро мамнуни фазли номутаноҳӣ[422a] гардонод.

## 182. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[423]

*Олами ранг аст сар то пои ман,*
*Дар хаёлат гирди худ гардидаам.*

Нафаси ҳасратқафас дар ҳавои ғубори он остон тапидане сомон накарда, ки ҳарчанд доғаш нақш банданд, ба

афсуни улфати дил тавонад орамид ва нигоҳи бетоқатафвоҳ[424] ба завқи ҳузури он анҷуман чандон аз худ нагусехта, ки агар ҳама тори анкабуташ фарз намоянд, бар завоёи хонаи чашм тавонад танид. Замони вусули мурод аз фурсати ҳаракоти анфос баъид мабод ва авқоти ҳусули таманно аз муҳлати имтидоди зиндагӣ дурӣ мабинод.

### 183. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ЗАМОНЕ КИ ФАҚИР, БА САБАБИ БОРИШ, АЗ РОҲИ САҲОРАНПУР[425] БА ДЕҲЛӢ БОЗГАРДИД

*Ҷамъе ки по ба манзилу фарсанг мезананд,*
*Дар ёди домани ту ба дил чанг мезананд.*

*Чун ман касе мабод намандуди[425а] инфиъол,*
*К-аз акси номам оинаҳо занг мезананд.*
*Гоҳе ба Каъба мераваму гаҳ ба сӯи дайр,*
*Девонаам, зи ҳар тарафам санг мезананд.*

Умедгоҳо, ҳолате аз сабукрӯҳиҳои абри баҳор мушоҳада намуд, ки дар дами шамшери обдор мутасаввар набуд. Аз мақоми Лунӣ то Шайхпура[426] қасди роҳ ҷуз ба саъйи шино муяссар наёмад. Ҳарчанд нафаси тараддуд сӯхт, ғайр аз арақи хиҷлат чароғи роҳе наяфрӯхт.

Мисраъ:

*Хас пиндорад, ки ин кашокаш бо ӯят.*

Гиря бар аҳволи яъсмаол беш аз борон воҷиб дид ва бо инфиъоли ҳазор тардоманӣ сели инони азм бозгардонид. Замони вусули саъодат андаке ба таваққуф афтод, аммо тасаввури маҳрумии ҷамол бисёр заҳмат дод. Коре, ки аз саъйи бедилон бармеояд, аз ин олам[426а] ҳазор дар мекушояд. Ҳанӯз анвоъи ҳасрат боқисту ҳамон махмуриҳои таманно соқӣ.

Рубоъӣ:

*Маъзурии мо на нангу не оре дошт,*
*Софе бедурду боғи бехоре дошт.*
*Аз қудрати аъмол хиҷолат чидем,*
*Кори нокарда музди бисёре дошт.*

Бе такаллуф, агар шиквае ҳаст, аз бедилист,[426б] вагарна, дар ин сафар сайри олами обе ва кайфияти дашту даре ба муъоина нарасид, ки мебояд умрҳо ба хаёлаш соғари таҳайюр кашид. Тафсили арзи мақомот баъд аз ҳусули давлати дидори ҳузур маъруз хоҳад дошт. Итноб кудурати табъи бениёзиинтисоб[427] мабод.

Фард:

*Корҳо бо ғайрати ишқи ғаюр афтодааст,*
*Шаш ҷиҳат дидору моро аз гиребон чора нест.*

### 184. БА КАРАМУЛЛОҲХОН

*Баски яъси нотавонӣ дар мизоҷам реша кард,*
*Бар забони хома ҳарфи муддаъоям нол[428] буд.*

Ҳусули орзуҳо аз ҳад беш ва аҷзи маротиби бедилиҳо ҳама ҷо дар пеш. Агар қадам ба роҳ мегузорад, сар аз зону наметавонад бардошт ва агар сар ба пеш меафканад, эътимод бар қадам наметавонад гумошт.

Байт:

*Ба ҳастӣ аз гудози инфиъолам нест таскине,*
*Ҷабин ҳам, кошкӣ, медошт чун мижгон арақчине.*

Дар ин айём ҷаҳде ба хотир андешида буд, ки пеш натавонист бурд ва ҳавое дар димоғ бол мезад, ба ғубори норасоӣ афсурд. Ё Раб, ки эҳроми Каъбаи мақсуд иъода[428а] ба таҷдид фармояд, то Бедили маҳрум аз нанги вомондагӣ барояд.

### 185. БА ШОКИРХОН, ТАЪРИХҲОИ ФИҚРОТ ДАР МУБОРАКБОДИ ҲУКУМАТИ ШОҲИҶАҲОНОБОД

Иқтидори баҳори мулку милал,[429] истиқлоли ақсоми илму ъамал, дастгоҳи аломати ҷоҳу ҷалол, оростагии сулаймонии иззу иқбол, маъориҷи гулбозии шавкат, мадориҷи ҷаҳоннамоии рифъат, дороии маҳобати душмангудозӣ, компронии маноқаби дӯстоннавозӣ, ҷоҳи давлати хонӣ, иҷлолу ишрати ҷовидонӣ, ҳукумати мубораки Шоҳиҷаҳонобод, ба хонсоҳиби кавокибливо муборак бод.

### 186. БА МИРЗО АБУЛХАЙР,[430] КИ МУДДАТЕ ХУДРО АЗ СУҲБАТ ВОДОШТА БУДАНД

*Агар зи барқи тапишҳои дил асар гирад,*
*Забон, чу риштаи шамъам, ба ҳарф дар гирад.*

Шарҳи ошуфтагиҳои турраи аҳвол ба шонапардозии саъйи қалам, ки ду забони лол[430а] беш надорад, муҳол ва кулфатизҳории зангорҳои табъ ба оинадории[430б] вазъи давот, ки зиёда аз як чашми кӯр наменамояд, афсонаи ваҳму хаёл. Аз ҳангоме, ки қосидони номаву пайғомро қафасандешии ҳиҷоб[430в] гираҳи болу пар аст, фазои синаи аҳбоб аз тапишҳои дил доми кабутар. Давоти чашм аз хушкиҳои тасаввури маҳрумӣ лифаи[430г] нигоҳро чун мижгон беруни дар андохта ва хомаи анфос сиёҳиҳои сувайдо[431] вақфи таҳрири нола сохта. Содагиҳои сафаҳот, ба ҳукми тағофулсаводии дарси улфат, чун баёзи дидаи қурбонӣ, вараҳи умед баргардонда ва шиканҳои номаҷот, аз фаромушадоии сабақи иттиҳод, чун нусхаи субҳ, сутури синачокӣ хонда.

Бетобиҳои силсилаи орзу ба арзи сатре чанд мижгони тааммул мекушояд ва шикояти кӯтаҳниёзӣ[431а] ба илтимоси шавқ адо менамояд, ки ҳарчанд чамани истеъдоди он баҳори таназзуҳро[432] дар саъйи таровати оризии[432а] бениёзисту аз касби таваҷҷуҳи нашвунумо истиғнотирозӣ, аммо ба тааммулкадаи зуҳури асбоб[432б] гармоҳангии сози ҳар гуле мавқуфи шуълаи овози булбулест ва абири[432в] раънокисватии ҳар сарве марҳуни хоксории қумрие.

Ҳайфи қадршиносиҳо, ки он шамъи анҷумани вифоқ[432г] кудурати ғайрати авҳомро фонуси чароғи ягонагӣ писандад ва хилофи аҳди инсоф, ки ба илтифоти парвонаҳои бедил напайвандад. Нафаси субҳи ишрат, чун тори[433] шабҳои надомат, дастгоҳи расоӣ надорад ва хамёзаи фурсати шукуфтагӣ, беш аз нигоҳе, оғозу анҷом намешуморад. Офтоби маҷозсӯзи ҳақиқат аз уфуқи бениёзӣ дар камини ламъаи зуҳур аст, мабодо, вақте беҳиҷоб гардад, ки дидаҳо фарши хоби ғафлат бошаду ҳушҳо маҳви ғубори кулфат. Ҳайратободи тахайюли ҳастӣ бисотест, аз тангии оғӯши улфатҳо, фазои ҷамъияте ба ҳам расонида ва тавахҳумкадаи баҳори зиндагӣ, аз рабти иттифоқҳо, ғунчаи дило ба маърази тааммул дамонида. Муфти фурсатҳост, агар гусехтагиҳои риштаи суҳбат ақди мувофақат бандад ва занги васвосҳои оинаи хотир ба сафои сайқали иттиҳод пайвандад.

Байт:

*Сайри ин гулшан ғанимат дон, ки фурсат беш нест,*
*Дар тилисми хандаи гул болу пар дорад баҳор.*

187. БА ШОКИРХОН

*Шавқи дидоре, ки аз дил боли ҳасрат мекашад,*
*То ба мижгон мерасад, оғӯши ҳайрат мекашад.*

Оҷизнавои замзамаи ситоиш ба чӣ оҳанг сарояд? то аз инфиъоли норасоиҳо барояд ва ҳайраттақрири муқаддимаи сано аз чӣ мақула[433а] забон кушояд? то зангори хиҷлати безабониҳо возудояд.

Рубоъӣ:

*Ё Раб, сероби ҷоҳу шавкат бошӣ,*
*Сарсабзи риёзи айшу ишрат бошӣ.*
*Эй гулбуни боғи орзуи Бедил,*
*Ҳар ҷо бошӣ, баҳори қудрат бошӣ.*

188. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР ШУКРИ АҚМИШАИ[434] ЗИМИСТОНӢ

Хомаи ниёзсарирро аз рашаҳоти саҳоби фазл нигоштан ъаламИ ифтихори найистонӣ ба дӯши болидагӣ бардоштан аст ва сафҳаи аҷзтаҳрирро ба тааммули маъниҳои карам пардохтан хаймаи эътибори осмонӣ ба таноби сутур афрохтан. Андешаро дар тасаввури эътои шоли сиёҳ ба либоси Каъба нозидан аст ва нигоҳро ба мушоҳадаи тафвизи ин сурма[435] дар оғӯши мардумак нагунҷидан. Ҷомаворҳои чҳит[436] бар саропои орзу кайфияти баҳор пӯшонида ва чираҳо[437] ба ҳазор рангинӣ чаманҳоро гирди сар гардонида. Дурияҳои[438] сафед яккалам бар баёзи субҳ хат кашиданд ва ризоиҳои[439] рангин якдаст абраи шафақро помоли астари таслим гардониданд. Алачаҳо, бо вуҷуди дурангӣ, қумоши ғайрият аз миён бардоштаанд ва ба иборати сутури мухталиф ҳамон маънии яктоӣ нигошта. Шукри ин ҷинс маротия аз ҳар буни мӯ забонҳои ҳамд рӯёнидаву мерӯёнад ва таъзими ин қумош[440] икром аз ҳар узв саҷдаи ихлос дамонидаву медамонад.

Байт:

*Он ки моро з-ин атиёти тараҳҳум кард ёд,*
*Фазли Яздонаш тирози хилъати иқбол бод.*

189. БА МИРЗО ФАЗОИЛ,[441] ДАР ТАЛАБИ ҒИҶҶАКИ МУРАТТАБ

Қонуни авотифи[441а] он маҷмӯъаи ахлоқ аз мухолифнавозиҳои авзоъи замон дар пардаи доираи амну амон ҷамъиятоҳанги шавқи давом бод.

Мухлиснавозо, агар ҳусни бесохтаи ғиҷҷак ба ороиши гесӯи тор силсилаперои нағамоти вифоқ гардида бошад, бенавоёни маҳфили орзуро садоворе мавсули мақомоти сурур гардонанд, ки нафаси мутараддид,[441б] чун камонча, мукайяди хароши сина асту нигоҳи мунтазир, чун мӯи чинӣ, маҳви косаи чашм. Мизроби шавқро мутаҳаррик ва замзамаи таманноро мутасоъид ангоранд[442] ва ҷамеъи мутараннимони анҷумани ҳузурро дамсози даъвоти ихлос шуморанд. Зиёда оҳанги иштиёқ аст. Вассалом.

190. БА МИРЗО МУҲСИН, АЗ ҶОНИБИ ЗАЙНУЛЪОБИДДИН[443]

Баъди ороиши ҳамди мубдиъе, ки турраи ҳоли офаринишро печутоби ихтилофи истеъдоду интизоми ҷамъият бахшида ва оинаи камоли бинишро ба пардози ҷавҳари огоҳӣ дар силсилаи ҳайрат кашида, агар ба муболағаи нафсуламри[444] шавқи беихтиёр пардозад, норасоии изҳор домангири баён аст ва агар ба ороиши бесохтагиҳои орзуи музтариб ҷуръат варзад, нотамомии достон банди забон. Баситии ин муҳит[445] тӯфоне ҷилва намедиҳад, ки ба такопӯи амвоҷ хаёли ҳамоғӯшии канор метавон андешид ва вусъати ин саҳро[446] домане намекушояд, ки ба сабуксайрии насоими андеша ғубори пиромунаш тавон гардид. Ночор арзи инкисоре ба ҷабини саҷдафарсои хома вомегузорад ва гавҳари ниёзе ба силки мистар арз медорад, ки ҳарчанд адами ҳузури суварӣ, ба ҳукми тақдир, ногузири дидаи ҳайратмаол аст, андешаи муштоқро аз шуҳуди мароҳими маънавӣ тасаввури ғайбат муҳол.

Рубоъӣ:

*Гар нест ҳузури чаманат дастрасам,*

*Ёдест ҳамон мӯниси кунҷи қафасам.*
*Зуннори вафо, ки дил ба гардан дорад,*
*Пайдост зи печутоби тори нафасам.*

Марҳаматуслуб мактубе, ки ғунчаҳои алфозаш бо кушоди укдаҳои дил тавоҷҷуҳи ҳампайвандӣ дошту ба ҷавоҳири сурмаи хутут равшансаводии дидаи интизор менигошт, дили муҳаббатманзилро, ки шуълаи изтироб, чун нафас, каманди гардан буду доғи таманно ҷузви бадан, аз гулхани ҳирмон ба гулшани итминон[446a] ҳидоят фармуд. Ҳамчунон дидаи ҳасратнигоҳро, ки ҳуҷуми ашкаш баҳори шабнамӣ дошт – тасаввургудози тоқатфурӯшӣ ва риштаи интизораш каманде буд – ҷинфарсудаи яъсоғӯшӣ, аз кӯчаи изтирор ба анҷумани тасаллӣ роҳ намуд. Мутаваққеъ аст, ки ҳам бар ин дастур, то ҳусули давлати дидор, боли номабарони матолиби алтоф ҳампарвози дидаи интизор ангоранд ва овози пои қосидон ҳамсадои тапишҳои дил шуморанд.

191. БА МАВЛОНО АБДУЛЪАЗИЗИ ИЗЗАТ,[447] ДАР ИЗҲОРИ ИШТИЁҚ

*Ёди он фурсат, ки айши ройгоне доштем,*
*Саҷдае, чун ростон, бар остоне доштем.*

Умрҳост, оинаи тасаввури шавқ, ба ҳукми беихтиёрӣ, занги таҳайюр баста ва ҳамчашми ҳалқаи доғ, бар дари дили маъюс нишаста. На тоқати таҳрики ашке, ки ба имдоди ҳамъинонияш имкони хокбӯсӣ тавон фаҳмид ва на сомони парвози оҳе, ки ба қуввати парафшонияш ғубори афсурдагӣ ба домани ваҳшате тавон печид. Ҳар гоҳ гардани иродат ба каманди саъй вомегузорад, иқтизои норасоиҳои маҳрумӣ бор меорад. Болафшонии шабнами заъиф, бе ҷазбаи офтоб, ҳамон араќи талош дар пои худ рехтан аст ва парвози ғубори нотавон, бе имдоди насим, хок бар фарқи шӯхӣ бехтан. Хаёли ин ҷинс шикваҳо низ дӯкони молихулиё[448] кушодан асту қалби беэътибореро авзони эътибор ниҳодан.

Фард:

*Моему ҷабҳаеву суҷуди ризои дӯст,*
*Андешаи фироқу ҳавои висол чист?*

Аммо девонагиҳои табиъати меҳрпараст маъзури савдои ақсоми орзуҳост ва тифлмизоҷиҳои дили илтифотҷӯ маҷбури андешаи анвоъи таманно. Ба ҳар сурат, дар гӯшаи аҷзу норасоиҳо мутарассиди[449] василаи гӯшаи доманест, то бедаступоии ин мушти ғубор ҷабине бар он остон тавонад суд ва муштоқи васотати оинае, то ба сурати ин нусхаи орзу ба анҷумани дидор роҳе тавонад кушуд.

Фард:[450]

*Парвози орзу ба ҳавои санои туст,*
*Дар сина ҳар нафас,ки биболад, дуъои туст.*

192. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[451] ФИҚРОТИ ТАЪРИХИ ВАЛОДАТИ ФАРЗАНД

Хуррамиҳои баҳори огаҳӣ,[452] сарсабзиҳои иди шоҳаншаҳӣ, фалакдаргоҳии маротиби поянадагӣ, рафеъушшаънии оромгаҳи зиндагӣ, зеби ҳангомаи ишрат, ороиши маҳфили давлат, мақдами иқболтавъами соҳибзодаи осафҷаноб, навиди тарабэҷоди ҷамҷоҳи саъодатрикоб, ба хонсоҳиби амҷад оли Тоҳо муборак.

193. БА ШУКРУЛЛОҲХОН, ДАР ШУКРИ ИРСОЛИ ДОЛИИ АНБА[453]

*Нахли карами ту то самар мебандад,*
*Ҳайрат ҳама сӯ роҳи назар мебандад.*
*Шукри наъмои ту, ки дил маркази ӯст,*
*То ояд бар забон, шакар мебандад.*

Вуфури асрори атиёт[454] аз ҳар тариқ ба ҳуҷуме напайваста, ки забони шукр, агар сари мӯе ҷои худ холӣ тавонад ёфт, то осмон нанолад ва ҷӯши осори алтоф аз ҳар ҷиҳат ба истиқболе пеш наёмада, ки дасти дуъо, агар мижаворе роҳи баландӣ тавонад шикофт, сина бар арш намолад. Таъдоди ҳаловатҳо вақте ба баён рост ояд, ки забон аз макидан боз монад ва шумори неъмат замоне ба тақрир расад, ки лаб аз мазидон[455] инон гардонад. Ин ҷо маънии шукр ҳам дар иборати ато мутолаъа намудан аст ва ҳақиқати дуъо ҳамон бар ҷамоли ишфоқ чашм кушудан.

Қитъа:

*Надонам, анба пайғоми кӣ дорад?*
*Ки меҷӯшад зи номаш бӯса чидан.*
*Ҳаловатҳо ба коми қисмати мост,*
*Ба ҳар ҷо навбараш дорад дамидан.*
*Ҳама гар дар Саҳаранпур[456] болад,*
*Ба Деҳлӣ боядаш маҳмил кашидан.*
*Инонгирӣ надорад реша ин ҷо,*
*Ҳанӯзаш бо самар бояд давидан.*
*Чӣ эъҷоз аст?, к-ин ҷӯши ҳаловат*
*Дар он ҷо мева аст, ин ҷо расидан.*
*Ба ҳар тақдир, аз шукри иноят,*
*Забон бо анба мебояд макидан.*

194. БА ШУКРУЛЛОҲХОН,[457] ДАР ТАЪРИХИ ФАРЗАНД

Лиллаҳилҳамд, имрӯз чамани фазли Ҳақ чеҳрапардози як олам тарабчӯшист ва баҳори файзи мутлақ рангиниоғози ҳазор анҷуман ишратхурӯшӣ. Дидаҳоро аз ҳуҷуми анвори барот[457a] хати шуъоъе бар мижгон овардан асту гӯшҳоро аз нишоти ахбор садои хандаи гул дар димоғ парвардан.

Рубоъӣ:

*Он ҷо ки румузи чарху ахтар хонданд,*
*В-аз сафҳаи кавн хатти меҳвар хонданд,*
*Соли эҷоди ин таҷаллиматлаъ*
*Доноён «субҳи ҳафт кишвар»[458] хонданд.*

Муҷиди ҳақиқӣ ба адади амвоҷи муҳит забони муборакбоди ин атия орояд ва ба тӯли муҳосабаи айём тӯмори таҳнияти умру давлат кушояд.

195. БА ШУКУРУЛЛОҲХОН,[459] ДАР ТАҲНИЯТИ ИЗОФАИ МАНСАБ

*Ҳазор оина чун товус мехоҳад тамошоят,*
*Ба қадри шӯхии ранге, ки дорӣ, чашми ҳайрон шав.*

Карашмаи фазли эзидӣ аз оинаи мо ранге ба ҷилва намеорад, ки андешаро, ғайр аз баҳор будан, чорае дигар тавонад буд ва кайфияте аз соғари мо арз намедиҳад, ки тасаввуре, ҷуз хумистони ҳайрат, таҷаллие тавонад паймуд. Умеди бедилони ҳазрати самадият зуҳурмуштоқи ҳазор ранг маротиб асту ҷилваинтизори чандин нашъаи муносиб. Уруҷи ин дараҷот бениҳоят бод.

196. БА КАРАМУЛЛОҲХОН

Кароматъунвонномa, яъне сози замзамаҳои дилнавозӣ ва шафқатсаводмактуб, яъне маҷмӯъаи асрори бениёзӣ, ба мутолаъаи ғазали маъорифмасал хумистоне ба ҷӯш овард, ки забони шикастабаён аз соғари тақрираш хат бар кайфиёти лағзиши мастон кашид[460] ва нигоҳи ҳайратъунвон ба тамошои таҳрираш сарриштаи мастӣ то сари мижгон расонид. Паймонаҳои даври карам беинтиҳо ва нашъаи илтифотҳои расо ҳазорболо.

197. БА ШУКРУЛЛОҲХОН[461]

*Фазли Яздон ҳама дам шомили ҳол аст ин ҷо,*
*Ғайри фатҳу зафар аз адл муҳол аст ин ҷо.*

Осори тасаллут ва ғалаба камоли партавест аз он зоти файзоёт, ки дар ҳеҷ вақте хатраи[462] тағофули аҳволи шикастагон пиромуни хаёли тараҳҳум нагузаштаву намегузарад ва ба ҳеҷ ҳолате андешаи озори аҷзтинатон хори домани таваҷҷуҳ нагаштаву намегардад. Самари ин нийёт[463] пешраси ҷамеъи таваҷҷуҳот шуморанд ва натоиҷи ин хатарот[464] пешоанги сози яқин ангоранд.

Мисраъ:

*Забони мову дуъои ту тавъами азалист.*

Соғари базми фатҳу нусрати мудом саршор ва гулбуни ҳадиқаи айшу ишрат ҳамешабаҳор.

198. БА ЧИНҚИЛИЧХОНБАҲОДУР[465]

Шукри фазли Эзид ба ҷо меорад,[466] ки аҷзои[467] муҳаққари бедилон ба юмни нашъаи қабул файзандӯзи ҳусули куллият гардид ва авроқи бесиёқи[468] ошуфтагон дар партави нигоҳи маънипаноҳ сарришта ба вусули шерозаи давом расонид. Мизроби қонуни ин мароҳим ҳаракоти азалӣ дошт, ки имрӯз гӯши мунтазиронро ба замзамаи огоҳӣ навохт ва осори маротиби ин икром билқувва табиъати асрор буд, ки билфеъл[469] тарҳи ишфоқи рубубият андохт. Вуруди афкори хуршеданвор пайваста муштаҳари[469a] оёти ҷаҳонгирӣ ва тулӯъи маънии қудрат ҳамвора бениқоби ҷилваи офоқтасхирӣ.

199. БА КАРАМУЛЛОҲХОН

Банданавозо, авқоти ихлосмандон ҷуз такрори мазомини дуъо чӣ хоҳад буд? ва табаддули аҳволи хайрталабон ғайр аз таҷдиди сабақи ҳамду сано чӣ во тавонад намуд? Нафасе дар сина бол намеафшонад, ки ҷунуни тапиш омодаи фиғон нагардонад ва нигаҳе дар дида пар намезанад, ки завқи интизор бар дари хонааш нанишонад. Агар лаби миҳдатоҳанг ба таҳияи адои сухан қуръаи таҳрик андозад,[469б] гӯши муштоқ азҷодаромадаи овози пост ва агар нафаси итнобмунфаъил[470] ба оини одоби хамӯшӣ пардозад, тасаввури бетоб оинанамои ҳузури лиқо. Таҳрири сурати ин ҳол фурсаткамини хонаи тааммул мабод ва ҳусули нашъаи ин орзу интизори соғари адвор мабинод. Бо ин ҳама истеъдоди шавқ, саъйи бечорагӣ роҳи ишқ аст, ки ночор хиффати ҷудоӣ бояд дид ва бо вуҷуди якдилиҳо, хиҷлати бӯи пираҳан бояд кашид.

Рубоъӣ:

*Дӣ хуфт. Кӣ? Ноқа. Дар куҷо хуфт? Ба гил.*
*Кардам. Чӣ? Фиғон. Аз чӣ? Ба ёди манзил.*
*Дод аз кӣ? Зи худ. Чаро? Зи саъйи ботил.*
*К-афтод. Чӣ? Бор. Аз кӣ? Аз сар. Бар дил.*

**ТАВЗЕҲОТ ВА ШАРҲИ ЛУҒОТ**

390. Алоуддини Мутаваккил – яке аз дӯстони Бедил.

391. Мумийилайҳ – шахси зикршуда, яъне Алоуддини мазкур.
392. Зиллукум мамдуд – сояи Шумо поянда бод. Умри Шумо дароз бод.
393. Мулҳид – мункири Худо, бедин.
394. Наснос – одами ҷангалӣ.
395. Зиҳор – олати таносули мард ё зан ва атрофи он, ки мӯй аз он рӯяд.
396. Миён – нигар ба тавзеҳи №234.
396 «а». Сарчангӣ – дастро ба зӯр бар сари касе задан. Дар ин ҷо ба маънии неру ва қудрат.
397. Махзулу манкуб: махзул – зору залил. Манкуб – накбатзада, ранҷур.
397 «а» Каллахӯрда – сархӯр ва бехосият.
398. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ.
399. Поҷӣ – паст ва фурӯмоя.
399 «а». Ҳаромтӯшагӣ – ҳаромхӯрӣ, кӯрнамакӣ.
400. Ҳуқна – имола, клизма.
400 «а». Мушъир – баёнгар, аломат, нишона.
400 «б». Матбӯъӣ (бо т-и оддӣ) – пайравӣ, тобеъият.
401. Ҳарнатҳ Севара – номи шахсе аз пайравони мазҳаби шивоӣ.
401 «а». Агҳорӣ – номи умумии пайравони мазҳаби шивоӣ.
402. Мошура – найчаи борике, ки дар даруни мокуи бофандагӣ гузошта мешавад.
403. Лунгута – лунгиест кӯчак, ки дарвешону фақирон бар миён банданд.
403 «а». Кӯчакдилӣ – тавозуъ ва хоксорӣ.
404. Мазо мо мазо – гузашт, ки чӣ гузашт.
405. Миён Муҳаммаднаъим ва мир Шарафуддин – шахсиятҳои ин ду нафарро аниқ кардан натавонистем.
405 «а». Касофат – ифлосӣ, палидӣ, чиркинӣ.
405 «б». Мабзал – мабзала, ҷои рехтани саргин ва хокрӯба. Мабраз – ҳоҷатхона.
406. Итлоқ – ба маънои иҷро намудан, анҷом.
407. Шангарф – як навъ санги маъданӣ, ки гарди сурхи қаҳварангаш дар наққошӣ ва хаттотӣ ба кор меравад. Самғ – моддаи часпаке, ки аз танаи дарахт баромада, дар офтоб сахт мешавад, шилми дарахт. Буроз – саргини одам.
408. Лифа – пораи пашм, абрешим ва ғайра, ки барои нашикастани нӯги қалам дар даруни давоти рангдор мегузоранд.
409. Саги мешам – саги пашмин, саги сермӯй.
410. Мулаввас – ифлос, наҷис, нопок.
411. Миҳбар – сандуқчаи кӯчак, ки дар он лавозими таҳрирро ҷой диҳанд.
412. Ҳуфра – мағок, чуқурӣ.
413. Гизлик – кордча, чоқу.
414. Ҳикка – хориш, маразе ки сабаби хориши бадан шавад.
415. Иғлом – шаҳват.
415 «а». Нура – доруе, ки барои дур кардани мӯй истифода мешавад.
416. Ҳалолхӯр – каннос, ахлоткаш. Шахсе ки ба анҷоми корҳои ба истилоҳ паст ва ифлос машғул аст.
417. Ноли хома – чӯби борик ки дар миёни қалам бошад, рагу решаҳои борик, ки аз миёни қалам барояд. Харотин – як навъ кирми дарози сурх ки дар меъда пайдо шавад.
418. Диррат – тозиёна, қамчин, дарра.
419. Қалам намудан – буридан, кӯтоҳ кардан.

420. Ҳиддат – кундӣ.
421. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ.
421. Дузабонии хома – ишора ба нӯги душохаи хома.
421 «б». Ин шамъҳо ва ин гулҳо – киноя аз Шукруллоҳхону Шокирхон.
422. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ.
422 «а». Номутаноҳӣ – беохир, бепоён, бениҳоят.
423. Ба Шукруллоҳхон – дар нашрҳои Лакҳнав ва Конпур унвони ин нома «Ба Шокирхон» аст. Нома агар ба Шукруллоҳхон бошад, ба Шукруллоҳхони Сонист.
424. Афвоҳ – ҷамъи фӯҳ, яъне даҳон. Дар ин ҷо ба маънии шуҳрат.
425. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ. Саҳоранпур – нигар ба тавзеҳи №29.
425 «а». Намандуд – намолуд, рутубатнок.
426. Лунӣ (ё Лавнӣ) ва Шайхпура – ду мавзеъ, ки дар байни Деҳлӣ ва Саҳоранпур воқеъ будаанд.
426 «а». Аз ин олам – аз олами нотавонӣ.
426 «б». Бедилӣ – беҷуръатӣ, бечорагӣ.
427. Итноб – тӯли сухан, пургӯӣ. Интисоб (бо син) – нисбат, наздикӣ.
428. Нол – ноли хома. Нигар ба тавзеҳи №417. Намоён шудани ноли хома боъиси аз кор мандани он мегардад.
428 «а». Иъода – аз сар гирифтан, аз нав ба ҷо овардан.
429. Иқтидори баҳори мулку милал – ин ибора ва дигар иборахо, ки бо вергул ҷудо шудаанд, ҳама моддаҳои таърихаңд, ки аз ҳар кадомашон санаи 1110 (1698-1699) бармеояд, ки таърихи ҳокими Шоҳиҷаҳонобод таъин шудани Шокирхон аст. Дар ибораи «иҷлолу ишрати ҷовидонӣ» вови байни иҷлолу ишрат аз ҳисоб

берун аст.
430 Мирзо Абулхайр – аз мазмуни нома ин қадар маълум мешавад, ки яке аз дӯстони Бедил аст.
430 «а». Ду забони лол – нигар ба тавзеҳи №421 «а».
430 «б». Оинадорӣ – дар ин ҷо ба маънии мадад ва кӯмак.
430 «в». Ҳиҷоб – дар ин ҷо ба маънии танҳоӣ ва гӯшанишинӣ, қафасандешии ҳиҷоб – танҳоӣ ва гӯшанишиниро қафас тасаввур намудан, ба қафаси танҳоӣ рӯй овардан, гӯшанишинӣ ихтиёр кардан.
430 «г». Лифа – нигар ба тавзеҳи №408.
431. Сувайдо – нуқтаи сиёҳе, ки гӯё, дар маркази дил воқеъ бошад.
431 «а». Кӯтаҳниёзӣ: ниёз – дар ин ҷо ба маънии ҳадя, туҳфа, меҳрубонӣ, таваҷҷуҳ. Кӯтаҳниёзӣ – камтаваҷҷуҳӣ, камилтифотӣ. Шикояти кӯтаҳниёзӣ – шикоят аз камтаваҷҷуҳии шахси адресат.
432. Баҳори таназзуҳ – киноя аз Мирзо Абулхайр.
432 «а» Оризӣ (бо айну зол) – беморӣ. Дар ин ҷо ба маънии одат.
432 «б». Ба тааммулкадаи зуҳури асбоб – яъне дар олами имкон.
432 «в». Абир (бо айн) – навъе аз хушбӯӣ, ки аз мушку заъфарон, гулоб, сандал ва ғайра таркиб ёфтааст. Дар ин ҷо ба маънии ҳусну зебоӣ.
432 «г». Он шамъи анҷумани вифоқ – яъне адресати нома Мирзо Абулхайр.
433. Тор – торикӣ.
433 «а». Мақула – боб, бора, хусус.
434. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ. Ақмиша – ҷамъи қумош, яъне сару либос.
435. Тафвиз – бахшидан, вогузор кардан. Ин сурма – яъне шоли сиёҳ.
436. Ҷҳит – чит, навъе аз газвор.
437. Чира – дасторе ки гирди сар печанд, салла.
438. Дурия – дурӯя, матоъ, ки пушту рӯи якхела дорад.
439. Ризоӣ – болопӯши тунуки пахтагӣ.
440. Таъзим – миннатдорӣ. Қумош – дар ин ҷо ба маънии навъ, намуд. Ин қумош икром – ин хел икром.
441. Мирзо Фазоил – зоҳиран, фарзанди Мирзо Муҳаммад.
441 «а». Авотиф – ҷамъи отифат, яъне меҳрубонӣ, илтифот, раҳму шафқат.
441 «б». Мутараддид – тараддудпеша, беқарор, дар изтироб.
442. Мутасоъид ангоридан – болораванда ва баландшаванда пиндоштан.
443. Мирзо Муҳсин – Мирзо Муҳсини Зулқадр шоъири ҳамъасри Бедил, ки аз айёми ҷавонӣ то охири умр бо Бедил дӯстӣ ва рафтуомад доштааст. Бино бар қавли Хушгӯ, Мирзо Муҳсин аз қавме бо номи Зулқадр будааст ва бо риъояти қавми хеш «Зулқадр» тахаллус мекардааст. Хушгӯ дар бораи иртиботи ӯ бо Бедил чунин навиштааст: Зулқадр «бо ҳазрати Бедил аз сиғари син машҳур (ҳамдам – Б.Р.) ва ҳамтарҳ (ҳамтарз – Б.Р.) буд. Умри дароз ёфта. Фақир ӯро дар камоли пирӣ, ки аз навад мутаҷовиз буд, дар маҷлиси (суҳбати – Б.Р.) Мирзои мағфур (Бедил – Б.Р.) дидаам. Вафоташ дар аҳди подшоҳи шаҳид Фаррухсияр (1713-1719) аст».
Мирзо Муҳсин ғазале дорад, ки дар ҷавоби аввалин ғазали девони Бедил суруда шудааст. Матлаъи ғазали ӯ ин аст:

*Ба гулзоре ки он маҳ менамояд ҷилвагоҳ он ҷо,*
*Катони чашми булбул мешавад мавҷи гиёҳ он ҷо.*

Зайнулъобидин – нигари ба тавзеҳи №206.
444. Нафсуламр – дар ин ҷо ба маънии ҳадди зоти ҳар чиз, ҳадду ҳудуди ин ё он чиз.
445. Баситии ин муьит – яъне вусъати шавқи беихтиёр.
446. Вусъати ин саҳро – яъне бесохтагиҳои орзуи музтариб.
446 «а». Ҳирмон – ноумедӣ. Итминон – оромӣ ва хотирҷамъӣ.
447. Абдулъазизи Иззат – ниг. ба тавзеҳи №258.
448. Молихулиё – бемории димоғӣ, ки боъиси хаёлоти ваҳмангез мешавад. Дар ин ҷо ба маънои суханҳои беҳуда ва дардисаровар.
449. Мутарассид – нигарон, мунтазир.
450. Фард – дар нашрҳои Лакҳнаву Кобул ин фард дида намешавад. Мо онро аз нашри Сафдарии куллиёти шоъир (Руқаъот, саҳ.32) гирифтем.
451. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ.
452. Хуррамиҳои баҳори огаҳӣ – ин таъбир ва дигар таъбирҳо, ки аз ҳамдигар бо вергул ҷудо шудаанд, моддаҳои таъриханд, ки ҳар кадом ба санаи 1110 ҳиҷрӣ (1698-1699) баробар мебошанд.
453. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ. Долии анба – сабади анба. Анба меваест, ки номи дигараш нағзак мебошад.
454. Атиёт – ҷамъи атия, яъне туҳфа, бахшиш.
455. Мазидан – чашидан, ҷуръа-ҷуръа нӯшидан.
456. Саҳоранпур – ниг. ба тавзеҳи №29.
457. Шукруллоҳхон – Шукруллоҳхони Сонӣ.
457 «а». Барот – дар ин ҷо ба маънии номаи муждагонӣ.
458. Субҳи ҳафт кишвар – ин ибора моддаи таърих аст, ки аз он санаи 1111 ҳиҷрӣ (1699-1700) бармеояд.
459. Ба Шукруллоҳхон – дар нашрҳои Лакҳнав ва Конпур унвони нома «Ба Шокирхон» аст. Адресат агар

Шукруллоҳхон бошад, Шукруллоҳхони Сонист.
460. Бар чизе хат кашидан – чизеро ботил кардан, бар чизе хати бутлон кашидан.
461. Шукруллоҳхон – зоҳиран Шукруллоҳхони Сонӣ дар назар аст.
462. Хатра – фикру андеша, он чӣ ки аз дил гузарад.
463. Нийёт – ҷамъи нийят, қасд, азм. Ин нийёт – яъне нийятҳои хори домани таваҷҷуҳ нагаштани андешаи озори аҷзтинатон.
Гуфтан лозим аст, ки дар нашрҳои Кобул ва лакҳнавию конпурии куллиёти шоъир ба ҷои калимаи «нийёт» калимаи «абёт» ва дар нашри Сафдарии куллиёт калимаи «набот» омадааст. Вале ин ду калима (абёт ва набот) на ба мазмуни умумии мактуб иртиботи маънӣ доранду на ба ҷузъҳои алоҳидаи он. Яъне ин калимаҳо дар ин ҷо бемавқеъ ва ноҷо мебошанд. Аммо дар нусхаҳои хаттии «Руқаъот», аз ҷумла, дар нусхаҳои №№ 822 ва 1653 Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсии Тоҷикистон ва нусхаи №2559 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон, ба ҷои калимаҳои абёт ва набот калимаи «нийёт» омадааст ва ҳамин вариант ба назар саҳеҳ менамояд. Зеро ба ибораи пешина, яъне ибораи «хори домани таваҷҷуҳ нагаштани андешаи озори аҷзтинатон» мутобақати маъноию мантиқӣ дорад.
464. Хатарот – ҷамъи хатра, хатрае ки дар ҷумлаи аввали мактуб зикр ёфтааст. Ин хатарот – яъне фикру андешаи дар хаёли тараҳҳум нагузаштани тағофули аҳволи шикастагон.
465. Ба Чинқиличхонбаҳодур – дар нашрҳои Лакҳнаву Кобул унвони ин нома «Ба Ҳусайнқулихонбаҳодур» аст. Дар нусхаи хаттии №2559 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон «Ба Чинқиличхонбаҳодур» аст ва ҳамин унвон саҳеҳ аст. Чинқиличхонбаҳодур, тавре ки гуфтем (ниг. ба тавзеҳи №49), аввалин хитоби Мирзо Қамаруддин ибни Мирзо Шаҳобуддин аст.
466. Шукри фазли Эзид ба ҷо меорад – ишора ба худи шоъир аст.
467. Аҷзо – ҷузвҳо, яъне осор.
468. Бесиёқ – безебу бенур.
469. Билқувва – қуввае ки ба феъл нагузаштааст, қуввае ки ба амал татбиқ нашудааст. Билфеъл – қувваи дар амал татбиқшуда.
469 «а». Муштаҳар – машҳур, шуҳратёр.
469 «б». Қуръаи таҳрик андохтан – азми ҳаракат кардан, моили ҳаракат шудан.
470. Итнобмунфаъил: итноб – тӯли сухан, сухани дароз.

*Мирзо Абдулқодири БЕДИЛ*

**Китобхона**